**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

**ВБД.: 338.24:334.72 (575.3)**
**ББК.: 65.9 (2Т)**
**А – 20**

***Бо ҳуқуқи дастнавис***

**АСРОРЗОДА АБДУЛЛО САТТОР**

# ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ҲАМКОРИИ ДАВЛАТ БО СУБЪЕКТҲОИ СОҲИБКОРӢ ДАР ШАРОИТИ РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДӢ

## ДИССЕРТАТСИЯ

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ)**

**Роҳбари илмӣ:**
**д.и.и., дотсент Хайрзода Ш.Қ.**

**Душанбе-2026**

## МУНДАРИЧА

**МУҚАДДИМА..........................................................................................3**

**БОБИ 1. Асосҳои илмию назариявии ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ...................................15**

1.1. Моҳият ва нақши ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар рушди устувори иқтисодӣ.........................................................................15

1.2. Нақши танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар таъмини ҳамкории самараноки давлат ва бахши хусусӣ........................31

1.3. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун модели муосири ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ..........................................................46

**БОБИ 2. Таҳлили вазъи муосири рушд ва ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ...........................................................................62**

2.1. Моҳият ва нақши ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар рушди устувори иқтисодӣ...........................................................................62

2.2. Рушди низоми молиявӣ ва шарикии давлату бахши хусусӣ ҳамчун омили таъмини устувории соҳибкорӣ......................................................81

2.3. Таҷрибаи ҷаҳонии ҳамкории самараноки давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ.....................................................................................................95

**БОБИ 3. Самтҳои афзалиятноки такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ.........111**

3.1. Рушди ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ва татбиқи технологияҳои сабз........................................111

3.2. Беҳтарсозии муҳити институтсионалӣ ва инфрасохтори дастгирии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон................................................124

3.3. Такмили механизмҳои иқтисодӣ ва молиявии ҳавасмандгардонии ҳамкории давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити иқтисоди устувор..............................................................................................139

**ХУЛОСА ВА ТАВСИЯҲО........................................................................156**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ...............................................................................160**

# МУҚАДДИМА

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Дар шароити муосири рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки бо равандҳои ҷаҳонишавӣ, шиддат гирифтани рақобати иқтисодӣ ва пешрафти босуръати технологӣ тавсиф меёбад, масъалаи рушди фаъолияти соҳибкорӣ ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодӣ табдил ёфтааст. Дар чунин муҳит соҳибкорӣ ҳамчун омили муҳимми рушди иқтисоди миллӣ, баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ баромад намуда, дар заминаи рақамикунонӣ, истифодаи зеҳни сунъӣ ва гузариш ба иқтисоди сабз шаклҳои нави ҳамкории давлат ва бахши хусусиро ташаккул медиҳад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки рушди устувори иқтисодӣ дар аксари кишварҳо маҳз дар заминаи густариши бахши хусусӣ, ишкишофи соҳибкорӣ ва ташаккули муносибатҳои самараноки ҳамкорӣ миёни давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ таъмин мегардад. Аз ин рӯ, сиёсати давлатии дастгирии соҳибкорӣ ва ташаккули механизми самараноки ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ ҳамчун самти афзалиятноки рушди иқтисодӣ муайян гардидааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 28 декабри соли 2023 қайд намуданд, ки «Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 рушди бахши хусусӣ, соҳибкорӣ ва сармоягузориро ҳамчун воситаи асосии ноил шудан ба ҳадафҳои миллӣ муайян намуда, пайваста барои фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати пешбурди фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ тадбирҳо меандешад» [23].

Ин нуктаро метавон ҳамчун далели равшани он арзёбӣ намуд, ки рушди соҳибкорӣ ва тақвияти ҳамкории давлат бо субъектҳои он дар сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи муҳим ва стратегӣ дорад. Дар баробари ин, таҷрибаи рушди иқтисоди миллӣ нишон медиҳад, ки татбиқи

самараноки чунин сиёсат бидуни ташаккули механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ имконнопазир мебошад. Дар ин росто, такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ ҳамчун яке аз шартҳои асосии рушди устувори иқтисодӣ баромад менамояд.

Дар доираи чунин ҳамкорӣ давлат метавонад тавассути механизмҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва институтсионалӣ шароити мусоид барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ фароҳам оварад. Дар навбати худ, бахши хусусӣ бо истифода аз иқтидорҳои истеҳсолӣ ва сармоягузории худ ба рушди иқтисоди миллӣ саҳми назаррас мегузорад. Дар шароити иқтисодиёти муосир чунин ҳамкорӣ бештар дар шаклҳои гуногуни шарикии давлат ва бахши хусусӣ, механизмҳои дастгирии молиявӣ, институтҳои рушди соҳибкорӣ ва барномаҳои муштараки давлатӣ амалӣ мегардад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ рушди соҳибкорӣ ва бахши хусусӣ ҳамчун яке аз омилҳои муҳими таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ эътироф гардидааст. Дар солҳои охир дар кишвар як қатор ислоҳоти иқтисодӣ амалӣ шуда, санадҳои стратегӣ ва барномаҳои давлатӣ барои дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ қабул ва татбиқ мегарданд. Аз ҷумла, дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати таҳкими ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун шарти асосии рушди иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани самаранокии идоракунии иқтисодӣ таъкид гардидааст.

Бо вуҷуди ин, таҳлили вазъи муосири рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки новобаста аз тадбирҳои пайвастаи давлат ҷиҳати дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ ва ташаккули муҳити мусоиди соҳибкорӣ, то ҳол як қатор масъалаҳои ҳалталаб мавҷуданд. Аз ҷумла, маҳдуд будани дастрасии субъектҳои соҳибкорӣ ба сарчашмаҳои молиявӣ ва гирифтани қарзҳои дарозмуддати бонкӣ, сатҳи нисбатан нокифояи рушди инфрасохтори дастгирии соҳибкорӣ, хизматрасониҳои машваратӣ ва иттилоотӣ аз ҷумлаи чунин мушкилот ба ҳисоб мераванд. Илова бар ин, дар таҷриба баъзан самаранокии механизмҳои ҳамкории давлат ва соҳибкорӣ, аз

ҷумла истифодаи воситаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ, механизмҳои дастгирии сармоягузорӣ ва ниҳодҳои рушди соҳибкорӣ ҳанӯз ба талаботи рушди иқтисоди муосир пурра ҷавобгӯ нестанд. Ҳамзамон, «дар шароити гузариши иқтисоди миллӣ ба моделҳои рушди устувор, иқтисоди сабз ва рақамикунонии иқтисодиёт масъалаи такмили механизмҳои ҳамкории давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ аҳамияти боз ҳам бештар пайдо менамояд» [21].

Тадқиқоти мазкур ба таҳлили асосҳои назариявӣ ва амалии ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ ва муайян намудани самтҳои асосии такмили механизми чунин ҳамкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ бахшида шудааст. Дар раванди тадқиқот масъалаҳои марбут ба моҳият ва нақши ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ, нақши танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ, инчунин истифодаи механизмҳои муосири шарикии давлат ва бахши хусусӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, дар баробари ин таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ дар соҳаи ҳамкории давлат ва соҳибкорӣ таҳлил карда мешавад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, зарурати таҳқиқи назариявӣ ва амалии масъалаҳои такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ, инчунин мутобиқ намудани чунин механизмҳо ба талаботи иқтисоди муосир, аз ҷумла рақамикунонии иқтисодиёт ва татбиқи технологияҳои сабз, мубрам будани мавзуи диссертатсияи мазкурро муайян менамояд.

**Сатҳи таҳқиқи илмии мавзуи тадқиқот** бо таваҷҷуҳ ба масъалаҳои рушди устувори иқтисодӣ, такмили механизмҳои идоракунии иқтисодӣ ва таҳкими ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ тавсиф мегардад. Дар шароити муосири рушди иқтисоди ҷаҳонӣ масъалаҳои баланд бардоштани самаранокии сиёсати давлатии танзими иқтисод, ташаккули муҳити мусоиди соҳибкорӣ, рушди иқтисоди рақамӣ ва истифодаи механизмҳои муосири ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ ба яке аз самтҳои муҳими таҳқиқоти илмӣ мубаддал гардидаанд.

Дар доираи таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ ва методологии рушди ҳамкории давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ масъалаҳои таҳияи равишҳои консептуалӣ барои ташаккули механизмҳои ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ, такмили сиёсати давлатии танзим ва дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ, инчунин омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонии рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Ҳамзамон масъалаҳои марбут ба рушди устувори иқтисодӣ, татбиқи технологияҳои инноватсионӣ, рақамикунонии иқтисодиёт ва ташаккули иқтисоди «сабз» ҳамчун омилҳои муҳимми рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва таҳкими ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ баррасӣ мегарданд.

Ҷанбаҳои илмию назариявии таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар асоси омӯзиши коркардҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии олимону муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ оид ба масъалаҳои рушди фаъолияти соҳибкорӣ, такмили механизмҳои танзими давлатӣ ва ташаккули низоми самараноки ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ ташаккул ёфтаанд.

Бояд зикр намуд, ки дар таҳқиқи масъалаҳои рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва нақши давлат дар иқтисодиёт намояндагони мактаби классикӣ ва неоклассикии иқтисодӣ — А. Смит [30] ва Ҷ. М. Кейнс [13] саҳми назаррас гузоштаанд.

Ҳамчунин дар омӯзиши масъалаҳои ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ, рушди институтҳои иқтисодӣ ва механизмҳои танзими иқтисодиёт чунин олимони маъруф, аз қабили В.Г. Варнавский [7], Ҷ. Делмон [9], Г.Б. Клейнер [14], О.И. Беляева ва В.А. Моторина [4], И.Ю. Мерзлов [18], Й.А. Шумпетер [35] ва дигарон, саҳми арзанда гузоштаанд.

Дар илми иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ масъалаҳои рушди фаъолияти соҳибкорӣ, ташаккули муҳити мусоиди соҳибкорӣ, такмили сиёсати давлатии танзими иқтисодиёт ва таҳкими ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ мавриди баррасии васеъ қарор гирифтаанд. Ҷанбаҳои гуногуни рушди соҳибкорӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти иқтисодӣ, инчунин масъалаҳои марбут ба рушди устувори иқтисодӣ, ташаккули иқтисодиёти

«сабз», такмили механизмҳои ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар корҳои илмии олимони ватанӣ, аз ҷумла Алиҷонова С.А. [1], Аминов И. [2; 3], Аминов Ф.И. [2], Валиев Н.Ш. [6], Дадоматов Д.Н. [8], Ҷайлоев З.М. [10], Досиев М.Н. [34], Исайнов Ҳ.Р. [11], Қаюмов Н.К. [12], Қурбонов А.Р. [16], Маҳмадалӣ Б.Н. [17], Мирсаидов А.Б. [19], Мирсаидов М.Н. [20], Муқаддасзода Ф.М. [21], Одинаев Ҳ.А. [22], Раҳматзода Р.Қ. [24], Садриддинов М.И. [25], Сафаров Ҷ.А. [16; 26], Сафоев А.К. [28], Сафоев Ҳ.С. [29], Солеҳзода А.А. [31], Хоҷаев П.Д. [32], Холбобоев Ф.С. [33], Шаропов Ф.Р. [34] ва дигарон, инъикоси худро ёфтаанд.

Бо вуҷуди мавҷудияти миқдори зиёди таҳқиқоти илмӣ, таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки аксари таҳқиқот бештар ба масъалаҳои умумии рушди соҳибкорӣ, танзими давлатии иқтисод ва ташаккули муҳити мусоиди соҳибкорӣ равона гардида, ба масъалаҳои такмили механизмҳои мушаххаси ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ камтар таваҷҷуҳ зоҳир шудааст.

Дар баробари ин, дараҷаи омӯзиши илмии масъалаҳои марбут ба такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар заминаи рушди устувори иқтисодӣ, рақамикунонии иқтисодиёт ва татбиқи технологияҳои инноватсионӣ барои таҳқиқоти минбаъда дурнамои назаррас дорад.

Ҳамин тавр, омӯзиши нокифояи ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии ташаккул ва рушди механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ, инчунин зарурати таҳияи равишҳои нави институтсионалӣ ва иқтисодии такмили чунин ҳамкорӣ интихоби мавзуи диссертатсия, объекту предмет ва мақсаду вазифаҳои таҳқиқотро муайян намудааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ, аз он ҷумла ба масъалаҳои таъмини рушди соҳибкорӣ, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

ҳамчун самтҳои муҳим муайян гардидаанд, робита дорад.

Ҳамчунин мавзуи таҳқиқот дар доираи Стратегияи рушди «иқтисоди сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037 интихоб гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади асосии диссертатсия** таҳияи заминаҳои илмию назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ мебошад, ки ба таҳкими муҳити соҳибкорӣ, дастгирии бахши хусусӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад.

**Вазифаҳои диссертатсия:**

- муайян намудани асосҳои илмию назариявӣ ва методии ташаккул ва рушди ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ ҳамчун омили калидии таъмини рушди устувори иқтисодӣ;
- таҳлили вазъи муосири рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти таҷрибаи байналмилалӣ;
- асоснок намудани самтҳои афзалиятноки такмили механизми ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ва татбиқи технологияҳои сабз;
- таҳияи пешниҳодҳо ва тавсияҳои амалӣ ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар рушди устувори иқтисоди миллӣ.

**Объекти таҳқиқро** равандҳои ташаккул ва рушди ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисоди мамлакат ташкил медиҳанд.

Ба сифати **предмети диссертатсия** маҷмуи муносибатҳо, усулҳо ва воситаҳои ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ, такмили онҳо ҷиҳати таъмини рушди устувори иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад мекунанд.

**Фарзияи таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки самаранокии ҳамкории давлат ва соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад тавассути такмили механизми мувофиқ баланд бардошта шавад. Ин раванд беҳтар намудани муҳити ҳуқуқӣ, молиявӣ ва идоракунӣ, татбиқи чораҳои самараноки ҳавасмандгардонӣ, истифодаи таҷрибаи байналмилалӣ, рушди соҳибкории рақамӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои сабзро дар бар мегирад. Амалӣ гардидани ин самтҳо ба беҳтар шудани муҳити соҳибкорӣ ва таъмини рушди устувори иқтисоди кишвар мусоидат менамояд.

**Асосҳои назариявию методологии таҳқиқот** маҷмӯи равишҳои бунёдӣ ва амалӣ, мафҳумҳои назариявии иқтисодӣ, воситаҳои таҳқиқоти методологӣ, инчунин усулҳои ҷамъоварӣ, таҳлил ва тафсири маълумотро дар бар мегиранд. Онҳо барои анҷом додани таҳқиқоти илмӣ, таҳлили вазъи муосири рушди соҳибкорӣ, инчунин таҳия ва асосноккунии тавсияҳои амалӣ ҷиҳати такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ заминаи илмӣ фароҳам меоранд.

**Сарчашмаҳои маълумот.** Ба сифати сарчашмаҳои асосии маълумот Паёмҳои солона ва суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳҳои гуногун вобаста ба рушди устувор, тағйирёбии иқлим ва «иқтисоди сабз», санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, адабиёти иқтисодии гуногун, маводи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва манбаъҳои Интернет истифода шудаанд.

**Усулҳои таҳқиқот.** Барои ҳалли масъалаҳо дар диссертатсия усулҳои гуногуни илмӣ, аз қабили усули системавию сохторӣ, сабабӣ, усули омӯзиши омилҳо, экспертӣ-таҳлилӣ, иқтисодӣ-риёзӣ, иҷтимоӣ, таносуби хусусиятҳои микдорӣ ва сифатӣ ва арзёбии мунтазами микдорӣ истифода шудаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар солҳои 2020-2025 иҷро шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки дар диссертатсия механизми рушди ҳамкории мақомоти давлатӣ ва сохторҳои соҳибкорӣ дар

шароити гузариш ба рушди устувори иқтисодӣ асоснок карда шудааст. Ба муҳимтарин нуктаҳои диссертатсия, ки дорои навгонии илмӣ мебошанд, инҳо мансубанд:

1. Муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионӣ равиши нави илмию методии ҳамкории сохторҳои давлатӣ ва субъектҳои соҳибкориро ҳамчун унсури муҳими рушди устувор таҳия намудааст. Ба андешаи ӯ, чунин ҳамкорӣ бояд ҳамчун механизми ҳамоҳангсозии манфиатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ амал намояд. Дар ин раванд, нақши калидӣ дар ташаккули муҳити институтсионалӣ ва муайян намудани самтҳои рушди иқтисодӣ ба давлат вогузор мегардад. Дар навбати худ, субъектҳои соҳибкорӣ ҳамчун манбаи ҷалби сармоягузорӣ, татбиқи инноватсияҳо ва истифодаи самараноки захираҳо баррасӣ мешаванд. Чунин равиш зарурати мутобиқсозии механизмҳои ҳамкории байни давлат ва бахши хусусиро ба шароити муосири иқтисодӣ талаб менамояд.

2. Дар асоси таҳлили анҷомдодашудаи рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюлҳои асосии рушди он ва хусусиятҳои калидӣ ошкор гардида, самтҳои муҳими ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ муайян карда шудаанд. Диссертант ба хулоса омадааст, ки сарфи назар аз афзоиши шумораи субъектҳои соҳибкорӣ ва таҳкими мавқеи бахши хусусӣ дар иқтисоди миллӣ, мавқеи асосиро то ҳол соҳибкории хурд ва инфиродӣ ишғол менамояд. Ҳамзамон, омилҳои асосие, ки рушди соҳибкории миёна ва калонро маҳдуд месозанд, нокифоя будани дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ ва нигоҳ доштани сатҳи баланди фоизҳои қарзӣ мебошанд, ки ба таври ҷиддӣ густариши фаъолияти соҳибкориро душвор мегардонанд.

3. Дар диссертатсия самтҳои асосии такмили ҳамкории давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рақамисозии иқтисодиёт ва гузариш ба рушди устувор муайян карда шудаанд. Асоснок карда шудааст, ки истифодаи технологияҳои рақамӣ дар идоракунии давлатӣ, таъсиси платформаҳо барои ҳамкории субъектҳои соҳибкорӣ ва давлат, рушди иқтисоди сабз ва татбиқи механизмҳои шарикии давлативу хусусӣ метавонанд самаранокии сиёсати

давлатӣ дар соҳаи соҳибкориро баланд бардоранд. Дар ин робита зарурати такмили сиёсати давлатӣ бо дарназардошти равандҳои рақамикунонӣ, дастгирии ташаббусҳои сабз ва ҳавасмандгардонии соҳибкории инноватсионӣ исбот карда шудааст.

4. Модели мукаммали такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ пешниҳод гардидааст, ки дар он ҳамгироии воситаҳои институтсионалӣ, иқтисодӣ ва молиявии дастгирии соҳибкорӣ пешбинӣ карда мешавад. Модели таҳияшуда ба фароҳамсозии шароити мусоиди рушди соҳибкорӣ, тақвияти заминаҳои институтсионалии дастгирӣ, сафарбарсозии сармояи хусусӣ ба самтҳои афзалиятноки иқтисод ва баланд бардоштани самаранокии ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ равона гардидааст. Татбиқи чунин модел имкон медиҳад, ки ҳамкории давлат ва бахши соҳибкорӣ ба сатҳи сифатан нав бароварда шуда, рушди соҳибкории инноватсионӣ, рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва таъмини рушди устувори иқтисод дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин карда шавад.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Консепсияи такмилёфтаи ҳамкории давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ пешниҳод гардида, ҳамкории онҳо ҳамчун низоми ҳамгирои танзими муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ асоснок шудааст, ки мутобиқсозии механизми онро ба талаботи рақамикунонии иқтисод ва рушди иқтисоди сабз пешбинӣ менамояд.

2. Дар асоси таҳлили рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюлҳо ва маҳдудиятҳои муҳити соҳибкорӣ муайян гардидаанд, ки маҳдудияти дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ ва нокифоягии инфрасохтори дастгирӣ ҳамчун омилҳои асосии боздорандаи фаъолияти соҳибкорӣ баромад мекунанд.

3. Самтҳои афзаолиятноки такмили ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ муайян гардидаанд, ки ба рақамикунонӣ, рушди иқтисоди сабз ва густариши шарикии давлату бахши хусусӣ ҳамчун омилҳои калидии баланд бардоштани самаранокии сиёсати соҳибкорӣ такя менамоянд.

4. Модели такмилёфтаи ҳамкории давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ пешниҳод шудааст, ки ба ҳамоҳангсозии фишангҳои институтсионалӣ, иқтисодӣ ва молиявӣ асос ёфта, ба рушди инфрасохтори соҳибкорӣ, фаъолсозии сармоягузорӣ ва таҳкими рақобатпазирии иқтисоди миллӣ равона гардидааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки муқаррароти назариявӣ ва методологии дар диссертатсия асоснокшуда ба рушди минбаъдаи назарияи ҳамкории давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ мусоидат менамоянд. Натиҷаҳои таҳқиқот имконият медиҳанд, ки равишҳои илмӣ оид ба ташаккул ва такмили механизми ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ, инчунин нақши он дар таъмини рушди устувори иқтисод, такмил дода шаванд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки пешниҳодҳо ва тавсияҳои таҳияшуда метавонанд барои такмили сиёсати давлатии дастгирии соҳибкорӣ, рушди муҳити мусоиди соҳибкорӣ ва баланд бардоштани самаранокии ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ истифода шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва дигар ниҳодҳои дахлдор ҳангоми таҳияи барномаҳо, стратегияҳо ва лоиҳаҳои рушди соҳибкорӣ ва ҷалби сармоягузории хусусӣ ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ истифода гарданд.

Илова бар ин, муқаррароти назариявӣ ва тавсияҳои амалии пешниҳодшуда метавонанд ҳамчун заминаи методологӣ барои таҳияи чорабиниҳо ҷиҳати такмили механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ, рушди инфрасохтори дастгирии соҳибкорӣ, инчунин баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ дар шароити рушди устувор хизмат намоянд.

Натиҷаҳои бадастомада инчунин метавонанд дар фаъолияти муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҳангоми таҳияи барномаҳои таълимӣ, курсҳои махсус ва таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ оид ба

масъалаҳои рушди соҳибкорӣ ва ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ истифода шаванд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мутобиқ мебошад: 1. Рушди назария ва методологияи соҳибкорӣ; таҳияи методикаи ташкили фаъолият дар шаклҳои мухталифи соҳибкорӣ; 3. Қонуният ва тамоили рушди соҳибкорӣ дар шароити муосир; 8. Танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ; 10. Ҳолат ва дурнамои низомҳои байналмилалӣ, миллӣ ва минтақавии соҳибкорӣ, алоқамандии онҳо; 15. Ташаккул ва рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ; 18. Маблағгузорӣ дар пешбурди самараноки фаъолияти соҳибкорӣ; 19. Ташкили ҳамкории сохторҳои ҳокимияти давлатӣ ва бахши соҳибкорӣ; 20. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаб дар интихоби мавзуи таҳқиқот, асоснок намудани мубрамияти он, муайян намудани мақсад, объект ва предмети таҳқиқот, инчунин дар асоснокунии вазифаҳои илмии таҳқиқот зоҳир мегардад. Муаллиф мустақилона таҳлили назариявӣ ва амалии масъалаҳои ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкориро анҷом дода, муқаррароти назариявӣ, методологӣ ва методии такмили механизми чунин ҳамкориро дар шароити рушди устувори иқтисодӣ таҳия намудааст.

Ҳамчунин, саҳми шахсии муаллиф дар ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумоти оморӣ, омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ, асоснок намудани самтҳои асосии такмили механизми ҳамкории давлат ва бахши соҳибкорӣ, инчунин таҳияи тавсияҳо ва пешниҳодҳои амалӣ ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии ҳамкории онҳо ифода меёбад.

Иштироки шахсии муаллиф дар ба даст овардани натиҷаҳои илмии пешниҳодшуда тасдиқ гардида, натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар интишороти илмӣ ва корҳои муштараки илмӣ инъикос ёфтаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар семинарҳои илмии кафедраи идоракунии молияи давлатӣ, конференсияҳои байналмилалии илмию амалӣ (солҳои 2020-2025), баррасӣ ва тасдиқ шудаанд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқ аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идоракунии амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ ва дар амал татбиқ карда шуданд. Муқаррароти назариявӣ ва методии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар раванди таълими Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ҳангоми таҳияи нақшаҳои таълимӣ, дастурҳои таълимӣ ва матнҳои лексияҳо аз фанҳои «Асосҳои соҳибкорӣ» барои донишҷӯён, магистрантҳо ва докторантҳои PhD истифода мешаванд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи маводи диссертатсия 10 кори илмӣ, аз он ҷумла 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боби матни асосӣ, хулоса, рӯйхати адабиёт иборат аст. Муҳтавои асосии таҳқиқот дар 176 саҳифа оварда шудааст ва 18 ҷадвал, 10 расм ва 2 диаграммаро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёт аз 140 иборат аст.

# БОБИ I. АСОСҲОИ ИЛМИЮ НАЗАРИЯВИИ ҲАМКОРИИ ДАВЛАТ БО СУБЪЕКТҲОИ СОҲИБКОРӢ ДАР ШАРОИТИ РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДӢ

## 1.1. Моҳият ва нақши ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар рушди устувори иқтисодӣ

Дар шароити муосири рушди ҷомеа яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодӣ коҳиш додани таъсири манфии фаъолияти инсон ба муҳити зист ба ҳисоб меравад. Дар самти нави ташкили фаъолияти соҳибкорӣ масъулият нисбат ба муҳити зист ва ҳифзи манфиатҳои инсон аҳаммияти аввалиндараҷа касб менамояд. Гузариш ба истеҳсолоти аз ҷиҳати экологӣ безарар ва ташаккули масъулияти иҷтимоии фаъолияти соҳибкорӣ имрӯз ба яке аз равандҳои асосии рӯзномаи иқтисодию экологии ҷаҳонӣ табдил ёфтааст.

Тавре дар таҳқиқоти худ муҳаққиқони ватанӣ қайд менамоянд «дар шароити ташаккули иқтисоди «сабз» фаъолияти соҳибкорӣ, алалхусус соҳибкории экологӣ яке аз сарчашмаҳои рушди устувори иқтисоди миллӣ ба шумор рафта, қувваи пешбарандаи рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва экологӣ ба шумор меравад» [105].

Дар робита ба ин, аҳаммияти мавзуи таҳқиқот бо тамоюли муосири бознигарии афзалиятҳои рушди иқтисодӣ асоснок мегардад, ки он ба беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ, ҳамзамон бо маҳдуд сохтани таъсири манфии фаъолияти иқтисодӣ ба табиат ва муҳити зист равона шудааст. Модели такмилёфтаи ҳамкории давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ пешниҳод шудааст, ки ба ҳамоҳангсозии фишангҳои институтсионалӣ, иқтисодӣ ва молиявӣ асос ёфта, ба рушди инфрасохтори соҳибкорӣ, фаъолсозии сармоягузорӣ ва таҳкими рақобатпазирии иқтисоди миллӣ равона гардидааст.

Ба андешаи профессор И. Аминов ва дотсент Ф.И. Аминов, «Иқтисоди сабз гузариши пурра ба манбаъҳои барқароршавандаи энергия (энергияи обӣ, офтобӣ, бодӣ), нақлиёти сабз (рушди мошинҳои барқӣ, нақлиёти ҷамъиятӣ, инфрасохтори велосипед), ҷорӣ намудани технологияҳои экологӣ дар саноат, рушди кишоварзии устувор дар асоси кам кардани истифодаи пеститсидҳо ва нуриҳои ғайриорганикӣ, сохтмони биноҳои каммасраф ва истифодаи масолеҳи сохтмонӣ аз ҷиҳати экологӣ тоза, ба савдо баровардани маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза, сайёҳии сабз, тандурустии бе химия, рушди илму маориф ва дигар масъалаҳои монандро дар назар дорад» [3].

Тақвияти таъсири фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ ба муҳити зист ва сифати зиндагии аҳолӣ зарурати ташаккули механизмҳои самараноки ҳамкорӣ ва танзими давлатии фаъолияти соҳибкориро дар доираи ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ ба миён меорад. Дар ин замина, ба андешаи мо, омӯзиши самаранокии механизмҳои амалкунандаи ҳамкории сохторҳои ваколатдори давлатӣ ва субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои татбиқи ҳадафҳои рушди устувор истифода мешаванд, аҳаммияти махсуси илмӣ ва амалӣ пайдо мекунад.

Бояд тазаккур дод, ки истилоҳи «рушди устувор» аз мафҳуми англисии «sustainable development» бармеояд. Мафҳуми «устуворӣ» бори аввал дар заминаи густариши равишҳои экологӣ дар таҳлили рушди иқтисодӣ ворид гардида, барои тавсифи низоми иқтисодие истифода шуд, ки аз модели анъанавии рушд фарқ намуда, бо низомҳои табиӣ дар ҳолати мутаносиб қарор дорад.

Олимону коршиносон «дар солҳои 60-70-уми асри XX ба омӯзиши масъалаи бемаҳдуд истифода намудани захираҳои табиӣ бо дарназардошти афзоиши аҳолӣ шуруъ карданд. Соли 1972 клуби Рим маърузаи машҳури «Маҳдудиятҳои рушд»-ро нашр кард, ки дар он масъалаҳои маҳдуд будан ва тамом шуждани захираҳои табиӣ, таъсири манфии фаъолияти инсон ба муҳити зист ва афзоиши партовҳо бахшида шудаанд. Муаллифони маърузаи

мазкур масъалаи зарурати бештар дарк намудани ҳадди афзоиши истеҳсолоти саноатиро бо дарназардошти захираҳои маҳдуди табиӣ ба миён гузоштанд» [137].

Бо мақсади муттаҳид намудани кӯшишҳои ҷомеаи байналмилалӣ дар самти ҳалли масъалаҳои экологӣ ва таъмини ҳифзи муҳити зист барои наслҳои оянда, соли 1972 Барномаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба муҳити зист таъсис дода гардид.

Дар заминаи рушди минбаъдаи ин равиш мафҳуми рушди устувор ташаккул ёфта, он ҳамчун модели алтернативии рушди дарозмуддати иқтисодӣ баррасӣ гардид.

Мафҳуми рушди устувор дар ҷавоб ба тағйироти беназорат дар муҳити зист, ки дар натиҷаи афзалият додан ба манфиатҳои бозорӣ ва истифодаи нодурусту бемаҳдуди захираҳои табиӣ дар ҷаҳон ба вуҷуд омадаанд, ташаккул ёфтааст.

Бояд зикр кард, ки Комиссияи ҷаҳонӣ оид ба муҳити зист ва рушд, ки дар адабиёти илмӣ бештар бо номи Комиссияи Брундтланд шинохта мешавад, бо ташаббуси Созмони Милали Муттаҳид дар соли 1983 таъсис ёфт. Натиҷаи муҳимтарини кори комиссияи мазкур нашри гузориши машҳури «Ояндаи умумии мо» дар соли 1987 ба шумор меравад, ки дар он мафҳуми рушди устувор ба таври расмӣ шакл гирифта, ба гардиши илмӣ ва сиёсати байналмилалӣ ворид карда шуд. «Дар доираи гузориши мазкур рушди устувор ҳамчун раванди ҳамоҳангсозии ҳадафҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ баррасӣ гардида, зарурати мувозинати манфиатҳои наслҳои имрӯза ва оянда асоснок карда шудааст» [38].

Ҳамчунин вокуниши ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳалли масъалаҳои муҳити зист боис гардид, ки «як қатор барномаҳо ва санадҳои стратегӣ таҳия шаванд ва дар ниҳоят соли 1992 дар Конфронси ҷаҳонии Созмони Милали Муттаҳид оид ба муҳити зист ва рушд Консепсияи рушди устувор қабул гардад» [132].

Консепсияи рушди устувор, ки дар гузориши маъруфи «Ояндаи умумии мо» баён гардидааст, рушди ҷомеаро ҳамчун низоми ҳамгиро

баррасӣ намуда, се унсури асосӣ – иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологиро муттаҳид месозад (расми 1). Шарти калидии татбиқи самараноки ин консепсия рушди мутаносиб ва ҳамоҳанги ҳамаи унсурҳои зикршуда ба ҳисоб меравад.




**Расми 1. Низоми ҳамгирои унсурҳои модели рушди устувор (таҳияи муаллиф)**

Бояд қайд кард, ки унсури иқтисодӣ ба тағйир додани сифати рушди иқтисодӣ тавассути истифодаи оқилонаи захираҳои маҳдуд ва ҳифзи иқтидори истеҳсолӣ равона гардида, ҳадафи асосии он нигоҳ доштани суръати рушд дар ҳамбастагӣ бо дигар унсурҳои рушди устувор мебошад.

«Унсури иҷтимоӣ ба манфиатҳои инсон равона гардида, қонеъ гардонидани ниёзҳои асосии аҳолӣ, ҳифзи арзишҳои фарҳангӣ, таъмини адолати иҷтимоӣ ва пешгирии низоъҳои иҷтимоиро дар бар мегирад» [27].

Дар навбати худ, бахши экологӣ ҳамчун унсури асосӣ баромад намуда, ҳифзи низомҳои табиӣ ва экосистемаҳоро таъмин месозад ва нигоҳ доштани қобилияти худбарқароршавии онҳоро пешбинӣ менамояд.

Меҳвари асосии консепсияи рушди устувор ҳамоҳангсозии рушди иқтисодӣ бо ҳифзи муҳити зист мебошад. Мувофиқи таърифи умумиқабулшуда, рушди устувор ҳамчун рушди мунтазаме маънидод

мешавад, ки ба заминаҳои табиии ҳаёти инсон таъсири манфӣ намерасонад. Дар гузориши болозикри «Ояндаи умумии мо» таъкид мегардад, ки марҳалаи нави рушди иқтисодӣ танҳо дар шароити суботи иҷтимоӣ ва устувории экологӣ имконпазир мебошад. Дар ин санад рушди иқтисодӣ ҳамчун беҳтарсозию таъмини некӯаҳволии инсон дар муҳити зисти ӯ арзёбӣ мегардад. Дар сурати халалдор шудани тавозун байни рушди саноатӣ ва ҳифзи муҳити зист таъмини рушди устувори дарозмуддат дар микёси ҷаҳонӣ ғайриимкон хоҳад буд.

Тибқи гузориши Комиссияи байналмилалӣ оид ба муҳити зист ва рушд, «рушди устувор чунин модели рушди иҷтимоию иқтисодӣ мебошад, ки қонеъ гардонидани ниёзҳои насли имрӯзаро таъмин намуда, ҳамзамон имкониятҳои наслҳои ояндаро барои қонеъ намудани ниёзҳои худ маҳдуд намесозад. Ин мафҳум ба нигоҳ доштани тавозуни байни рушди иқтисодӣ, ҳифзи муҳити зист ва таъмини адолати иҷтимоӣ нигаронида шуда, ҳамчун яке аз принсипҳои асосии рушди дарозмуддати ҷомеа баррасӣ мегардад» [24].

Соли 2016 аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид Ҳадфаҳои рушди устувор қабул карда шуд (расми 2).




Активация Windo
Чтобы активировать W

Расми 2. Ҳадафҳои рушди устувор[1]

[1] https://tajstat.github.io/sdg-site-tajikistan/tg/

Дар илми иқтисоди муосир «консепсияи рушди устувор ҳамчун равиши назариявии асосии рушди дарозмуддати иҷтимоию иқтисодӣ баррасӣ мегардад, ки ба таъмини мувозинати устувор байни ҳадафҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ равона шудааст» [55].

Ба андешаи олими маъруфи рус С.Н. Бобылев, «иқтисоди рушди устувор як шохаи ҷавони илми иқтисод ба ҳисоб меравад, ки дар айни замон босуръат рушд намуда, бо самтҳои нави худ ғанӣ мегардад, аз ҷумла: иқтисоди "сабз", биоиқтисод, иқтисоди пасткарбон, иқтисоди даврӣ, иқтисоди "кабуд", иқтисоди тағйирёбии иқлим ва ғайра» [11, с. 22].

А.Л. Лисовский низ  ин андешаро пайравӣ намуда, таъкид мекунад, ки «гузариш ба рушди устувор танҳо дар сурати нигоҳ доштани тавозун байни се бахши асосӣ, яъне иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоӣ имконпазир мебошад» [121]. Ба ин тартиб, консепсияи рушди устувор дар буриши ҷанбаҳои иҷтимоӣ, экологӣ ва иқтисодӣ ташаккул меёбад.

Олими ватанӣ профессор Мирсаидов А.Б. рушди устуворро «дар маънии фарогир, чун навъи нави арзи ҳастӣ ва инкишофи тамаддуни ҷомеа, ки тағйироти куллии тамоюлҳои тарихан ташаккулёфтаро дар кулли ҷабҳаҳои ҳаёти ҷомеа, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, фарҳангӣ, ниҳодҳои ҳуқуқӣ ва ғ, тақозо дорад» [51] арзёбӣ намудааст.

Профессор Исайнов Ҳ.Р. дар он андеша аст, ки «Рушди устувор се унсури асосӣ дорад: рушди иқтисодӣ, баробарии иҷтимоӣ ва ҳифзи муҳити зист. Таъминоти рушди иқтисодӣ яке аз принсипҳои унсури асосии иқтисодӣ буда, мувофиқи он вазъи некуаҳволии мардум бояд ба таври максималӣ баланд бардошта шавад, камбизоатӣ бо ёрии истифодаи оптималӣ ва оқилонаи захираҳои табиӣ кам гардад» [29, с. 255].

Профессор Одинаев Ҳ.А. қайд менамояд, ки «Гузариш ба рушди устувор бар мувозинати рушди иқтисодӣ, баробарии иҷтимоӣ ва ҳифзи муҳити зист асос ёфтааст. Чунин самт барои иҷрои вазифаҳо дар соҳаи мубориза бо камбизоатӣ низ муҳим аст» [62, с. 22].

Ба андешаи Ҷумаев А.Қ. «вазифаи асосии рушди устувор қонеъ кардани ниёзҳо ва орзуҳои мардум, таъмини рушди муосири наслҳо, на бар зарари манфиатҳои ояндаи наслҳо мебошад» [103].

Дар баробари худ, муҳаққиқи дигар – Алиджанова С.А. чунин мешуморад, ки «аз ҷиҳати назариявӣ-методологӣ ва амалӣ барои тавсифи консепсияи рушди устувор нишондодҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, экологӣ-иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ-иқтисодӣ, иҷтимоӣ-экологӣ ва экологӣ васеъ истифода мешаванд» [2].

Ба андешаи Маҳмадалӣ Б.Н. «аз нуқтаи назари муносибати системавӣ, рушди устуворро метавон ҳамчун як намуди муайяни тағйиротҳои тадриҷан равонашуда ва дохили муайяншуда дар система, ки бо афзоиши ташкили он алоқаманд аст, тавсиф намуд» [47].

Мирсаидов М.Н. ва Сафаров А. дар мақолаи илмии худ муайян намудаасгд, ки «рушди устувор ин раванди таъмини рушди иқтисодӣ ва беҳтарсозии вазъи иҷтимоиест, ки дар он самаранокии истифодаи захираҳои табиӣ, сармоягузорӣ, ҷорисозии технологияи инноватсионӣ, рушди нерӯи инсонӣ ва ислоҳоти институтсионалию беҳдошти фазои экологӣ бо ҳам мутобиқ гардонида шудаанд ва иқтидорҳои имрӯза ва ояндаро барои таъмини талабот ва саъю кӯшиши инсоният беҳтар мегардонанд» [52].

Бояд қайд намоем, ки «консепсияи рушди устувор идомаи худро дар консепсияи ESG (Environmental – муҳити зист, Social – ҷомеа, Governance – давлат) пайдо мекунад. Равиши ESG ҳамчун идомаи консепсияи рушди устувор баромад намуда, ба муҳити соҳибкорӣ мутобиқ гардонида шудааст» [18]. Нишондиҳандаҳои ESG самтҳои рушди соҳибкориро муайян менамоянд, ки ба ҳадафҳои рушди устувор нигаронида шуда, бо дарназардошти хусусиятҳои муҳити соҳибкорӣ мушаххас мегарданд. Ба ин равиш бояд таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шавад, зеро маҳз тавассути нишондиҳандаҳои ESG дараҷаи саҳми соҳибкорӣ дар ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувор андозагирӣ карда мешавад. Дар айни замон маҷмӯи ягона ва расман тасдиқшудаи нишондиҳандаҳои ESG вуҷуд надорад ва онҳо

аз ҷониби давлатҳо ва воҳидҳои алоҳидаи онҳо бо дарназардошти хусусиятҳои миллӣ таҳия мегарданд.

Ин гуна нишондиҳандаҳо ба шароити иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо мутобиқ карда шуда, барои муҳити соҳибкорӣ нишондиҳандаҳои андозашавандаро дар самти ноил шудан ба Ҳадафҳои рушди устувор фароҳам меоранд. Консепсияи рушди устувор ҳамчун модели сифатан нави рушди иқтисодӣ баромад мекунад, ки бори аввал таваҷҷуҳро ба масъалаҳое ҷалб менамояд, ки берун аз доираи анъанавии илми иқтисод қарор доранд. Дар охири асри XX равобити ҷудонопазири сатҳи зиндагии аҳолӣ ва рушди иқтисоди ҷаҳонӣ бо ҳолати муҳити зист равшан мегардад. Модели нави рушди иқтисодӣ таваҷҷуҳро аз манфиатҳои кӯтоҳмуддат ба дурнамои дарозмуддат равона намуда, паёмадҳои ҷаҳонии рушди саноатиро ба эътибор мегирад.

Ба андешаи мо, дар шароити муосир механизмҳои ҳавасмандгардонии молиявӣ ва дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ бояд аз ҷониби давлат бо дарназардошти гузариши ҳамоҳанг ба идоракунии муносиби корпоративӣ ва усулҳои аз ҷиҳати экологӣ безарари истеҳсолот таъмин карда шавад.

Мавзуи ҳамкории сохторҳои давлатӣ ва бахши соҳибкорӣ аз ҷониби олимони соҳаҳои гуногун, ба монанди сиёсатшиносон, иқтисодшиносон ва ҷомеашиносон пайваста мавриди таҳқиқ ва таҳлили илмӣ қарор дорад. Ин таваҷҷуҳ, пеш аз ҳама, бо аҳаммияти рӯзафзуни ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар таъмини рушди устувори иқтисодӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ, ташаккули муҳити мусоиди сармоягузорӣ ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ вобаста мебошад.

Ба андешаи мо, зери мафҳуми сохторҳои давлатӣ субъектҳои ҳокимияти давлатӣ фаҳмида мешаванд, ки дорои ваколатҳои маъмурӣ ва танзимгарӣ буда, ба онҳо имкон медиҳад, ки қоидаҳои ҳатмиро барои ҳамаи субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ муайян намоянд, сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоиро ташаккул диҳанд, ҳамчун кафили риояи қонунгузорӣ баромад намоянд ва иҷрои ин қоидаҳо ва меъёрҳоро тавассути механизмҳои назоратӣ

ва танзимӣ таъмин созанд. Сохторҳои давлатӣ дар ин замина вазифаи назорат ва танзимро иҷро мекунанд ва ҳамчун ташаббускор ва ҳамоҳангсози равандҳои рушди иқтисодӣ, ҳавасмандгардонии соҳибкорӣ, ҷалби сармоя ва фароҳамсозии шароити мусоиди институтсионалӣ баромад менамоянд. Аз ин ҷиҳат, нақши онҳо дар ташаккули муҳити ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии фаъолияти соҳибкорӣ хеле муҳим ва ҳалкунанда арзёбӣ мегардад.

Бахши хусусӣ ё сохторҳои соҳибкорӣ маҷмӯи субъектҳои мустақили хоҷагидориро дар бар мегиранд, ки дар шароити маҳдудияти захираҳо ба истеҳсоли маҳсулот, иҷрои корҳо ва пешниҳоди хизматрасониҳо бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи инфиродӣ ва ҷамъиятӣ фаъолият менамоянд. Ин субъектҳо, новобаста аз шакли моликият ва миқёси фаъолият, дар асоси принсипҳои озодии иқтисодӣ, рақобат ва масъулияти соҳибкорӣ амал намуда, ба ташаккули арзиши иловашуда, фароҳамсозии ҷойҳои нави корӣ, рушди бозорҳо ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ мусоидат мекунанд.

Дар навбати худ, зери мафҳуми ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ соҳаи муносибатҳо миёни мақомоти давлатӣ ва субъектҳои соҳибкорӣ фаҳмида мешавад, ки маҷмӯи меъёрҳо, қоидаҳо ва механизмҳои институтсионалиро дар бар мегирад ва аз ҷониби давлат ва соҳибкорон бо мақсади қонеъ намудани тақозои инфиродӣ, ҷамъиятӣ ва давлатӣ, дар шароити маҳдудияти захираҳо ва озодии иқтисодии субъектҳои хоҷагидор риоя карда мешавад. Ин ҳамкорӣ метавонад дар шаклҳои гуногун амалӣ гардад, яъне аз танзими ҳуқуқӣ ва иқтисодии фаъолияти соҳибкорӣ то шарикии мустақими давлат ва бахши хусусӣ дар татбиқи лоиҳаҳои стратегӣ, рушди инфрасохтор, ҷорӣ намудани технологияҳои нав ва таъмини рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт.

Моҳияти асосии чунин ҳамкорӣ дар муттаҳид намудани имкониятҳо, захираҳо ва манфиатҳои ду ҷониб зоҳир мегардад. Давлат ҳамчун субъекти асосии танзими иқтисодӣ шароити ҳуқуқӣ ва институтсионалии фаъолиятро фароҳам оварда, амнияти иқтисодию иҷтимоиро таъмин менамояд ва

самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодиётро муайян мекунад. Бахши соҳибкорӣ бошад, бо истифода аз имкониятҳои бозорӣ, ташаббускорӣ, навоварӣ ва сармоягузорӣ ба рушди истеҳсолот, хизматрасонӣ ва ташкили ҷойҳои корӣ саҳми назаррас мегузорад.

Дар натиҷа, «ҳамкории мутақобилан судманди давлат ва бахши хусусӣ ба тавозуни манфиатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мусоидат намуда, заминаи устуворро барои рушди иқтисоди миллӣ, баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ ва таҳкими рақобатпазирии иқтисод фароҳам меорад» [102].

Механизм ва воситаҳои ҳавасмандгардонии ҳамкории давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ аз ҷониби ҳар як давлат бо дарназардошти шароити дохилии иҷтимоию иқтисодӣ таҳия мегарданд.

Дар ин замина, муҳаққиқон чор механизми асосии давлатии гузариш ба модели муосири рушди устувори иқтисодиро ҷудо намудаанд: «ташаккули механизмҳои бозории ҳавасмандгардонии мутобиқшавии соҳибкорӣ ба нишондиҳандаҳои ESG; татбиқи лоиҳаҳои рушди устувор, аз ҷумла лоиҳаҳои «сабз» бо ҷалби захираҳои давлатӣ ва густариши шарикии давлат ва бахши хусусӣ; гузаронидани ислоҳоти андозию буҷетӣ; танзими меъёрии ҳуқуқии фаъолияти иқтисодӣ дар доираи ноил шудан ба Ҳадафҳои рушди устувор» [49].

Механизми асосии ҳавасмандгардонии самтгирии соҳибкорӣ ба ноил шудан ба ҳадафҳои алоҳидаи рушди устувор ташкили механизмҳои бозорӣ ба ҳисоб меравад. Масалан, давлат метавонад талабот ба харидҳои устуворро муайян намуда, бозорро ба рушди самтҳои афзалиятноки ESG равона созад. Ба чунин воситаҳо инчунин «муайян намудани нишондиҳандаҳои техникию иқтисодии лоиҳаҳои ESG, ҷорӣ намудани меъёрҳои махсуси озмунӣ барои харидҳои давлатӣ дар доираи шарикии давлат ва бахши хусусӣ (масалан, коҳиши ҳаҷми партовҳои зараровар ба атмосфера), инчунин тақсимоти уҳдадориҳо ва ҳуқуқи ҷонибҳо дар созишномаҳои шарикии давлат ва бахши

хусусӣ ва пешниҳоди кафолатҳои давлатӣ ба сармоягузорон дохил мешаванд» [72].

Паст кардани хавфҳои сармоягузорӣ ва баланд бардоштани ҷолибияти лоиҳаҳо тавассути истифодаи фишангҳои молиявии давлатӣ таъмин мегардад. Иштироки сармояи давлатӣ ҳамчун механизми кафолатӣ ба ҷалби сармояи хусусӣ, махсусан ба лоиҳаҳои экологӣ ва устувор, мусоидат мекунад. Ҳамзамон, татбиқи чунин лоиҳаҳо дар доираи шарикии давлат ва бахши хусусӣ метавонад ба коҳиши хавфҳои сармоягузорӣ ва тақвияти ҳавасмандгардонии татбиқи лоиҳаҳои мутобиқ ба принсипҳои ESG мусоидат намояд. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун модели нави муносибатҳои давлат ва соҳибкорӣ баромад намуда, ба рушди бахши инноватсионӣ ва татбиқи лоиҳаҳои иҷтимоию экологӣ замина мегузорад ва ба муттаҳидсозии захираҳо ва тақсимоти хавфҳо асос меёбад.

Махсусан қайд кардан зарур аст, ки дар доираи модели рушди усувор ҳамкории давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ аҳаммияти калидӣ касб менамояд, зеро маҳз тавассути ҳамоҳангсозии манфиатҳои ҷамъиятӣ ва хусусӣ шароити такрористеҳсоли устувори низомҳои иқтисодӣ ташаккул меёбад. Давлат, аз як тараф, ҳамчун ниҳоди танзимкунанда ва ташаккулдиҳандаи сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ баромад намуда, аз тарафи дигар, барои фаъолгардонии иқтидори субъектҳои соҳибкорӣ муҳити институтсионалӣ ва меъёрӣ-ҳуқуқии заруриро фароҳам месозад.

Тавре ки дар як қатор таҳқиқоти илмии муосир таъкид мегардад, рушди устувори иқтисоди давлат дар маҷмӯъ бидуни иштироки фаъоли субъектҳои соҳибкорӣ дар татбиқи самтҳои афзалиятноки стратегӣ ғайриимкон мебошад. Иштироки субъектҳои соҳибкорӣ дар равандҳои рушди устувор дар татбиқи лоиҳаҳои иқтисодӣ, ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ва экологӣ низ ифода меёбад. Дар ин замина «нақши давлат бо танзими меъёрии ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ маҳдуд нашуда, ба ташаккули муҳити институтсионалӣ равона мегардад, ки ҳавасмандии субъектҳои соҳибкориро барои иҷрои вазифаҳои иҷтимоӣ ва экологӣ дар баробари ҳадафҳои иқтисодӣ таъмин менамояд» [8].

Муаллифони дигар ҳамкории давлат ва соҳибкориро ҳамчун раванди устувори иҷтимоию иқтисодӣ арзёбӣ менамоянд, ки ба ҳамоҳангсозии манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни ҷомеа ва табдил додани ҳадафҳои сиёсати давлатӣ ба қарорҳои амалии идоракунӣ ва сармоягузорӣ мусоидат мекунад.

Дар шароити татбиқи «Рӯзномаи-2030» ва стратегияҳои миллии рушди устувор, ҳамкории давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ хусусияти низомӣ ва комплексӣ касб намуда, аз доираи шаклҳои анъанавии танзими давлатии иқтисодиёт фаротар меравад. «Дар ин раванд механизмҳои нави ҳамкорӣ, аз ҷумла дастгирии институтсионалӣ, ҳавасмандгардонии иқтисодӣ ва ҷалби соҳибкорӣ ба иҷрои ҳадафҳои рушди устувор, аҳаммияти хос пайдо менамоянд» [101].

Дар солҳои охир дар адабиёти илмӣ тамоюли наздикшавии мафҳумҳои рушди устувор ва равиши ESG торафт равшантар мушоҳида мегардад. Агар рушди устувор ҳамчун равиши васеи иҷтимоию иқтисодӣ баромад намояд, пас ESG ҳамчун воситаи амалии татбиқи он дар сатҳи субъектҳои хоҷагидор ва фаъолияти соҳибкорӣ арзёбӣ мегардад. Дар ин замина давлат вазифаи ҳамоҳангсози институтсионалиро иҷро намуда, қоидаҳо, меъёрҳо, стандартҳоеро ташаккул медиҳад, ки ҷорӣ гардидани принсипҳои ESG-ро дар фаъолияти соҳибкорӣ таъмин месозанд.

Дар таҳқиқоти монографӣ таъкид мегардад, ки татбиқи Ҳадафҳои рушди устувор танзими ҳамзамон ва ҳамоҳанги сиёсати давлатии иқтисодӣ ва стратегияҳои корпоративии субъектҳои соҳибкориро талаб менамояд. Давлат дар ин раванд «заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва молиявии рушди устуворро ташаккул дода, инфрасохтори заруриро фароҳам месозад, дар ҳоле ки субъектҳои соҳибкорӣ сармоягузорӣ, ташаббускорӣ ва амалисозии лоиҳаҳои дахлдорро дар бахшҳои воқеии иқтисодиёт таъмин менамоянд» [89].

Таҳқиқоти диссертатсионии солҳои охир нишон медиҳанд, ки «равиши ESG ба таври назаррас низоми идоракунии корпоративиро дигаргун месозад, зеро омилҳои экологӣ, иҷтимоӣ ва идоракунӣ ба сатҳи хавфҳои

идорашаванда ва нишондиҳандаҳои самаранокӣ интиқол меёбанд. Ин ҳолат аҳаммияти нақши давлатро дар стандартизатсияи амалияҳои ESG, таҳияи тавсияҳои методӣ ва ташаккули механизмҳои ифшои иттилоот барои субъектҳои соҳибкорӣ боз ҳам тақвият мебахшад» [26].

Ташаккули модели устувори ҳамкории давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ бидуни мавҷудияти муҳити мукаммали институтсионалӣ ғайриимкон мебошад. Таҳқиқоти олимон нишон медиҳанд, ки «дар шароити ташаккулёбии низоми танзими ESG нақши махсус ба институтҳои давлатии рушди иқтисодӣ дода мешавад, аз ҷумла мақомоти ҳокимияти иҷроия, муассисаҳои молиявии рушди давлатӣ, инчунин иттиҳодияҳои соҳибкорӣ ва ташкилотҳои намояндагии манфиатҳои бахши хусусӣ. Маҷмӯи ин институтҳо инфрасохтори рушди устуворро ташкил дода, такрористеҳсол ва густариши амалияҳои ESG-ро дар фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ таъмин менамояд» [9].

Механизмҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳамчун унсури асосии ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ баррасӣ мегарданд. Тавассути низоми ҳуҷҷатҳои стратегӣ, барномаҳо ва стандартҳо давлат самтҳои дарозмуддати рушди иқтисодиро муайян намуда, ҳамзамон талаботи ҳатмӣ ва тавсиявиро нисбат ба фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаи рушди устувор ташаккул медиҳад. Ҳамзамон таъкид мегардад, ки «самаранокии чунин механизмҳо аз дараҷаи ҳамоҳангӣ, устуворӣ ва қобилияти мутобиқшавии онҳо ба шароити иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои алоҳида вобастагии мустақим дорад» [8].

Дар низоми ҳамкории давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ механизмҳои молиявию иқтисодии ҳавасмандгардонии рушди устувор мавқеи муҳимро ишғол менамоянд. Дар корҳои илмӣ ва таҳлилии муосир ташаккули бахши молиягузории устувор таъкид мегардад, ки воситаҳои молиявии махсус, аз ҷумла вомбаргҳои «сабз», иҷтимоӣ ва устуворро дар бар мегирад. Дастрасии субъектҳои соҳибкорӣ ба чунин воситаҳои молиявӣ, чун қоида, бо риояи меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои ESG вобаста карда мешавад, ки ин боиси

табдил ёфтани бозори молиявӣ ба воситаи таъсиррасонии рафторӣ ба фаъолияти ширкатҳо мегардад.

Дар ин замина давлат ҳамчун мақоми танзимкунанда ва ҳамзамон иштирокчии фаъоли бозор баромад намуда, барои коҳиш додани хавфҳои сармоягузорӣ ва баланд бардоштани ҷолибияти лоиҳаҳои устувор шароити мусоид фароҳам месозад. Тавассути механизмҳои субсидиягузорӣ, кафолатдиҳӣ ва ҳамсармоягузорӣ давлат ба ҷалби сармояи хусусӣ барои татбиқи лоиҳаҳое мусоидат менамояд, ки ба бадастории натиҷаҳои дарозмуддати иҷтимоию иқтисодӣ ва экологӣ равона шудаанд.

Дар низоми механизмҳои маҷмуии ҳамкории давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ шарикии давлат ва бахши хусусӣ мавқеи махсусро ишғол менамояд. Дар таҳқиқоти илмӣ шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун «шакли институтсионалии ҳамкорӣ арзёбӣ мегардад, ки муттаҳидсозии захираҳо ва тақсимоти хавфҳоро байни давлат ва бахши хусусӣ ҳангоми амалисозии лоиҳаҳои дорои аҳаммияти ҷамъиятӣ таъмин менамояд. Чунин шакли ҳамкорӣ имкон медиҳад, ки ҳадафҳои рушди устувор ба қарорҳои мушаххаси лоиҳавӣ ва амалии татбиқшаванда табдил дода шаванд» [28].

Таҳқиқоти монографӣ ва диссертатсионӣ таъкид менамоянд, ки «устувории лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба сифати тарҳи институтсионалӣ вобастагии мустақим дорад, ки он тақсимоти хавфҳо, механизмҳои шартномавӣ ва тартиби назорату мониторингро дар бар мегирад. Ин ҳолат зарурати иштироки фаъоли давлатро дар ташаккули қоидаҳо ва шароити амалисозии лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ тасдиқ менамояд» [48].

Ҳамзамон амалияи стандартизатсияи рушди устувор дар сатҳи ҳудудҳо ва ташкилотҳо рушд меёбад. Истифодаи нишондиҳандаҳои қобили муқоиса ба мақомоти давлатӣ восита фароҳам меорад, ки «мониторинг ва арзёбии натиҷаҳои сиёсати татбиқшавандаро анҷом диҳанд, дар ҳоле ки субъектҳои соҳибкорӣ метавонанд талаботи рушди устуворро ба низоми

нишондиҳандаҳои калидии самаранокии фаъолияти худ ворид намоянд» [114].

Таҳлили монографияҳои ватанӣ, мақолаҳои илмӣ ва таҳқиқоти диссертатсионӣ имкон медиҳад ба чунин хулоса расид, ки ҳамкории давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ дар таъмини рушди устувори иқтисодӣ хусусияти маҷмуӣ ва бисёрзинагиро касб менамояд. Ин ҳамкорӣ маҷмӯи механизмҳои меъёрии ҳуқуқӣ, молиявию иқтисодӣ, институтсионалӣ ва лоиҳавиро дар бар мегирад, ки бояд дар ҳамбастагии зич амал намоянд.

Ҳамзамон дар адабиёти илмӣ нокифоягии коркарди масъалаҳои арзёбии самаранокии ин механизмҳо, инчунин зарурати мутобиқсозии онҳо ба хусусиятҳои минтақавӣ ва шароити муосир таъкид мегардад. Ин ҳолат аҳаммияти тадқиқоти минбаъдаро, ки ба таҳия ва асосноккунии моделҳои маҷмуавии ҳамкории давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ дар заминаи рушди устувор равона шудаанд, муайян менамояд.

Ҳамин тавр, ҳамкории давлат ва сохторҳои соҳибкорӣ яке аз омилҳои муҳими таъминкунандаи рушди устувори иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад. Чунин ҳамкорӣ ба баланд бардоштани самаранокии сиёсати иқтисодии давлатӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва ташаккули муҳити мусоиди иҷтимоию иқтисодӣ мусоидат менамояд. Дар шароити маҳдудияти захираҳо ва афзоиши талабот ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва инфрасохторӣ, ҳамоҳангсозии имкониятҳои давлат ва бахши соҳибкорӣ аҳаммияти стратегӣ пайдо мекунад.

Яке аз хусусиятҳои муҳими чунин ҳамкорӣ дар он зоҳир мегардад, ки он имкон медиҳад хароҷоти ҳатмии давлатӣ барои рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт, бахшҳои иҷтимоӣ ва инфрасохтор амалӣ карда шаванд ва дар баробари ин, захираҳои молиявии бахши соҳибкорӣ низ ба таври ихтиёрӣ ба рушди ҷомеа равона гарданд. Ин раванд метавонад дар шакли сармоягузорӣ ба инфрасохтори иҷтимоӣ, дастгирии ташаббусҳо, иштирок дар татбиқи барномаҳои давлатӣ, инчунин саҳмгузорӣ дар рушди маориф, тандурустӣ ва муҳити зист амалӣ гардад. Дар натиҷа, ҳамгироии

захираҳои давлатӣ ва хусусӣ ба ташаккули манбаъҳои иловагии рушд мусоидат намуда, барои иқтисоди миллӣ таконҳои нав ба вуҷуд меорад.

Натиҷаҳои ҳамкории самараноки давлат ва бахши хусусӣ дар як қатор самтҳои асосӣ таҷассум меёбанд. Пеш аз ҳама, таъсири буҷетӣ ба назар мерасад, ки он тавассути афзоиши воридоти андозҳо, такмили механизми ҷамъоварии пардохтҳои ҳатмӣ, татбиқи барномаҳои давлатӣ ва баланд бардоштани самаранокии хароҷоти буҷетӣ амалӣ мегардад. Фаъолияти устувори соҳибкорӣ ва густариши истеҳсолот ба зиёд шудани манбаи даромадҳои буҷетӣ мусоидат намуда, имкониятҳои давлатро барои маблағгузории барномаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва инфрасохторӣ васеъ мегардонад.

Ҳамзамон, таъсири иқтисодии чунин ҳамкорӣ дар афзоиши фоидаи корхонаҳо, зиёд шудани ҳаҷми сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ, ҷорӣ гардидани имтиёзҳои иқтисодӣ, рушди бозорҳо ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ифода меёбад. «Дар чунин шароит, давлат метавонад тавассути механизмҳои ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии соҳибкорӣ шароити мусоидро барои рушди бахши хусусӣ фароҳам оварад, дар ҳоле ки соҳибкорон, дар навбати худ, бо истифодаи имкониятҳои бозорӣ ва сармоягузорӣ ба рушди истеҳсолот, ҷорӣ намудани технологияҳои нав ва беҳтар намудани сифати маҳсулоту хизматрасонӣ мусоидат мекунанд» [10].

Таъсири иҷтимоии ҳамкории давлат ва соҳибкорӣ низ дорои аҳаммияти махсус мебошад. Ин таъсир, пеш аз ҳама, дар рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолӣ, беҳтар гардидани шароити зиндагӣ ва таҳкими суботи иҷтимоӣ зоҳир мегардад. Иштироки фаъоли бахши соҳибкорӣ дар татбиқи барномаҳои иҷтимоӣ, дастгирии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, рушди минтақаҳои дурдаст ва беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба тақвияти нақши иҷтимоии соҳибкорӣ ва баланд бардоштани масъулияти иҷтимоии он мусоидат менамояд.

Истифодаи илмии мафҳумҳо ва моделҳои ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ ва татбиқи амалӣ намудани онҳо дар сиёсати иқтисодӣ ва идоракунии давлатӣ метавонад ба ноил шудан ба ҳадафҳои стратегӣ, ки ба низоми манфиатҳои иқтисодӣ асос меёбанд, мусоидат намояд. Маҳз мутобиқсозии ин манфиатҳо ба баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳо, тақвияти иқтидори истеҳсолӣ ва таъмин намудани рушди устувори иқтисодӣ мусоидат менамояд.

Дар доираи манфиатҳои иқтисодӣ зарурати қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти гуногуни инсон, ҷомеа ва давлат таҷассум меёбад, ки он ҳамчун ҳадафи ниҳоии рушди ҳар як низоми иқтисодӣ баромад мекунад. Иқтисодиёт, новобаста аз шакли ташкилии худ, ҳамеша ба таъмини талаботи моддӣ ва ғайримоддии аҳолӣ равона гардида, тавассути истеҳсоли маҳсулот, пешниҳоди хизматрасонӣ ва тақсими самараноки захираҳо ба ин ҳадаф ноил мегардад. Дар ин раванд, ҳамкории давлат ва соҳибкорӣ ҳамчун механизми муҳими таъминкунандаи тавозуни манфиатҳо, истифодаи оқилонаи захираҳои маҳдуд ва ноил шудан ба самаранокии баланд баромад менамояд.

Дар маҷмӯъ, ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун механизми калидии ҳамоҳангсозии манфиатҳо ва сафарбарсозии захираҳо ба рушди устувори иқтисодӣ, тақвияти сармоягузорӣ ва беҳтар гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат менамояд.

## 1.2. Нақши танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар таъмини ҳамкории самараноки давлат ва бахши хусусӣ

Танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар ташаккули муҳити иқтисодӣ, таъмини суботи бозор ва ҳимояи манфиатҳои ҳам соҳибкорон ва ҳам истеъмолкунандагон нақши калидӣ дорад. Танзими самаранок ба рушди соҳибкорӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва беҳтар шудани сифати зиндагии аҳолӣ мусоидат мекунад. Ба андешаи мо, низоми мавҷудаи

танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити муосир омӯзиш ва таҳлилу такмили доимиро талаб мекунад.

Дар иқтисодиёти босуръат рушдёбандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ воситаи муҳими сиёсати иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамчун нуктаи мусбат метавон қайд кард, ки қонунгузорӣ дар соҳаи танзим ва дастгирии давлатии намудҳо ва самтҳои мушаххаси фаъолияти соҳибкорӣ пайваста такмил ва инкишоф меёбад.

Дастгирии давлатии соҳибкории дар шароити муосир, хусусан дар кишварҳои рушдкунанда, боиси рушди иқтисоди миллӣ, афзоиши ҷойҳои корӣ ва беҳтар шудани сифати зиндагии аҳолӣ мегардад. Ин раванд на танҳо дар асоси ташкили шартҳои мусоиди соҳибкорӣ, балки бо мақсади ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои соҳибкорон сурат мегирад.

Бояд зикр намуд, ки дар адабиёти илмии таҳқиқшуда олимон-иқтисодшиносон нисбат ба мафҳуми «дастгирии давлатии соҳибкорӣ» муносибати гуногунро доранд ва ҳар муҳаққиқ вобаста ба самти таҳқиқоти хеш нуқтаи назари гуногунро доир ба мафҳуми дастгирии давлатии соҳибкорӣ пешкаш намудаанд. Дар доираи таҳқиқотҳои анҷомдодашуда мафҳумҳои зерин, ба мисли «низоми идоракунии давлатӣ», кумаки молиявӣ, идоракунии иқтисоди буҷетӣ, сохтори таъминоти буҷетӣ, кумаки давлатӣ ба соҳаҳои воқеии иқтисодиёт ва ғайра муайян карда шудаанд.

Вобаста ба омӯзиши адабиёти иқтисодӣ чанд ибораҳои маъруфи иқтисоддонҳоро дар бораи дастгирии давлатии соҳибкорӣ пешкаш менамоем.

Ба андешаи олими иқтисоддон Ҷ.М. Кейнс: «Ҳукумат бояд ба иқтисодиёт фаъолона дахолат кунад, то талаботро ҳавасманд кунад ва шуғлро нигоҳ дорад» [32].

М. Фридман ба он ақида аст, ки: «Озодии иқтисодӣ барои ноил шудан ба истифодаи самараноки захираҳо зарур аст, аммо баъзан метавонад дастгирии ҳукумат бароиислоҳи нокомиҳои бозор зарур бошад» [96].

Олими машҳур Йозеф Шумпетер дар асари машҳураш «Назарияи рушди иқтисодӣ» (с. 1911) дастгирии давлатии соҳибкориро чунин маънидод

кардааст: «Инноватсия ва соҳибкорӣ муҳаррики рушди иқтисодӣ мебошанд ва дастгирии ҳукумат метавонад барои рушди онҳо шароит фароҳам оварад» [107].

Яке аз поягузорони назарияи иқтисодӣ, иқтисоддони маъруф ва асосгузори илми назарияи иқтисодӣ Адам Смит чунин нуқтаи назар пешниҳод намудааст: «Бозори озод шароитро барои шукуфоӣ фароҳам меорад, аммо дастгирии оқилонаи ҳукумат метавонад монеаҳои муваффақиятро аз байн барад» [87].

Дар замони мусоир олими иқтисоддони олмонӣ Клаус Шваб чунин пешниҳод намудааст, ки: «Дар шароити инқилоби чоруми саноатӣ дастгирии давлатии соҳибкорӣ ба омили асосии рушди устувор ва мутобиқшавӣ ба чолишҳои нав табдил меёбад» [33].

Ҳамчунин, дар ин бобат иқтисоддони дигари хориҷӣ Лоуренс Саммерс чунин ақида пешкаш менамояд: «Дар шароити тағйироти ҷаҳонӣ, ба монанди тағйирёбии иқлим, дастгирии давлатии тиҷорат метавонад қувваи пешбарандаи гузариш ба таҷрибаҳои устувор бошад» [45].

Воқеан бо гуфти иқтисоддони дигар, ки он низ ба ин масоили таваҷҷуҳи хоса зоҳир кардааст, ин донишманд Атул Джайв: «Рақамикунонӣ ва дастрасӣ ба маблағгузорӣ ду соҳаи калидӣ мебошанд, ки дар он дастгирии давлатӣ метавонад барои соҳибкории хурд ва миёна тағйироти назаррас ба миён орад» [78, с. 86].

Дар маҷмӯъ, муаллифон мафҳуми дастгирии давлатиро ба таври васеъ шарҳ медиҳанд. Ба андешаи Зубайдов С. «самаранокии чунин дастгирӣ танҳо дар ҳолате таъмин мегардад, ки фишангҳои мазкур дар маҷмӯъ ва бо дарназардошти имкониятҳои захиравӣ истифода бурда шуда, ба рушди устувори фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат намоянд» [27].

Дар баробари ин, аз ҷониби олимон-иқтисоддонони тоҷик низ доир ба ин масъала нуқтаҳои назар пешниҳод гардидаанд.

Дастгирии давлатии соҳибкорӣ маънои кӯмак, ҳифз ва ривоҷи фаъолияти соҳибкориро дорад. «Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим ва

дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад» [55].

Дар қонуни мазкур зикр гардидааст, ки «дастгирии давлатии соҳибкорӣ - фаъолияти мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба татбиқи чорабиниҳои пешбининамудаи барномаҳои давлатӣ ва ҳудудии рушди соҳибкорӣ равона карда шудаанд» [41].

Ба андешаи мо, дастгирии давлатии соҳибкорӣ қисми ҷудонашавандаи низоми танзими давлатӣ мебошад. Механизмҳои ин дастгирӣ дар сатҳҳои гуногун бояд ҳамдигарро пурра кунанд ва ба ташаккул ва фаъолияти мӯътадили бозор мусоидат намоянд.

Танзими давлатии иқтисодиёт дар шароити муосир аз чорабиниҳо дар зер пешниҳодгардида вобаста мебошад:  пешкаши ахбороти пурра ба иштирокунандагони бозор доир ба вазъи иқтисодии давлат ва пешгуйии тараққиёти он; дар давраи кунунӣ асоснок намудани роҳҳои асосии сиёсати иқтисодии давлат; пешниҳоди чорабиниҳо ҷиҳати дар иқтисодиёт тараққӣ додани бахши давлатӣ.

Танзими давлатӣ дар амалкунии иқтисоди бозорӣ нақши муҳим мебозад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз соли 1991 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ» қабул гардида буд, ки тибқи он давлат рақобати озодро таъмин намуда, истеъмолгаронро аз рақобати носолим ва зуҳури монополия ҳимоя мекунад.

Яке аз намудҳои дастгирии давлатӣ, ки «метавонад дар рушди соҳибкорӣ саҳми арзанда дошта бошад додани кафолати бозгашти қарзҳои ба соҳибкорон додашуда мебошад. Ташкилу таъмини фаъолияти самараноки фондҳои замонатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва истифодаи онҳо барои додани кафолати бозгашти қарзҳои бонкӣ, қисми хароҷот барои лизинги техникаю таҷҳизот, ҷалби маблағҳо барои истеҳсоли молу маҳсулот метавонад боиси боз ҳам рушд ёфтани соҳибкорӣ, зиёд шудани шумораи субъектҳо, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва ғанигардонии буҷету некуаҳволии

мардум гардад» [15]. Дар қонуни мазкур самтҳои асосии дастгирии давлатии соҳибкорӣ пешниҳод карда шудааст, ки онҳо дар расми 3 пешкаш гардидаанд.




**Расми 3. - Самтҳои асосии дастгирии давлатии соҳибкорӣ**

(таҳияи муаллиф дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» таҳия гардидааст)

Ба андешаи мо, дастгирии давлатии соҳибкорӣ маҷмӯи чораҳои молиявӣ, институтсионалӣ, машваратӣ ва зерсохториро дар бар гирифта, ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва фароҳам овардани муҳити мусоиди иқтисодӣ равона гардидааст.

Хусусиятҳои асосии низоми дастгирии давлатии соҳибкориро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳбандӣ намуда, дар расми 4 пешниҳод шудааст.

Бояд ҳаминро зикр намуд, ки ба «принсипҳои асосии ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ қонунияту шаффоф будани фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ; соҳибкорӣ ва баробарҳуқуқии ҳамаи субъектҳои он; кафолати ҳимояи ҳуқуқ ва таъмини фаъолияти озоди субъекти соҳибкорӣ; иштироки озоди субъектҳои соҳибкорӣ дар таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии

ҳуқуқии ба манфиатҳои соҳибкорӣ дахлдошта, инчунин соҳибкории хуруду миёна ва афзалияти рушди он шомил мебошанд» [41].




**Расми 4. - Хусусиятҳои асосии низоми дастгирии давлатии соҳибкорӣ (таҳияи муаллиф)**

Дастгирии молиявӣ барои соҳибкорӣ як ҷанбаи муҳимест, ки рушд ва устувории онро муайян мекунад. Захираҳои молиявии мавҷуда барои оғоз ва васеъ кардани корхона заруранд, ки ба соҳибкор имкон медиҳанд лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва пӯшонидани хароҷоти ҷориро сарӣ вакт анҷом диҳанд.

Бояд зикр намуд, ки якчанд намудҳои асосии маблағгузорӣ, аз қабили маблағҳои шахсии соҳибкор, қарзҳои бонкӣ, сармоягузориҳои сармояи венчурӣ, инчунин субсидияҳо ва грантҳои давлатӣ мебошанд. Ҳар яке аз ин манбаъҳои маблағгузорӣ афзалиятҳою нуқсонҳои худро доранд ва интихоби варианти мувофиқ аз хусусиятҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва ниёзҳои он вобаста аст.

Зикр кардан ба маврид мебошад, ки идоракунии самараноки гардиши пули накд дар таъмини амнияти молиявӣ нақши муҳим мебозад. Пешгӯии дуруст ва назорат аз мушкилоти пардохтпазирӣ канорагирӣ мекунад ва устувориро дар фаъолияти амалиётӣ таъмин мекунад. Қарздиҳандагон одатан пеш аз додани қарз хавфро арзёбӣ мекунанд ва сабти хуби кредитӣ метавонад ин равандро осонтар кунад.

Вобаста ба ин, дастгирии давлатии соҳибкорӣ манбаи иловагӣ мебошад. Барномаҳои давлатӣ метавонанд қарзҳои имтиёзнок, грантҳо ва имтиёзҳои андоз пешниҳод кунанд, ки ба рушди соҳибкорӣ, махсусан дар оғози фаъолият мусоидат мекунад. Илова бар ин, саводнокии молиявӣ як ҷанбаи муҳим барои пешбурди соҳибкории муваффақ мебошад.

Хулоса, дастгирии молиявии соҳибкорӣ, аз ҷумла сармоягузорӣ ба инноватсия дар баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва рушди дарозмуддати соҳибкорӣ нақши калидӣ мебозад.

Бояд зикр намуд, ки дастгирии институтсионалии соҳибкорӣ дар рушди муҳити иқтисодӣ ва фароҳам овардани шароит барои рушди устувор нақши калидӣ дорад. Яке аз василаҳои муассири ин дастгирӣ таъсиси ниҳодҳои махсусгардонидашуда, фондҳо ва барномаҳои кумак ба соҳибкорон мебошад.

Муассисаҳои махсусгардонидашуда метавонанд ҳамчун пайвандгари байни давлат, соҳибкорӣ ва муассисаҳои таълимӣ баромад кунанд. Онҳо ташаббусҳоеро таҳия ва амалӣ мекунанд, ки ба рушди соҳибкории нав ва соҳибкории хурду миёна мусоидат мекунанд. Вазифаҳои асосии чунин агентиҳо пешниҳоди хизматҳои машваратӣ, ташкили тренингҳо ва семинарҳо, инчунин дастгирӣ дар ворид шудан ба бозорҳои навро дар бар мегиранд. Инчунин, маблағҳое, ки ба дастгирии соҳибкорон нигаронида шудаанд, метавонанд дар шакли грантҳо, субсидияҳо ё қарзҳои бефоиз маблағгузорӣ намоянд. Чунин воситаҳои молиявӣ ба соҳибкорони нав (стартапҳо) ва соҳибкории хурд дар бартараф кардани марҳилаҳои ибтидоии рушд кӯмак мерасонанд, инчунин ба ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ ва таҳияи маҳсулоти нав мусоидат мекунанд.

Илова бар ин, таҳияи барномаҳои махсуси дастгирии соҳибкорон, аз қабили омӯзиш ва рушди малакаҳои идоракунӣ, як ҷанбаи муҳими дастгирии институтсионалӣ мебошад. Ин барномаҳо метавонанд курсҳои идоракунии молиявӣ, маркетинг, ҷанбаҳои ҳуқуқии пешбурди соҳибкорӣ ва дигар мавзуҳои асосиро дар бар гиранд. Муҳим он аст, ки чунин барномаҳо ба талаботи мушаххаси соҳибкорон мутобиқ карда шуда, ба талаботи муосири бозор ҷавобгӯ бошанд.

Ба андешаи мо, дастгирии институтсионалӣ тавассути таъсиси ниҳодҳои махсусгардонидашуда, фондҳо ва барномаҳо як қадами муҳим дар роҳи фароҳам овардани фазои мусоид барои рушди соҳибкорӣ мебошад. Ин на танҳо ба афзоиши шумораи соҳибкорони нав мусоидат мекунад, балки рақобатпазирии умумии иқтисодиётро беҳтар мекунад.

Бояд зикр кард, ки дастгирии машваратӣ дар рушди соҳибкорӣ бо фароҳам овардани донишу малакаҳои зарурӣ ба соҳибкорон барои идоракунии самараноки лоиҳаҳои худ нақши муҳим мебозад. Ин шакли дастгирӣ доираи васеи хазамотро дар бар мегирад, ки ба ҳалли мушкилоти гуногуни соҳибкорӣ ва бартараф кардани мушкилоте, ки соҳибони ширкат дучор мешаванд, равона карда шудаанд. Машваратчиён метавонанд дар

соҳаҳои гуногун, аз ҷумла банақшагирии стратегӣ, идоракунии молиявӣ, маркетинг, масъалаҳои ҳуқуқӣ ва идоракунии захираҳои инсонӣ хизмат расонанд.

Дар замони муосир, яке аз вазифаҳои асосии дастгирии машваратӣ ба соҳибкорон омӯзонидани усулҳои муосири тиҷорат ва технологияҳои нав мебошад. Мушовирон метавонанд семинарҳо, тренингҳо ва дарсҳои мастер-классҳо ташкил кунанд, ки ба баланд бардоштани малакаи кормандон ва такмил додани равандҳои корӣ мусоидат мекунанд. Ин метавонад махсусан барои стартапҳо ва тиҷорати хурд муфид бошад, ки бояд ба шароити тағйирёбандаи бозор зуд мутобиқ шаванд.

Ҳамин тариқ, дастгирии машваратӣ як унсури муҳими экосистемаи соҳибкорӣ буда, ба баланд бардоштани самаранокии равандҳои соҳибкорӣ ва таҳкими мавқеи ширкатҳо дар бозор мусоидат мекунад.

Қисми дигари дастгирии соҳибкорӣ ин ташаккули инфрасохтор маҳсуб мешавад, ки  асоси рушди бомуваффақияти соҳибкорӣ ва умуман иқтисодиёт мебошад. Он бунёд ва таҷдиди инфрасохтори нақлиётӣ, логистикӣ ва технологиро дар бар мегирад, ки ба беҳтар шудани фазои соҳибкорӣ ва ҷалби сармоя мусоидат мекунад.

Рушди инфрасохтори нақлиётӣ, аз ҷумла роҳҳои автомобилгард, роҳи оҳан, фурудгоҳҳо дар таъмини дастрасӣ ба бозорҳо ва захираҳо нақши калидӣ дорад. Роҳҳои қулайи нақлиёт ба соҳибкорон имкон медиҳанд, ки таъминоти молу хизматрасониро самаранок ташкил намуда, хароҷоти вақт ва молиявиро кам кунанд. Ин махсусан барои соҳибкории хурд ва миёна муҳим аст, ки бояд ба тағйироти талабот ва рақобат зуд вокуниш нишон диҳанд.

Дар навбати худ, логистика як ҷанбаи муҳими оптимизатсияи занҷирҳои таъминот мебошад. «Ташкили марказҳо ва анборҳои логистикӣ, инчунин инкишоф додани системаи анбор ва тақсимкунӣ ба баланд шудани самараи амалиёт ва беҳтар шудани сифати хизматрасонӣ ба харидорон ёрӣ мерасонад» [27]. Қарорҳои муосири логистикӣ ба соҳибкорон имкон

медиҳанд, ки хароҷотро кам кунанд ва суръати интиқоли молҳоро афзоиш диҳанд.

Дар навбати дигар, паркҳои технологӣ ва инкубаторҳои стартап платформа барои рушди инноватсионӣ ва дастгирии соҳибкории нав мебошанд. Онҳо инфрасохтори заруриро, аз ҷумла утоқи корӣ, лабораторияҳо ва таҷҳизот, инчунин дастрасӣ ба хизматҳои машваратӣ ва маблағгузорӣ пешниҳод мекунанд. Чунин платформаҳо ба табодули дониш ва ғояҳо мусоидат намуда, ба соҳибкорони ҷавон дар таҳияи лоиҳаҳои худ ва ҷорӣ намудани навоварӣ кӯмак мерасонанд.

Хулоса, дастгирии инфрасохтории фарогирии паркҳои нақлиётӣ, логистикӣ ва технологӣ омили муҳими пешбурди соҳибкорӣ мебошад. Инфрасохтори муассир на танҳо муҳити соҳибкориро беҳтар мекунад, балки барои афзоиш ва рушди устувори иқтисодиёт дар маҷмӯъ имконият фароҳам меорад.

Ба андешаи мо, дастгирии давлатии соҳибкорӣ доираи васеи фаъолиятҳоро дар бар мегирад, ки ба фароҳам овардани фазои мусоид барои рушди соҳибкорӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёт нигаронида шудаанд. Ин тадбирҳо кӯмаки молиявӣ, имтиёзҳои андоз, хизматҳои машваратӣ, инчунин рушди инфрасохтор ва муҳити инноватсиониро дар бар мегиранд.

Бояд ҳаминро хотирнишон намуд, ки муносибати маҷмӯӣ ба дастгирии давлатии соҳибкорӣ на танҳо ба рушди соҳибкорӣ мусоидат мекунад, балки барои рушди устувори иқтисодӣ, баланд бардоштани сифати зиндагии шаҳрвандон ва мусоидат ба пешрафти иҷтимоӣ замина фароҳам меорад.

Бояд қайд намуд, ки зарурати дастгирии давлатии соҳибкорӣ аз омилҳои зиёде вобаста аст, ки ба рушди соҳибкорӣ ва суботи иқтисодӣ таъсир мерасонанд. Дар бозори зудтағйирёбанда, рақобати баланд ва ҷаҳонишавӣ, бисёре аз ширкатҳо, бахусус соҳибкории хурду миёна бо мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Дар рафъи ин душвориҳо ёрии давлат нақши калон мебозад.




**Расми 5. Сабабҳои асосии дастгирии давлатии соҳибкорӣ ва аҳаммияти онҳо (таҳияи муаллиф)**

Аввалан тадбирҳои Ҳукумат ба фароҳам овардани шароити мусоид барои пешбурди соҳибкорӣ мусоидат мекунанд. Ин метавонад имтиёзҳои андоз, субсидияҳо ва грантҳоро дар бар гирад, ки сарбории молиявии соҳибкоронро коҳиш медиҳад. Чунин тадбирҳо ба баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ ва ҳавасмандгардонии рушди лоиҳаҳои нав мусоидат мекунанд.

Дуюм, дастгирии давлат барои таъмини дастрасӣ ба маблағ зарур аст. Бисёре аз соҳибкорони нав дар дарёфти қарз аз бонкҳо ба мушкилот дучор мешаванд. Таъсиси фондҳои махсусгардонидашуда ва барномаҳое, ки захираҳои дастраси молиявиро пешниҳод мекунанд, ба соҳибкорони нав ва соҳибкории хурд имкон медиҳад, ки ғояҳои худро амалӣ созанд ва фаъолияти худро васеъ кунанд.

Илова бар ин, дастгирии давлатӣ хизматҳои машваратӣ ва омӯзиши соҳибкоронро дар бар мегирад. Он ба соҳибкорон дар рушди малакаҳои идоракунӣ, мутобиқ шудан ба тамоюлҳои муосир ва нановарӣ кӯмак мекунад. Омӯзиш ва рушди сармояи инсонӣ омилҳои асосии баланд бардоштани рақобатпазирӣ мебошанд.

Ҷанбаи дигари муҳим ин рушди инфрасохтор мебошад, ки барои соҳибкорӣ шароити заруриро фароҳам меорад. Сохтмон ва навсозии иншооти нақлиётӣ, логистикӣ ва технологӣ ба беҳтар шудани сифати хизматрасонӣ ва суръат бахшидан ба равандҳои истеҳсолот ва таҳвил мусоидат мекунад.

Бояд ҳаминро зикр намуд, ки бо дарназардошти тағйироти динамикии иқтисоди ҷаҳонӣ зарур аст, ки ҳукумати кишвар равишҳоро ба дастгирии давлатии соҳибкорӣ пайваста мутобиқ ва такмил диҳад. Вобаста ба ин, мо роҳҳои имконпазири такмилдиҳии дастгирии давлатии соҳибкориро дар расми 6 пешниҳод менамоем.




**Расми 6. Роҳҳои имконпазири такмилдиҳии дастгирии давлатии соҳибкорӣ (таҳияи муаллиф)**

Бояд ҳаминро зикр намуд, ки маблағгузории мақсаднок чараёни тақсими захираҳои молиявӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои мушаххас ё татбиқи лоиҳаҳои мушаххас мебошад. Ин равиш дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла ҳифзи иҷтимоӣ, маориф, илм ва рушди инфрасохтор васеъ истифода мешавад.

Маблағгузории мақсаднок аз аниқ муайян кардани ҳадафҳо оғоз мешавад. Хар як ташаббус бояд натиҷаҳои равшану ченшаванда дошта бошад, ки ин на танҳо ба нақшагирии амалҳо, балки барои баҳо додан ба самараи онҳо дар оянда имкон медиҳад. Масалан, дар соҳаи иҷтимоӣ ин барномаи бехтар намудани шароити манзилии гурӯҳи муайяни ахолӣ шуда метавонад.

Манбаъҳои маблағгузории мақсаднок метавонанд гуногун бошанд. Ба инҳо буҷети давлатӣ, сармоягузориҳои хусусӣ ва грантҳо аз бунёдҳо ва созмонҳои хайрия дохил мешаванд. Ҳар яке аз ин манбаъҳо хусусиятҳо ва талаботи худро доранд, ки ҳангоми банақшагирӣ ба инобат гирифтан муҳим аст.

Ба андешаи мо, маблағгузории мақсаднок воситаи пурқувватест, ки барои идоракунии самараноки захираҳо ва ноил шудан ба натиҷаҳои назаррас дар соҳаҳои гуногун кӯмак мекунад.

«Қисми дигари такмилдиҳии дастгирии давлатии соҳибкорӣ рақамикунонии равандҳо мебошад, ки ин қабули технологияҳои рақамӣ барои табдил додани усулҳои анъанавии кор мебошад, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ имкон медиҳад, ки самаранокӣ, беҳтар кардани сифати хизматрасонӣ ва мутобиқ шудан ба тағйирот дар бозорро афзоиш диҳанд. Ин раванд ҷанбаҳои зиёд, аз ҷумла автоматикунонии раванди истеҳсолот, ҷалби муштариён ва навовариро дар бар мегирад» [100].

Яке аз ҷузъҳои асосии рақамикунонӣ автоматикунонии вазифаҳои муқаррарӣ мебошад. Ин ба соҳибкор имкон медиҳад, ки вақти иҷрои равандро хеле кам ва эҳтимолияти хатогиҳоро кам кунад. Масалан, дар бахши молия истифодаи нармафзори баҳисобгирии муҳосибӣ имкон

медиҳад, ки муомилот зуд коркард ва ҳисоботҳо таҳия карда шаванд ва кори муҳосибон осонтар шавад.

Ба андешаи мо, идоракунии маълумот дар рақамикунонии соҳибкорӣ нақши муҳим мебозад. Ҷамъоварӣ ва таҳлили миқдори зиёди маълумот ба соҳибкорӣ кӯмак мекунад, ки қарорҳои оқилона қабул кунанд. Воситаҳои муосири таҳлилӣ ба соҳибкор имкон медиҳанд, ки тамоюлҳоро муайян намояд ва стратегияҳоро оптимизатсия кунад, ки рақобатпазирии фаъолияти онҳоро афзоиш диҳад.

Бояд қайд намуд, ки алоқаи баракс бо соҳибкорон як воситаи муҳимест, ки ба ташкилотҳо имкон медиҳад, ки самаранокии равандҳо, маҳсулот ва хизматҳои худро арзёбӣ кунанд ва имкониятҳои беҳбудиро муайян кунанд. Гирифтан ва таҳлили фикру мулоҳизаҳо аз муштариён, кормандон ва шарикон ба ширкатҳо дар мутобиқ шудан ба шароити тағйирёбандаи бозор ва ниёзҳои сегменти бозор кӯмак мекунад.

Зикр намудан зарур аст, ки фикру мулоҳизаҳо аз соҳибкорӣ як ҷузъи калидии фаъолият ва рушди бомуваффақияти ширкат мебошад. Он ба соҳибкор кӯмак мекунад, ки истеъмолкнандагони маҳсулоти худро беҳтар дарк кунад, маҳсулоту пешниҳоди хизматҳоро беҳтар кунед ва барои коргарони худ муҳити бароҳати корӣ фароҳам созад.

Ба фикри мо, ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ ҷанбаи асосии ҳалли мушкилоти муосири иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мегардад. Ин ҳамкории сохторҳои давлатӣ ва ширкатҳои хусусӣ имкон медиҳад, ки захираҳо самаранок истифода бурда, навоварӣ ва сифати хизматрасонӣ беҳтар шавад, ки дар ниҳояти кор боиси беҳтар шудани зиндагии шаҳрвандон мегардад.

Самтҳои асосии ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ аз ҷузъҳои гуногун иборат мебошад. Пеш аз ҳама шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба ҳисоб меравад. Ин модел имкон медиҳад, ки сармоягузории хусусӣ барои лоиҳаҳои инфрасохторӣ, ба мисли роҳҳо, беморхонаҳо ва муассисаҳои таълимӣ ҷалб карда шавад. Қисми дигари ин самт фаъолияти инноватсия ва технологӣ ба шумор меравад. Бахши хусусӣ манбаи ғояҳо ва технологияҳои нав мебошад.

Ҳамкорӣ бо муассисаҳои илмӣ ва стартапҳо ба мо имкон медиҳад, ки ҳалли пешрафтаро дар соҳаи тандурустӣ, маориф ва экология татбиқ кунем. Ин хамкорӣ ба тезондани ҷараёнҳои навоварӣ ва беҳтар шудани сифати хизматрасонӣ кумак мерасонад.

Бояд ҳаминро ёдовар шуд, ки шарикӣ бо бахши хусусӣ ба таъсиси ҷойҳои корӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва беҳтар кардани фазои соҳибкорӣ мусоидат мекунад. Ин дар навбати худ ба рушди иқтисодӣ ва суботи иҷтимоӣ таъсири мусбат мерасонад.

Хулоса, ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ василаи асосии ноил шудан ба рушди устувор ва ҳалли мушкилоти мураккаби ҷомеа мебошад. Ташкилотҳои давлатӣ ва хусусӣ тавассути муттаҳид кардани қувваҳо метавонанд ба натиҷаҳои назаррас ноил гарданд, сифати зиндагии шаҳрвандонро беҳтар созанд ва барои оянда қарорҳои инноватсионӣ эҷод кунанд. Чунин робитаи мутақобила на танҳо ба рушди иқтисодӣ мусоидат мекунад, балки робитаҳои иҷтимоиро мустаҳкам намуда, рушди устувори тамоми ҷомеаро таъмин мекунад.

Дар охир ҳаминро бояд қайд кард, ки дастгирии давлатии соҳибкорӣ воситаи муҳими таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва суботи иҷтимоӣ мебошад. Дар шароити иқтисоди зудтағйирёбанда бо назардошти ниёзҳои соҳибкорӣ ва воқеияти бозор муносибатҳоро ба ин дастгирӣ пайваста мутобиқ кардан ва такмил додан лозим аст. Ин барои рушди соҳибкорӣ дар соҳаҳои воқеии иқтисодиёт ва умуман таҳкими иқтисодиёт шароити мусоид фароҳам месозад.

## 1.3. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун модели муосири ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ

Дар марҳалаи муосири рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар, таҳкими низоми ҳамкории давлат бо субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун яке аз омилҳои асосӣ ва муайянкунандаи рушди устувор баррасӣ мегардад. Раванди ташаккули чунин ниҳодҳои ҳамкорӣ ба талаботи объективии иқтисоди бозорӣ ва зарурати афзоиши нақши бахши хусусӣ дар ҳалли вазифаҳои стратегӣ вобаста аст.

«Бо дарназардошти рушди бозори рақобатнок, афзоиши талаботи ҷомеа ба некӯаҳволии баланд, ҳифзи иҷтимоӣ ва сифати хизматрасониҳо, зарурати гузариш ба модели нави иқтисодии инноватсионӣ ба миён меояд» [55]. Модели мазкур дар асоси ҳамгироии устувори сармояи бахши хусусӣ бо имкониятҳо ва механизмҳои танзими давлатии равандҳои иқтисодӣ ташаккул меёбад.

Дар чунин шароит, давлат ҳамчун танзимгар ва дар баробари он шарики стратегӣ ва кафили татбиқи лоиҳаҳои муҳими инфрасохторӣ ва иҷтимоӣ баромад мекунад. Чунин ҳамкорӣ дар самти ивази вазифаву масъулиятҳо ба бунёди модели муосири рушди устувор мусоидат намуда, сатҳи рақобатнокии иқтисоди миллиро дар шароити ҷаҳонишавӣ тақвият мебахшад.

Ин стратегия рушди иҷтимоию иқтисодиро дар назар дошта, гузариш ба шакли устувори инкишофро пешбинӣ менамояд, ки дар он шарикии байни давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун як механизми пурқуввати таъмини рушди устувор дар тамоми сатҳҳои ҳамкорӣ дар марҳилаи дарозмуддат баррасӣ мешавад. Механизми мазкур имкон медиҳад, ки рушди мутавозини иҷтимоӣ, экологӣ ва иқтисодӣ таъмин гардад, ки дар он фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ ба самтҳое равона карда мешавад, ки имкониятҳои наслҳои ояндаро барои амалӣ намудани иқтидор ва қонеъ сохтани эҳтиёҷоти худ маҳдуд накунанд.

Дар шароите, ки зарурати гузариш ба рушди устувори иқтисодӣ ба миён меояд, ҷустуҷӯи механизмҳои нави таъминкунандаи он амалӣ мегардад. Дар адабиёти иқтисодӣ таснифоти механизмҳои танзими низомҳои иқтисодӣ васеъ истифода мешавад, ки он дар асоси нишонаҳое чун тарзи амалӣ шудани ҳокимияти иқтисодӣ, нақшу мақоми давлат ва ҷойгоҳу аҳамияти бозор бунёд ёфтааст. Дар ин замина одатан се шакли асосии механизмҳо ҷудо карда мешаванд: механизми бозории танзим, механизми танзими давлатӣ ва механизми махсуси шарикии байни давлат ва бахши хусусӣ (расми 7).




Расми 7. Механизмҳои танзими низомҳои иқтисодӣ (таҳияи муаллиф)

Бояд таъкид кард, ки баррасии ҷудогонаи ҳар яке аз ду механизми классикии танзими иқтисодӣ, механизми бозорӣ ва механизми давлатии танзим барои гузариш ба модели рушди устувор кофӣ намебошад, зеро ҳадафи асосии рушди устувор таъмин намудани тавозуни се ҷузъи асосӣ мебошад: рушди иқтисодӣ, суботи иҷтимоӣ ва мувозинати экологӣ.

Механизми бозорӣ манфиат ва самаранокии иқтисодиро дар маркази таваҷҷуҳ қарор дода, ба истифодаи оқилонаи захираҳо таваҷҷуҳ менамояд ва бештар ба баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва афзоиши арзиши захираҳои мавҷуда такя мекунад.

Аз ҷониби дигар, механизми давлатии танзим ба воситаи истифодаи захираҳои маъмурӣ ва фишангҳои идоракунӣ фаъолият намуда, ба танзими муносибатҳои иқтисодӣ ва ҳимояи манфиатҳои ҷамъиятӣ равона мешавад. Бо вуҷуди ин, дахолати аз ҳад зиёди давлат ба равндҳои иқтисодӣ метавонад ташаббуси бахши хусусиро маҳдуд созад, суръати рушди инноватсионӣ ва

рақобатнокиро паст намояд, ки ин ҳолат бар хилофи ҳадафҳои рушди устувор қарор мегирад.

Ҳамин тавр, «таҷриба нишон медиҳад, ки барои таъмини тавозуни устувор байни ҷанбаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ, зарурати истифодаи механизмеро ба миён меорад, ки бартариҳои ҳар ду низомро дар худ муттаҳид созад» [23]. Маҳз дар ҳамин замина шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун шакли ҳамгирои идоракунии иқтисодӣ баромад мекунад, ки метавонад механизми бозорӣ ва давлатиро пурра кунад.

Дар шароити рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мисли кишварҳои дигари дар ҳоли рушд қарордошта захираҳои маҳдуди молияи давлатӣ ва мураккабии ҷалб ва истифодаи самараноки маблағҳои хусусӣ имкон намедиҳад, ки масъалаҳои муҳимми иҷтимоию иқтисодӣ сариваќт ҳал карда шаванд. Дар робита ба ин, масъалаи ташаккул ва рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ аҳаммияти махсус ва мубрамият пайдо мекунад.

Таҳлили ҳамаҷонибаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ, хусусан, «дар ҳалли муносибатҳои воқеии бозорӣ дар иқтисодиёти муосир, ҳам аз нуқтаи назари самаранокии истифодаи имкониятҳои корхонаҳои давлатӣ ва ҳам хароҷоти буҷети давлатӣ нишон медиҳад, ки масъалаи таҳияи механизмҳои соҳибкории муштараки давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун захираи муосири истеҳсолоти ҷамъиятӣ, ки бояд манфиатҳои давлат, бахши хусусӣ ва ҷомеаро таъмин намояд, хеле мубрам боқӣ мемонад» [55].

Дар шароити муосир шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун яке аз механизмҳои муҳими рушди иқтисодӣ баромад намуда, барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои гуногун аҳаммияти калон дорад.

Бояд зикр дошт, ки «дар адабиёти илмӣ ва таҷрибаи байналмилалӣ мафҳуми «шарикии давлат ва бахши хусусӣ» ҳамчун воситаи муҳими ҷалби сармояи хусусӣ ба рушди инфрасохтори иҷтимоию иқтисодӣ баррасӣ мегардад» [5]. Гарчанде ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин механизм падидаи нисбатан нав ба ҳисоб меравад, аҳаммият ва зарурати рушди он тадриҷан афзоиш меёбад.

Дар доираи таҳқиқоти амалишуда, як қатор таърифҳои эътирофшуда аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ пешниҳод шудаанд. «Тибқи мавқеи Созмони Милали Муттаҳид, шарикии давлат ва бахши хусусӣ шакли ҳамкории ихтиёрии мақомоти давлатӣ ва бахши хусусӣ мебошад, ки барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва расидан ба ҳадафҳои умумӣ равона шудааст» [69].

Комиссияи Аврупо шарикии давлат ва бахши хусусиро ҳамчун «вогузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба бахши хусусӣ, ки ба таври анъанавӣ аз ҷониби бахши давлатӣ амалӣ ё маблағгузорӣ мешуданд» [110] муайян мекунад.

Маркази аврупоии коршиносӣ оид ба масъалаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ онро «шакли кооператсияи институтсионалӣ медонад, ки ба маблағгузорӣ, сохтмон, идоракунӣ ва истифодабарии инфрасохтор ва хизматрасониҳои муҳими ҷамъиятӣ нигаронида шудааст» [116].

Бонки ҷаҳонӣ бошад, шарикии давлат ва бахши хусусиро ҳамчун «созишнома байни давлат ва бахши хусусӣ барои татбиқи лоиҳаҳои инфрасохторӣ бо эҳтимоли гузаштани ҳуқуқи соҳибият ба бахши хусусӣ шарҳ медиҳад» [129].

Бонки рушди Осиё шарикии давлат ва бахши хусусиро ҳамчун «шартномаи дарозмуддат байни ҷониби хусусӣ ва муассисаи давлатӣ оид ба пешниҳоди дороии давлатӣ ё хизматрасонии давлатӣ, ки дар он ҷониби хусусӣ хавфи назаррас ва масъулияти идоракуниро ба уҳда дорад ва мукофотпулӣ ба натиҷаҳои фаъолияти амалишуда вобаста аст» [131] таъриф додааст.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» таърифи шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун «ҳамкории шарикони давлатӣ ва хусусӣ дар татбиқи лоиҳаҳои соҳаи инфрасохтор ва хизматрасонии иҷтимоӣ дар муҳлати муқаррарнамудаи созишномаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ оварда шудааст» [42].

Дар асарҳои илмӣ як қатор муҳаққиқон ба таҳлил ва такмили мафҳуми шарикии давлат ва бахши хусусӣ саҳм гузоштаанд. Аз ҷумла, Делмон Ҷ. шарикии давлат ва бахши хусусиро «шакли муносибатҳои шартномавии давлатию хусусӣ меҳисобад, ки аз хариди классикии давлатӣ фарқ мекунад ва ба рушди хизматрасониҳои инфрасохторӣ нигаронда шудааст» [21].

Хартс С. ва Ривс И. ба хусусияти истеҳсолии чунин ҳамкорӣ таъкид намуда, зарурати истифодаи иқтидори ҳар ду бахшро барои таъмини хизматрасониҳои давлатӣ қайд мекунанд [118].

Дар байни муҳаққиқони рус Варнавский В.Г. дар таърифи худ «робитаҳои шартномавию ҳуқуқиро дар ҳамкории сохторҳои давлатӣ бо бахши хусусӣ марказӣ шумурда, онҳоро ҳамчун асоси татбиқи лоиҳаҳои дорои аҳамияти муҳимми иҷтимоӣ арзёбӣ менамояд» [17].

Ба андешаи Якунин В.И., «шарикии давлат ва бахши хусусӣ маҷмӯи муносибатҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодист, ки ба ҳадафҳои стратегӣ ва сиёсати давлатии иқтисодӣ хизмат карда, иҷрои онҳо ва рушди минбаъдаи иқтисодиро таъмин месозад» [140].

Дар навбати худ, Бруссер П. ва Рожкова С. «шарикии давлат ва бахши хусусиро ҳамчун марҳилаи сифатан нави эволютсияи ҳамкориҳои давлат ва бахши хусусӣ арзёбӣ намуда, нақши калидии онро дар ҷалби сармоя, афзоиши самаранокии иқтисодӣ ва такмили механизмҳои пешниҳоди хизматрасониҳои иҷтимоӣ таъкид менамоянд» [14].

Бояд тазаккур дод, ки  «шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар саросари ҷаҳон ба яке аз механизмҳои бештар паҳншаванда барои рушди инфрасохтор табдил меёбад. Ҳамкории мутақобила байни давлат ва бахши хусусӣ имкон фароҳам меорад, ки захира, таҷриба ва донишҳо муттаҳид гардида, лоиҳаҳое амалӣ карда шаванд, ки барои рушди иқтисодию иҷтимоӣ аҳаммияти муҳими стратегӣ доранд» [135].

Илова бар ин, «дар шароити афзоиши талабот ба инфрасохтори босифат ва маҳдуд будани имкониятҳои буҷети давлатӣ, шарикии давлат ва бахши хусусӣ аз ҷониби як қатор муаллифон ҳамчун воситаи самараноки

ҷалби сармоягузориҳои хусусӣ ва баланд бардоштани самаранокии татбиқи лоиҳаҳои дахлдори сармоягузорӣ арзёбӣ мегардад» [71].

Дар мақолаи худ олимони ватанӣ И. Аминов ва М.А. Оқилова чунин мешуморанд, ки «рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ имкон медиҳад, ки муҳити соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ беҳтар гардад. Ҷалби сармоягузориҳои хусусӣ ба инфрасохтор ва соҳаи иҷтимоӣ, инчунин афзоиши шумораи корхонаҳои хусусӣ ба рушди иқтисоди кишвар ва беҳтар гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсири мусбат мерасонад» [4].

Бо вуҷуди гуногунии таърифҳо, метавон як қатор хусусиятҳои калидиро ҷудо намуд, ки ба аксари моделҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ хос мебошанд. Ба чунин хусусиятҳо пеш аз ҳама «хислати дарозмуддати созишнома, ҳамкории мутақобилаи бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ, тақсимоти хавфҳо ва манфиатҳо, ҷалби маблағгузории хусусӣ, инчунин пешниҳод ё истифодаи дороиҳое, ки ба давлат тааллуқ доранд, мансубанд» [117]. Дар раванди татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ аксаран ширкатҳои махсуси лоиҳавӣ таъсис дода мешаванд. «Дар амал навъҳои гуногуни шартномаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ мавҷуданд, аз ҷумла «Сохтмон-Истифодабарӣ-Интиқоли ҳуқуқи моликият», «Сохтмон-Интиқоли ҳуқуқи моликият-Истифодабарӣ», «Лоиҳакашӣ-Сохтмон-Маблағгузорӣ-Истифодабарӣ»» [127].

Бо назардошти натиҷаҳои таҳлил, метавон чунин хулоса кард, ки «шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун мафҳум дорои ҷанбаи бисёрсамтаву мураккаб буда, унсурҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоиро ба таври ҳамгиро дар бар мегирад» [55]. Ин хусусияти байнисоҳавӣ ба шарикии давлат ва бахши хусусӣ нақши механизми таъсирбахши гузариш ба модели рушди устуворро медиҳад, зеро он имкониятҳои бахши хусусиро бо манфиатҳои ҷамъиятӣ дар доираи як низоми институтсионалӣ муттаҳид намуда, заминаи татбиқи лоиҳаҳои стратегӣ ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои иҷтимоиро фароҳам меорад.

Бояд таъкид кард, ки дар аксари таърифҳои мавҷуда объекти асосии лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ моликияти давлатӣ ё хизматрасониҳои давлатӣ буда, ҳадафи онҳо пеш аз ҳама рушди инфрасохтор мебошад. Дар баробари ин, шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун механизми инноватсионии рушди иқтисоди муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ мегардад. Ин шакли ҳамкорӣ барои ҳалли вазифаҳои дорои аҳамияти иҷтимоӣ самаранок буда, дар ҳолати зарурӣ метавонад ҷалби муассисаҳои таълимӣ ва илмию тадқиқотиро барои татбиқи технологияҳои нав ва рушди иқтидори илмӣ низ фаро гирад. Дар натиҷа, самараи синергетикӣ ба даст меояд, иштирокчиёни манфиатдор аз сохторҳои гуногун саҳмҳои худро ба татбиқи лоиҳа ворид намуда, ба натиҷаи баландтар ва самараи бештар барои ҳамаи ҷонибҳо ноил мегарданд.

Дар зарурати ташкили чунин низоми ҳамгиро моҳияти аслии масъала ифода меёбад, ки ҳадафи он ташкили низоми устувори рушд дар асоси ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ мебошад.

Ташаккул ва рушди модели шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун як раванди таҳаввулёбанда арзёбӣ гардида, моҳияти он дар ба даст овардани тавозуни оқилонаи истифодаи захираҳо ва таъмини татбиқи самараноки лоиҳаҳо тавассути ҳамкории мутақобилаи давлат ва бахши хусусӣ зоҳир мегардад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки унсурҳои ибтидоии ин модел ҳанӯз дар заминаи ташкили роҳҳои пулакӣ ва хизматрасониҳои таъминоти об пайдо шуда, тадриҷан бо рушди муносибатҳои бозорӣ ва дастгирии сиёсати давлатӣ ба як шакли мукаммали ҳамкорӣ табдил ёфтанд. Мисолҳои муваффақи татбиқи он собит менамояд, ки дар ҳолати тарҳрезии дурусти механизмҳои ҳамкорӣ, давлат ва бахши хусусӣ метавонанд манфиатҳои муштаракро таъмин намуда, самаранокии фаъолияти инфрасохторӣ ва хизматрасониҳои иҷтимоиро ба сатҳи баландтар бардоранд.

Ин шакли ҳамкорӣ аз муносибатҳои анъанавии «фармоишгар – иҷрокунанда» фарқ намуда, ба низоми ҳамгироии захираҳо, ҳамоҳангсозии

манфиатҳо ва тақсимоти масъулияту хавфҳо асос меёбад. Маҳз ҳамин хусусият ба он имкон медиҳад, ки шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун воситаи муҳими ҷалби сармояи хусусӣ, баланд бардоштани самаранокии идоракунии касбӣ ва таъмини рушди устувори соҳаҳои иқтисодӣ истифода гардад. «Чандирии ин модел ҳамчунин имкон фароҳам меорад, ки он дар татбиқи лоиҳаҳои бузурги инфрасохторӣ ва амалисозии лоиҳаҳои хурду миёна, ки ба рушди хизматрасониҳо, технологияҳои рақамӣ ва ташаббусҳо равона шудаанд, низ самаранок татбиқ гардад» [92]. Бо вуҷуди ин, самти асосии истифодаи он ҳамоно дар соҳаи инфрасохтори калонҳаҷм, ки талаботи зиёди молиявӣ ва ташкилӣ доранд, боқӣ мемонад.

Ба андешаи Мукаддасзода Ф.М. «самаранокии муносибатҳои байни давлат ва бахши соҳибкорӣ, ҳам дар сатҳи минтақавӣ ва ҳам дар сатҳи соҳавӣ, инчунин дар сатҳи татбиқи лоиҳаи мушаххас, то андозае аз омилҳои зерин вобаста мебошад: шартҳои интиқоли лоиҳаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ, тартиби тақсимоти хавфҳо ва дараҷаи ваколатҳои бахши хусусӣ, тартиби маблағгузорӣ ва истифодаи объектҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ» [53].

Муаллифони мақолаи илмии “Шарикии давлатӣ-хусусӣ – уфуқи нави рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон” чунин мешуморанд, ки «шарикии давлат ва бахши хусусӣ имкон медиҳад, ки дар шароити нокифоя будани захираҳо бисёр масъалаҳои иқтисодии назди давлат бомуваффақият ҳал карда шаванд. Дар ҳолати чунин тарзи ташкили фаъолият объектҳои истифоданашуда барқарор карда мешаванд, объектҳои нав бунёд мешаванд ё сохтмони онҳо ба анҷом мерасад, объектҳои инфрасохтори истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ ба вуҷуд оварда шуда, самаранок истифода бурда мешаванд, самараи идоракунии моликияти давлатӣ ва дараҷаи қонеъгардонии талаботи аҳолӣ ва сохторҳои хоҷагидорӣ меафзояд» [99].

Ҳамин тавр, «моҳияти шарикии давлат ва бахши хусусӣ пеш аз ҳама дар таъмини пешниҳоди босифат ва самараноки молу хизматрасониҳои ҷамъиятӣ тавассути ҳамоҳангсозии имкониятҳои институтсионалии давлат ва

иқтидори бозории бахши хусусӣ зоҳир мегардад» [23]. Ин раванд танҳо ба муносибатҳои молиявӣ маҳдуд нашуда, балки шакли ҳамкории амиқи стратегӣ мебошад, ки ба ҳадафҳои муштарак, масъулияти тарафайн ва рушди дарозмуддат такя мекунад.

Яке аз ҷанбаҳои муҳими ин ҳамкорӣ дар он аст, ки он ба муттаҳидсозии иқтидори идоракунии давлатӣ ва самаранокии механизми бозорӣ асос меёбад. Ҳамоҳангсозии стратегӣ, истифодаи муштараки захираҳо ва ҳамгироии имкониятҳо ба тарафҳо имкон медиҳад, ки натиҷаҳои бештар ва устувортарро нисбат ба фаъолияти ҷудогона ба даст оранд.

Ҳамзамон, ин модел дорои хусусияти дуҷонибаи арзишӣ мебошад. «Аз як тараф, он ба қонеъ гардонидани талаботи ҷомеа ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва инфрасохторӣ равона гардида, аз тарафи дигар, барои сармоягузорони хусусӣ шароити мусоиди даромаднокиро фароҳам меорад» [55]. Маҳз ҳамин тавозун имкон медиҳад, ки ҳам таъсири иҷтимоӣ ва ҳам устувории иқтисодӣ таъмин карда шаванд.

Ҷанбаи муҳими дигар тақсимоти мутавозини хавфҳо ва манфиатҳо миёни иштирокчиён мебошад. Дар доираи ин модел, хавфҳо бо дарназардошти имконият, таҷриба ва салоҳияти ҳар як тараф тақсим карда шуда, муносибатҳои ҳамкорӣ дар асоси масъулияти муштарак ва шарикии дарозмуддат ташаккул меёбанд. Тарҳрезии илмии шартномаҳо ва истифодаи механизмҳои мутобиқшавандаи идоракунӣ барои баланд бардоштани устувории лоиҳаҳо ва кам кардани хавфҳои эҳтимолӣ мусоидат менамояд.

Хусусиятҳои калидии шарикии давлат ва бахши хусусиро метавон дар чанд самти асосӣ ҷамъбаст намуд. Пеш аз ҳама, синергияи ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии стратегӣ имкон медиҳад, ки дар шароити истифодаи самараноки захираҳо ҳаҷми хизматрасониҳо ва самаранокии онҳо афзоиш ёбад. Ин раванд аз шаклҳои анъанавии хариди давлатӣ бо он фарқ мекунад, ки ба ҳамкории дарозмуддат ва мутобиқсозии манфиатҳои тарафҳо такя мекунад.

Дуюм, дар доираи ин модел тавозуни манфиатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ нигоҳ дошта мешавад. «Манфиати ҷамъиятӣ ҳамчун самти асосӣ боқӣ монда, ҳамзамон даромаднокии сармоягузориҳои хусусӣ таъмин мегардад, ки ин барои устувории молиявии лоиҳаҳо аҳаммияти калидӣ дорад» [106].

Сеюм, идоракунии хавфҳо тавассути тақсимоти оқилонаи масъулият амалӣ гардида, боиси ба даст омадани натиҷаи синергетикӣ мегардад. Ҳамгироии имкониятҳои давлат ва бахши хусусӣ имкон медиҳад, ки хавфҳои иқтисодӣ, молиявӣ ва ташкилӣ ба таври самаранок идора карда шаванд.

Аз нуқтаи назари функсионалӣ, шарикии давлат ва бахши хусусӣ механизми муттаҳидкунандаи идоракунии стратегӣ ва самаранокии бозорӣ мебошад. Он ҳамоҳангсозии фаъолияти давлат ва соҳибкориро дар банақшагирии дарозмуддат таъмин намуда, ба ҷорӣ намудани усулҳои муосири идоракунӣ, рақамикунонӣ ва истифодаи технологияҳои инноватсионӣ мусоидат мекунад.

Воситаҳои махсуси ин модел низ барои ба вуҷуд овардани афзалиятҳои рақобатӣ нақши муҳим доранд. Истифодаи механизмҳои сармоягузорӣ, аз ҷумла консессияҳо ва маблағгузории лоиҳавӣ, барои ҷалби сармояи хусусӣ шароити мусоид фароҳам меорад. «Интиқоли технологияҳо ба татбиқи ҳалли рақамӣ ва «ҳушманд» мусоидат намуда, навовариҳои институтсионалӣ, аз ҷумла шартномаҳои чандир ва танзими мутобиқшаванда, назорати давлатро бо озодии иқтисодӣ муттаҳид месозанд» [106].

Дурнамои рушди минбаъдаи ин модел ба такмили механизмҳои идоракунӣ, мутобиқсозии қонунгузорӣ ва рушди платформаҳои рақамии мониторинг вобаста мебошад. Ҳамзамон, дар шароити муосир аҳаммияти ҷанбаи экологӣ низ торафт бештар мегардад. Тавассути шарикии давлат ва бахши хусусӣ метавон лоиҳаҳои ба ҳифзи муҳити зист равонашуда, аз ҷумла рушди энергетикаи сабз, истифодаи технологияҳои камкарбон, идоракунии оқилонаи захираҳои табиӣ ва бунёди инфрасохтори экологӣ устуворро амалӣ намуд. Ин раванд ба таъмини мувозинати байни рушди иқтисодӣ ва ҳифзи

муҳити зист мусоидат намуда, барои наслҳои оянда заминаи боэътимод фароҳам меорад.

Фарқияти асосии модели идоракунии шарикии давлат ва бахши хусусӣ аз шаклҳои оддии маблағгузорӣ дар он аст, ки он танҳо воситаи ҷалби сармоя набуда, балки як низоми ҳамгирои идоракунӣ мебошад.

Ба таври ҷамъбастӣ, дар диссертатсия шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун шакли ҷалби сармояи хусусӣ ва модели институтсионалии идоракунии рушди устувор баррасӣ мегардад. Дар доираи чунин равиш, шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун низоми ҳамгиро муайян карда мешавад, ки дар он мутобиқсозии манфиатҳои давлат, бахши хусусӣ ва ҷомеа, тақсимоти масъулият ва хавфҳо, ташаккули низоми ҳавасмандгардонӣ ва танзими шартномавии муносибатҳо ба таври муназзам амалӣ мегардад.

Ба андешаи мо, модели шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун низоми себахшаи ҳамгиро тавсиф карда шавад. Қисми якум муҳити институтсионалиро фаро гирифта, қонунгузорӣ, меъёрҳои танзимкунанда, тартиби интихоб ва арзёбии лоиҳаҳо, инчунин низоми назорати давлатӣ ва ҷамъиятиро дар бар мегирад. Қисми дуюм механизми молиявию иқтисодиро фаро гирифта, ба тартиби тақсимоти манбаъҳои молиявӣ, пешниҳоди кафолатҳои давлатӣ, имтиёзҳои андозӣ ва иқтисодӣ, инчунин механизмҳои бозгашти сармоя ва ҳавасмандгардонии сармоягузор такя мекунад. Қисми сеюм механизми иҷро ва мониторингро фарогир буда, идоракунии шартномаҳо, истифодаи нишондиҳандаҳои самаранокӣ (KPI), аудити молиявӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ, инчунин назорати даврии натиҷаҳои лоиҳаҳоро таъмин менамояд. Ҳамгироии ин се унсур имкон медиҳад, ки татбиқи лоиҳаҳо на танҳо аз рӯйи натиҷаи молиявӣ, балки аз рӯйи таъсири иҷтимоӣ ва экологӣ низ ба таври мунтазам идора ва баҳогузорӣ карда шавад.

Барои арзёбии самаранокии татбиқи шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар доираи мантиқи рушди устувор, дар таҳқиқот пешниҳод мегардад, ки низоми баҳодиҳӣ дар асоси се гурӯҳи асосии нишондиҳандаҳо амалӣ карда шавад. Ба гурӯҳи якум нишондиҳандаҳои иқтисодӣ дохил мешаванд, ки

арзиши давраи ҳаётии лоиҳа, ҳаҷми сармояи ҷалбшуда, «сатҳи сарфаи маблағҳои буҷетӣ, афзоиши маҳсулнокӣ ва даромаднокии умумиро дар бар мегиранд. Ба гурӯҳи дуюм нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ шомил гардида, сатҳи дастрасӣ ва сифати хизматрасониҳо, шумораи ҷойҳои нави корӣ, фарогирии иҷтимоӣ ва сатҳи қаноатмандии аҳолиро инъикос менамоянд. Ба гурӯҳи сеюм нишондиҳандаҳои экологӣ дохил мешаванд, ки коҳиши партовҳо ва газҳои гулхонаӣ, баланд бардоштани самаранокии энергетикӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, аз ҷумла обу замин ва ҳифзи гуногуншаклии биологиро дар бар мегиранд» [10]. Чунин равиши маҷмӯӣ имкон медиҳад, ки самаранокии лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ аз рӯйи натиҷаҳои молиявӣ, таъсири иҷтимоӣ ва экологӣ ба таври андозашаванда ва муқоисашаванда арзёбӣ карда шавад.

«Бо дарназардошти авлавияти мувозинати экологӣ дар доираи рушди устувор, ба андешаи мо, зарур шуморида мешавад, ки шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба принсипҳои «инфрасохтори сабз» ва идоракунии экологӣ такя намояд. Ин, пеш аз ҳама, ворид намудани талаботи ҳатмии экологӣ ба ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва шартномаҳои шарикӣ, аз ҷумла стандартҳои самаранокии энергетикӣ, истифодаи технологияҳои камкарбон, идоракунии партовҳо ва сарфаи захираҳои табииро дар бар мегирад» [5]. Ҳамзамон, ҷорӣ намудани нишондиҳандаҳои махсуси экологӣ (KPI-и экологӣ), механизмҳои «пардохт барои натиҷа», инчунин гузаронидани баҳодиҳии таъсири экологӣ ва мониторинги мустақили иҷрои ӯҳдадориҳои шартномавӣ аҳаммияти калидӣ касб менамояд. Дар ин замина, шарикии давлат ва бахши хусусӣ метавонад дар баробари ҳамчун воситаи рушди инфрасохторӣ, ҳамчунин воситаи амалии «сабзгардонӣ»-и сиёсати иқтисодӣ баромад намуда, ҳамзамон рушди иқтисодӣ ва ҳифзи муҳити зистро дар доираи як низоми ҳамгиро таъмин намояд.

Ҳамзамон бояд ба назар гирифт, ки «татбиқи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ бо як қатор хавфҳои институтсионалӣ, иқтисодӣ ва идоракунӣ алоқаманд мебошад. Аз ҷумла, хавфи интихоби нодурусти

лоиҳаҳо, норасоии шаффофият дар раванди интихоби сармоягузор, ноустувории муҳити меъёрӣ ва ҳуқуқӣ, тақсимоти ғайриоқилонаи хавфҳо байни тарафҳо, инчунин эҳтимоли болоравии арзиши лоиҳаҳо дар марҳилаи татбиқ метавонанд ба самаранокии умумии шарикӣ таъсири манфӣ расонанд» [55]. Аз ин лиҳоз, шартҳои асосии муваффақияти татбиқи шарикии давлат ва бахши хусусӣ чунин арзёбӣ мегарданд: таъмини шаффофият ва рақобатнокӣ дар интихоби лоиҳаҳо, тақсимоти хавфҳо мутобиқ ба салоҳият ва имкониятҳои ҳар як тараф, назорати мунтазами иҷрои шартномаҳо тавассути истифодаи нишондиҳандаҳои самаранокӣ, гузаронидани аудити молиявӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ, инчунин ташаккули муҳити ҳуқуқии устувор ва пешгӯишаванда, ки барои сармоягузорон кафолати эътимоднокии дарозмуддатро фароҳам меорад.

Ҳамин тавр, шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар шароити маҳдудияти захираҳои молиявии давлатӣ ва афзоиши талаботи иҷтимоӣ ҳамчун механизми ҳамгирои идоракунии рушди иқтисодӣ баромад намуда, ба давлат имкон медиҳад сармояи хусусиро ба татбиқи лоиҳаҳои дорои аҳамияти стратегӣ ҷалб намояд ва ба бахши соҳибкорӣ шароити устувори иштирок дар рушди инфрасохтор ва хизматрасониҳои ҷамъиятиро фароҳам оварад. Маҳз бо такя ба чунин равиши ҳамгиро, тавсияҳои пешниҳодшуда оид ба такмили механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ мантиқан аз таҳлилҳои гузаронидашуда бармеоянд ва ба таҳкими рушди устувори дарозмуддат равона карда мешаванд.

Ба андешаи мо, такмили механизми шарикии давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ бо дарназардошти рушди соҳибкории рақамӣ ва истифодаи технологияҳои сабз дар асоси таъмини шароити зерин самаранок амалӣ хоҳад гашт:

- давлат бояд барномаҳои махсуси дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии соҳибкории сабзро дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ ҷорӣ намояд, ки аз ҷумлаи онҳо метавон афзалиятдиҳии дастрасӣ ба сармоягузорӣ, субсидияҳо ва барномаҳои омӯзишӣ мебошанд;

- ташкили барномаҳои омӯзишӣ ва тренингҳои омодасозӣ барои соҳибкорон ва коршиносони бахши давлатӣ дар самти истифода ва татбиқи технологияҳои рақамӣ ва сабзро афзалият додан лозим аст;

- давлат ва бахши хусусӣ бояд якҷоя механизмҳои мониторинг ва баҳодиҳии таъсири технологияҳои сабзро ба рушди соҳибкорӣ ва муҳити зист таъсис дода, натиҷагирӣ ва такмилро таъмин намоянд;

- истифодаи таҷрибаи ҷаҳонӣ ва ҳамкории байналмилалӣ дар ин самт, аз ҷумла ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ дар соҳаҳои рақамӣ ва экологӣ барои густариши ҳамкории дуҷониба тавсия дода мешавад.

Дар умум, татбиқи ин тадбирҳо ба таъмини рушди устувори иқтисодӣ, ҳифзи муҳити зист ва баланд бардоштани рақобатпазирии субъектҳои соҳибкорӣ мусоидат менамояд. Дар ин замина, истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун омили муҳимми рушди устувор арзёбӣ гардида, ба ташаккули низоми муосири институтсионалии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ замина фароҳам меорад.

## Хулосаи боби 1

Натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодашуда дар доираи боби якуми диссертатсия имкон медиҳанд, ки заминаҳои илмию назариявии ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ ба таври системавӣ арзёбӣ карда шаванд. Таҳлил нишон дод, ки дар шароити муосири рушди иҷтимоию иқтисодӣ ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ шакли оддии танзим байни мақомоти давлатӣ ва субъектҳои соҳибкорӣ набуда, он ба сифати механизми муҳимми институтсионалӣ табдил ёфтааст, ки тавассути он метавон ҳадафҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологиро дар доираи як низоми ҳамгиро амалӣ намуд.

Дар ҷараёни таҳлил муайян гардид, ки консепсияи рушди устувор ҳамчун асоси методологии таҳқиқот баромад намуда, моҳияти он дар нигоҳ доштани тавозуни устувор миёни се унсури асосӣ, яъне иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ ифода меёбад. Дар диссертатсия асоснок карда шуд, ки рушди

устувор натиҷаи ҳамгироии сиёсати иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ буда, бе ташаккули механизмҳои ҳуқуқӣ ва молиявӣ амалӣ намегардад. Аз ин нуқтаи назар, давлат ҳамчун субъекти танзимкунанда ва ҳамоҳангсози равандҳои рушди устувор ва бахши соҳибкорӣ ҳамчун сармоягузорӣ сармоягузорӣ, навоварӣ ва истифодаи самараноки захираҳо баррасӣ гардиданд.

Таҳқиқот нишон дод, ки ҳамкории давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ бояд ҳамчун низоми муносибатҳои мутақобилан судманд фаҳмида шавад, ки дар он манфиатҳои давлат, соҳибкорон ва ҷомеа бо ҳам мутобиқ мегарданд. Бо чунин шакл, моҳияти ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар муттаҳидсозии иқтидори идоракунии давлатӣ ва имкониятҳои бозории соҳибкорӣ зоҳир мегардад.

Дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ муайян гардид, ки татбиқи принсипҳои рушди устувор дар муҳити соҳибкорӣ имрӯз бештар тавассути равиши ESG амалӣ мегардад. Ин равиш фаъолияти соҳибкориро аз рӯйи нишондиҳандаҳои экологӣ, иҷтимоӣ ва идоракунӣ арзёбӣ намуда, саҳми бахши хусусиро дар татбиқи ҳадафҳои рушди устувор муайян месозад. Дар таҳқиқот асоснок карда шуд, ки давлат дар ин самт бояд тавассути ташаккули меъёрҳо, стандартҳо ва механизмҳои ҳавасмандгардонӣ, инчунин дастгирии молиявию институтсионалӣ шароити мусоидро барои рушди соҳибкории устувор фароҳам оварад.

Яке аз натиҷаҳои муҳимми таҳқиқот дар он ифода ёфт, ки танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун пояи муҳими таъмини ҳамкории самараноки давлат ва бахши хусусӣ арзёбӣ гардид. Муайян карда шуд, ки дастгирии давлатӣ бояд хусусияти низомнок дошта, маҷмӯи чорабиниҳои меъёрии ҳуқуқӣ, молиявӣ, машваратӣ ва инфрасохториро дар бар гирад. Маҳз тавассути чунин механизмҳо давлат метавонад фазои мусоиди соҳибкориро ташаккул дода, монеаҳои маъмурию молиявиро коҳиш диҳад ва имкониятҳои рушди соҳибкориро васеъ намояд.

Дар доираи боби аввал ҳамчунин шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун модели муосири ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ таҳлил

гардид. Таҳқиқот нишон дод, ки дар шароити маҳдудияти захираҳои молиявии давлатӣ ва афзоиши талабот ба рушди инфрасохтор, шарикии давлат ва бахши хусусӣ метавонад ҳамчун механизми самараноки ҷалби сармояи хусусӣ ва баланд бардоштани самаранокии идоракунии лоиҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ истифода гардад. Ин шакли ҳамкорӣ ба тақсимоти оқилонаи масъулият, хавф ва манфиатҳо асос ёфта, ба муттаҳидсозии захираҳои давлатӣ ва хусусӣ мусоидат мекунад.

Таҳлили назария ва таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон дод, ки сарфи назар аз гуногунии таърифҳо, шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун шакли дарозмуддати ҳамкорӣ барои татбиқи лоиҳаҳои дорои аҳамияти иҷтимоӣ баррасӣ мегардад. Хусусиятҳои асосии он аз ҳамкории ду бахш, ҷалби маблағгузории хусусӣ, тақсимоти хавфҳо ва таъмини самаранокии хизматрасониҳо иборат мебошанд. Дар таҳқиқот пешниҳод гардид, ки шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун низоми ҳамгирои институтсионалӣ, молиявию иқтисодӣ ва идоракунӣ баррасӣ карда шавад, ки тавассути он натиҷаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ арзёбӣ мегарданд.

Ҳамин тавр, таҳқиқот нишон дод, ки ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ хусусияти бисёрзинагӣ ва стратегӣ дорад. Самаранокии чунин ҳамкорӣ ба ташаккули муҳити устувори институтсионалӣ, тақсимоти оқилонаи масъулият ва мутобиқсозии манфиатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ вобаста мебошад.

Хулоса, дар боби якум заминаҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот муайян гардида, моҳият ва аҳаммияти ҳамкории давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ дар рушди устувори иқтисодӣ асоснок карда шуданд. Натиҷаҳои бадастомада заминаи илмию методиро барои таҳлили вазъи амалии ҳамкории давлат ва соҳибкорӣ ва таҳияи пешниҳодҳои мушаххас оид ба такмили механизмҳои он дар бобҳои минбаъдаи диссертатсия фароҳам меоранд.

# БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ МУОСИРИ РУШД ВА ҲАМКОРИИ ДАВЛАТ БО СУБЪЕКТҲОИ СОҲИБКОРӢ

## 2.1. Арзёбии вазъи рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва таъмини фазои мусоиди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар шароити рушди устувори иқтисоди миллӣ фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун яке аз омилҳои муҳими афзоиши истеҳсолот, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ баромад менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди соҳибкорӣ на танҳо вазифаи иқтисодӣ, балки ҳадафи стратегии сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, арзёбии вазъи рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва таъмини фазои мусоиди он аҳамияти илмию назариявӣ ва амалӣ дорад.

Дар солҳои охир дар кишвар тамоюли мусбати афзоиши шумораи субъектҳои соҳибкорӣ, бахусус соҳибкории хурд ва миёна, мушоҳида мегардад. Ин раванд пеш аз ҳама натиҷаи ислоҳоти институтсионалӣ, содда гардонидани бақайдгирии фаъолияти соҳибкорӣ ва васеъ намудани шаклҳои ҳуқуқии фаъолияти тиҷоратӣ мебошад. Соҳибкорӣ тадриҷан ба яке аз манбаъҳои асосии ташаккули маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва шуғли аҳолӣ табдил ёфта, нақши он дар рушди минтақаҳо низ боло меравад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини фазои мусоиди соҳибкориро ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иқтисодӣ муайян намудааст. Дар ин замина, такмили қонунгузорӣ, коҳиш додани фишори маъмурӣ, маҳдуд намудани санҷишҳои беасос ва ҷорӣ намудани механизмҳои шаффофи танзими давлатӣ амалӣ мегарданд. Қадамҳо барои рақамисозии хизматрасониҳои давлатӣ ва рушди «ҳукумати электронӣ» низ ба беҳтар гардидани муҳити соҳибкорӣ мусоидат мекунанд.

Бо вуҷуди ин, таҳлил нишон медиҳад, ки дар самти рушди утсулори фаъолияти соҳибкорӣ як қатор мушкилот ҳанӯз боқӣ мемонанд. Аз ҷумла, дастрасии маҳдуд ба захираҳои молиявӣ, баланд будани меъёрҳои фоизи

қарзҳо, сатҳи нокифояи рушди бозори сармоя ва инфрасохтори молиявӣ рушди соҳибкориро маҳдуд месозанд. Илова бар ин, сатҳи пасти рақобатпазирии қисми муайяни субъектҳои соҳибкорӣ, истифодаи маҳдуди технологияҳои инноватсионӣ ва вобастагӣ аз бозорҳои берунӣ имкониятҳои рушди устуворро коҳиш медиҳанд.

Ҷанбаи муҳими арзёбии фазои соҳибкорӣ инчунин самаранокии дастгирии давлатӣ мебошад. Барномаҳои давлатӣ, имтиёзҳои андозӣ ва қарзҳои имтиёзнок, дар сурати ҳадафманд ва шаффоф татбиқ шудан, метавонанд таъсири мусбат расонанд. Аммо барои баланд бардоштани самаранокии онҳо зарур аст, ки робитаи мустақим байни ҳаҷми дастгирӣ ва натиҷаҳои воқеии иқтисодӣ таъмин гардад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз соли 2012 дар мулоқот бо соҳибкорони кишвар таъкид намуданд, ки «Рушди соҳибкории хусусӣ ва мусоидати ҳамаҷонибаи ташаккулёбию рушди он аз ҷумлаи вазифаҳои аввалиндараҷаи Ҳукумати мамлакат аст, зеро соҳибкории хусусӣ яке аз роҳҳои алтернативӣ дар бобати баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар ва заминаи боэътимоди таъмини рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ, зиёд намудани табақаи миёнаҳол ва ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ мебошад» [67]. Илова бар ин, дар Паёми соли 2025 қайд намуданд, ки: «Ҳоло дар мамлакат ҳиссаи бахши хусусӣ дар истеҳсоли молҳо 80 фоиз ва шуғли аҳолӣ 70 фоизро ташкил медиҳад ва он ҳамчун қувваи пешбарандаи рушди кишвар эътироф гардидааст» [68].

Ҳалли бомуваффақияти ҳадафи стратегии давлат, яъне тадриҷан баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ ба рушди босуръати фаъолияти соҳибкорӣ вобастагии зич дорад. Аз ин лиҳоз, соҳибкорӣ яке аз самтҳои афзалиятноки татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ маҳсуб гардида, рушди ҳамаҷонибаи он ба таъмин намудани рушди устувори иқтисод, беҳтар гардидани вазъи бозори истеъмолӣ, ғанӣ гардонидани бозор бо молу

хизматрасониҳои босифат ва қонеъ гардонидани талаботи тағйирёбандаи истеъмолгарон мусоидат менамояд.

Муҳаққиқи ватанӣ Валиев Н.Ш. дар мақолаи худ чунин қайд менамояд: «ҳалли бомуваффақияти ҳадафи стратегии давлат дар замони муосир, яъне давра ба давра баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии аҳолӣ, ки ҳамеша аҳамияти бузурги иҷтимоӣ дорад, бевосита бо зарурати рушди босуръати фаъолияти соҳибкорӣ, аз он ҷумла аз вазъи соҳибкорӣ вобастагии ногусастанӣ дорад. Аз ин лиҳоз, соҳибкорӣ яке аз самтҳои афзалиятноки татбиқи амалии ислоҳоти иқтисодӣ маҳсуб шуда, таҳкиму инкишофи ҳамаҷонибаи он ба таъмини рушди босуботи иқтисодӣ дар мамлакат, беҳтар намудани вазъияти бозори моводи истеъмолӣ тариқи таъмини он бо молу хадамоти гуногун ва баландсифат, нисбатан дастрасии сатҳи нархҳои чаканафурӯшии молҳои ғизои ва ғайриғизоӣ, ба раванди қонеъ гардонидани тақозои тағйирёбандаи истеъмолгарон мусоидат мекунад» [15].

Дар асоси гуфтаҳои боло мехоҳем дар идомаи таҳқиқот ба масъалаи таҳлили ҳолати муосири фаъолияти соҳибкорӣ, мушкилот ва роҳҳои беҳтарсозии он оғоз намоем. Барои ин мо вазифаҳои асосии таҳлили ҳолат, мушкилот ва роҳҳои такмили муҳити фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва натиҷаҳои интизории онро дар шакли расм пешкаш намудем (расми 2).

Дар расми 8 мазмуну аҳаммияти вазифаҳои асосии таҳлили фаъолияти соҳибкорӣ дар вобастагӣ бо натиҷаҳои амалии он дар рушди соҳибкорӣ ба таври пайдарпай нишон дода шудааст. Таҳлили иқтисодии ҷузъҳои алоҳидаи фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун васоити муҳими идоракунӣ шароит фароҳам месозад, ки вазъи воқеии он, самаранокии истифодаи захираҳои табиию иқтисодӣ, дараҷаи даромаднокӣ ва устувории молиявии фаъолият ҳаматарафа баҳодиҳӣ гардад.




**Расми 8. - Вазифаҳои асосии таҳлили фаъолияти соҳибкорӣ ва натиҷаҳои амалии он**

Натиҷаҳои амалии таҳлили фаъолияти соҳибкорӣ барои қабули қарорҳои асосноки идоракунӣ заминаи боэътимод муҳайё месозад, сатҳи

хавфҳои эҳтимолиии фаъолиятро коҳиш медиҳанд ва рушди минбаъдаи фаъолиятро дар доираи самтҳои афзалиятноки он муайян месозанд.

Бояд ҳаминро қайд намуд, ки вазифаҳо ва натиҷаҳои таҳлили иқтисодии намудҳои мухталифи фаъолияти соҳибкорӣ дар иқтисоди кишвар ҳамчун унсури муҳими рушди устувор ва самараноки соҳибкорӣ баромад намуда, барои таъмини рушди устувори иқтисод ва беҳтар шудани муҳити соҳибкорӣ аҳаммияти назаррасро соҳиб аст.

Дар солҳои охир рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар Тоҷикистон дорои тамоюли мусбат мебошад. Афзоиши шумораи субъектҳои соҳибкорӣ, хусусан соҳибкории хурд ва миёна, нишон медиҳад, ки соҳибкорӣ тадриҷан ба яке аз бахшҳои фаъоли иқтисоди миллӣ табдил меёбад. Ин раванд пеш аз ҳама натиҷаи ислоҳоти иқтисодӣ, такмили қонунгузорӣ ва содда гардидани тартиби бақайдгирии фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Соҳибкорон имрӯз нисбат ба солҳои қаблӣ имконияти васеътар барои оғоз ва идомаи фаъолияти тиҷоратӣ доранд.

Дар ин замина бояд зикр кард, ки дар панҷ соли охир шумораи субъектҳои хоҷагидор дар ҷумҳурӣ афзоиш ёфта, мутаносибан шумораи кормандони фаъолияткунанда дар онҳо низ зиёд гардидааст (ҷадвали 2.1).

**Ҷадвали 2.1. – Тамоюли тағйирёбии шумораи субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2020-2024**

| **Шаклҳои субъектҳои соҳибкорӣ** | **Солҳо** | | | | | **соли 2024 / 2020 бо:** | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** | **2024** | **адад** | **%** |
| Ҳамагӣ субъектҳои хоҷагидор | 335306 | 338814 | 340115 | 350253 | 358608 | 23302 | 6,9 |
| аз ҷумла: | | | | | | | |
| Соҳибкори инфиродӣ | 304041 | 307878 | 307262 | 316463 | 324186 | 20145 | 6,6 |
| Шахсони ҳуқуқӣ | 31265 | 30936 | 32853 | 33790 | 34422 | 3157 | 10,1 |
| **Вазни хос нисбати шумораи умумии субъектҳои соҳибкорӣ, %** | | | | | | | |
| Ҳамагӣ субъектҳои хоҷагидор | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | - | - |
| аз ҷумла: | | | | | | | |
| Соҳибкори инфиродӣ | 90,7 | 90,9 | 90,3 | 90,4 | 90,4 | - | - 0,3 |
| Шахсони ҳуқуқӣ | 9,3 | 9,1 | 9,7 | 9,6 | 9,6 | - | + 0,3 |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (равзанаи ягона)

Таҳлили маълумоти ҷадвал нишон медиҳанд, ки дар солҳои 2020-2024 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли устувори афзоиши шумораи умумии субъектҳои хоҷагидор мушоҳида мегардад. Агар дар соли 2020 шумораи умумии онҳо 335 306 ададро ташкил медод, пас дар соли 2024 ин нишондиҳанда ба 358 608 адад расида, афзоиши мутлақ ба 23 302 субъект ё 6,9 фоиз баробар шудааст. Ин раванд гувоҳи тадриҷан беҳтар шудани муҳити соҳибкорӣ ва афзоиши фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ мебошад.

Таҳлили сохтори субъектҳои соҳибкорӣ нишон медиҳад, ки қисми асосии онҳоро соҳибкорони инфиродӣ ташкил медиҳанд. Шумораи соҳибкорони инфиродӣ аз 304 041 адад дар соли 2020 то 324 186 адад дар соли 2024 зиёд шуда, афзоиши мутлақ 20 145 адад ё 6,6 фоизро ташкил додааст. Бо вуҷуди афзоиши шумораи онҳо, вазни хоси соҳибкорони инфиродӣ дар сохтори умумии субъектҳои хоҷагидор тақрибан бетағйир боқӣ монда, дар ҳудуди 90,3-90,9 фоиз қарор дорад. Ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки рушди соҳибкорӣ бештар ба шаклҳои хурд ва инфиродӣ такя мекунад.

Дар навбати худ, шумораи шахсони ҳуқуқӣ дар давраи таҳлилшаванда нисбатан бо суръати баланд афзоиш ёфтааст. Агар дар соли 2020 шумораи онҳо 31 265 ададро ташкил медод, пас дар соли 2024 ба 34 422 адад расида, афзоиши мутлақ 3 157 адад ё 10,1 фоизро нишон медиҳад. Вазни хоси шахсони ҳуқуқӣ низ аз 9,3 фоиз дар соли 2020 то 9,6 фоиз дар соли 2024 зиёд шудааст. Бо вуҷуди он ки саҳми онҳо дар сохтори умумӣ ҳанӯз нисбатан маҳдуд боқӣ мемонад, суръати нисбатан баланди афзоиши онҳо аз тамоюли тадриҷии гузариш аз соҳибкории инфиродӣ ба шаклҳои муташаккилтари ташкилию ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дарак медиҳад.

Дар умум, хулосаи маълумоти таҳлилшуда нишон медиҳанд, ки муҳити соҳибкорӣ дар Тоҷикистон дар ҳоли рушд қарор дорад, аммо сохтори он бештар хусусияти хурд ва инфиродӣ дошта, имкониятҳои рушди соҳибкории миёна ва бузург ҳанӯз пурра истифода нашудаанд.

**Ҷадвали 2.2. – Арзёбии вазъи муосири соҳибкорони инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистондар, солҳои 2020-2024**

| Шаклҳои соҳибкории инфиродӣ | Солҳо | | | | | соли 2024 / 2020 бо: | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | адад | % |
| Соҳибкори инфиродӣ, ҳамагӣ | 304041 | 307878 | 307262 | 316463 | 324186 | 20145 | 106,6 |
| аз ҷумла: | | | | | | | |
| Шаҳодатнома бо шартҳои махсус | 0 | 0 | 52291 | 57304 | 52527 | 0 | 0 |
| Шаҳодатнома | 37264 | 36637 | 35474 | 35669 | 36866 | -398 | 98,9 |
| Патент | 105401 | 104241 | 74194 | 46966 | 49173 | -56228 | 46,7 |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ | 161376 | 167000 | 172108 | 176524 | 178620 | 17244 | 110,7 |
| **Вазни хос нисбати шумораи умумии субъектҳои соҳибкорӣ, %** | | | | | | | |
| Соҳибкори инфиродӣ, ҳамагӣ | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | - | - |
| аз ҷумла: | | | | | | | |
| Шаҳодатнома бо шартҳои махсус | 0,0 | 0,0 | 16,3 | 18,1 | 16,2 | - | - |
| Шаҳодатнома | 12,3 | 11,9 | 10,5 | 11,3 | 11,4 | - | - |
| Патент | 34,7 | 33,9 | 17,6 | 14,8 | 15,2 | - | - |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ | 53,1 | 54,2 | 56,0 | 55,8 | 55,1 | - | - |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (равзанаи ягона)

Таҳлили маълумоти ҷадвали 2.2. нишон медиҳад, ки дар солҳои 2020-2024 вазъи соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тағйироти сохторӣ ва тамоюлҳои гуногунсамт тавсиф меёбад. Дар маҷмӯъ, шумораи умумии соҳибкорони инфиродӣ дар давраи таҳлилшаванда аз 304041 адад дар соли 2020 то 324186 адад дар соли 2024 афзоиш ёфта, зиёдшавии мутлақ 20145 адад ё 6,6 фоизро ташкил намудааст. Ин тамоюл аз рушди нисбатан устувори соҳибкории инфиродӣ ва нақши муҳими он дар иқтисоди миллӣ шаҳодат медиҳад.

Дар сохтори соҳибкории инфиродӣ тағйироти назаррас мушоҳида мегардад. Аз ҷумла, шакли «шаҳодатнома бо шартҳои махсус», ки то соли 2021 амалан мавҷуд набуд, аз соли 2022 ба ин сӯ ба таври фаъол ҷорӣ гардида, дар соли 2024 шумораи он ба 52527 адад расидааст. Вазни хоси ин шакл дар сохтори умумии соҳибкорони инфиродӣ дар соли 2024 ба 16,2 фоиз баробар буда, аз афзоиши нақши шаклҳои нави танзими фаъолияти соҳибкорӣ дарак медиҳад.

Шумораи соҳибкороне, ки фаъолияти худро дар асоси шаҳодатнома анҷом медиҳанд, дар маҷмӯъ тамоюли нисбатан устувор дошта, дар соли 2024 ба 36 866 адад расидааст. Бо вуҷуди ин, нисбат ба соли 2020 коҳиши ночиз (398 адад ё 1,1 фоиз) ба қайд гирифта мешавад, ки бо пастшавии вазни хоси онҳо аз 12,3 то 11,4 фоиз ҳамоҳанг мебошад.

Баръакс, шакли патентӣ дар давраи таҳлилшаванда коҳиши назаррасро аз сар гузаронидааст. Агар дар соли 2020 шумораи соҳибкорони патентӣ 105 401 ададро ташкил медод, пас дар соли 2024 ин нишондиҳанда ба 49 173 адад поин рафта, коҳиши мутлақ 56 228 адад ё 53,3 фоизро нишон медиҳад. Вазни хоси патент дар сохтори умумии соҳибкории инфиродӣ низ аз 34,7 фоиз то 15,2 фоиз кам гардидааст. Ин раванд метавонад натиҷаи ислоҳоти низоми андозбандӣ, сахттар гардидани талаботи ҳуқуқӣ ва гузариш ба шаклҳои мураттабтари фаъолияти соҳибкорӣ бошад.

Дар баробари ин, хоҷагиҳои деҳқонӣ ҳамчун шакли бартаридоштаи соҳибкории инфиродӣ боқӣ мондаанд. Шумораи онҳо аз 161 376 адад дар соли 2020 то 178 620 адад дар соли 2024 афзоиш ёфта, зиёдшавии мутлақ 17 244 адад ё 10,7 фоизро ташкил додааст. Вазни хоси хоҷагиҳои деҳқонӣ дар тамоми давра зиёда аз нисфи сохтори соҳибкории инфиродиро ишғол намуда (53,1–56,0 фоиз), нақши калидии бахши аграриро дар таъмини шуғли аҳолӣ ва рушди соҳибкории инфиродӣ инъикос менамояд (диаграммаи 1).

Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки тамоюли коҳиши шакли патентӣ ва ҳамзамон афзоиши хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ҷорӣ гардидани шаклҳои нави бақайдгирӣ гувоҳи мутобиқшавии низоми соҳибкорӣ ба ислоҳоти институтсионалӣ ва сиёсати давлатии танзими фаъолияти соҳибкорӣ мебошад.

**Диаграммаи 1. – Шумораи субъектҳои хоҷагидори таъсисёфта, солҳои 2020-2024**




**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Равзанаи ягона)

Маълумоти инъикосёфта дар диаграммаи 1 нишон медиҳанд, ки дар солҳои 2020-2024 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли умумии афзоиши шумораи субъектҳои хоҷагидори таъсисёфта мушоҳида мегардад. Бо вуҷуди тағйироти алоҳида дар баъзе солҳо, раванд дар маҷмӯъ хусусияти мусбат дошта, аз фаъолнокии тадриҷии соҳибкорӣ ва беҳтар гардидани муҳити ташкили фаъолияти иқтисодӣ шаҳодат медиҳад.

Дар солҳои аввали давраи таҳлилшаванда таъсиси субъектҳои хоҷагидор нисбатан мӯътадил сурат гирифта, ки ин метавонад ба таъсири омилҳои беруна, аз ҷумла паёмадҳои пандемияи COVID-19 ва маҳдудиятҳои вобаста ба он, алоқаманд бошад. Бо вуҷуди ин, аз соли 2022 сар карда, тамоюли болоравии устувор ба қайд гирифта мешавад, ки нишондиҳандаи мутобиқшавии иқтисод ба шароити нав ва баркароршавии фаъолияти соҳибкорӣ мебошад.

Афзоиши шумораи субъектҳои хоҷагидори таъсисёфта дар солҳои 2023-2024 аз як тараф, «натиҷаи чораҳои давлатии дастгирии соҳибкорӣ, соддасозии расмиёти бақайдгирӣ ва такмили муҳити меъёрӣ-ҳуқуқӣ буда, аз тарафи дигар, аз афзоиши ҳавасмандии аҳолӣ ва бахши хусусӣ ба фаъолияти

соҳибкорӣ дарак медиҳад» [27]. Ин раванд инчунин аз васеъ гардидани заминаи ташкили ҷойҳои нави корӣ ва таҳкими пойгоҳи андозии иқтисоди миллӣ шаҳодат медиҳад.

Дар умум, маълумоти омории диаграммаи 1 тасдиқ менамояд, ки таъсиси субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи таҳлилшаванда тамоюли афзоишёбанда дошта, заминаи мусоид барои рушди минбаъдаи соҳибкорӣ ва баланд бардоштани устувории иқтисоди миллӣ фароҳам меорад. Бо нигоҳ доштани ин раванд ва таҳкими сиёсати дастгирии соҳибкорӣ, имкониятҳои бештар барои рушди соҳибкории миёна ва шаклҳои ташкилию ҳуқуқии устувортар ба вуҷуд хоҳанд омад.

Дар натиҷаи ислоҳотҳои гузаронидашуда сохтори тақсимоти корхонаҳо аз рӯйи шаклҳои моликият ба таври назаррас тағйир ёфт (ҷадвали 2.3.). Агар соли 2020 аз шумораи умумии корхонаҳо ва ташкилотҳо ҳамагӣ 76,5 фоиз (36434 адад аз 47639 адад) ба корхонаҳои хусусӣ ва коллективӣ рост меомад, пас соли 2024 ин нишондиҳанда (45708 адад аз 57841 адад) ба 79,0 фоиз расид.

**Ҷадвали 2.3. – Шумораи корхонаҳо аз рӯйи шаклҳои моликият дар солҳои 2020-2024**

| **Шаклҳои моликият** | **Солҳо** | | | | | **2024 бо фоиз нисбат ба:** | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** | **2024** | **2020** | **2023** |
| Ҳамагӣ, адад | 47639 | 48625 | 52134 | 55636 | 57841 | 121,4 | 104,0 |
| Аз ҷумла аз рӯйи шаклҳои моликият: | | | | | | | |
| Давлатӣ, адад | 10150 | 10197 | 10541 | 10686 | 10618 | 104,6 | 99,4 |
| **- бо фоиз нисбати ҳамагӣ** | **21,3** | **21,0** | **20,2** | **19,2** | **18,4** | 86,4 | 95,8 |
| Хусусӣ ва коллективӣ, адад | 36434 | 37265 | 40371 | 43579 | 45708 | 125,5 | 104,9 |
| **- бо фоиз нисбати ҳамагӣ** | **76,5** | **76,6** | **77,4** | **78,3** | **79,0** | 103,3 | 100,9 |
| Дигар шаклҳои моликият[2], адад | 1052 | 1163 | 1222 | 1371 | 1515 | 144,0 | 110,5 |
| **- бо фоиз нисбати ҳамагӣ** | **2,2** | **2,4** | **2,4** | **2,5** | **2,6** | 118,2 | 104,0 |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси маҷмуаи омори солона, Душанбе, 2025. – С. 227

[2] Аз ҷумла моликияти омехта, моликияти шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, шаҳрвандон ва шахсони бетаба

Дар маҷмӯъ, марҳилаи баррасишавандаро метавон давраи фаъолшавии фаъолияти соҳибкорӣ, афзоиши ҳиссаи бахши хусусӣ ва оғози тағйироти мусбат дар иқтисоди ҷумҳурӣ номид. Ҳамзамон, «бо такя ба натиҷаҳои таҳқиқоте, ки қаблан аз ҷониби олимони тоҷик анҷом дода шудаанд, метавон қайд намуд, ки дар марҳилаи дуюм ба рушди соҳибкорӣ нокифоя инкишоф ёфтани институтҳо ва инфрасохтори он, ҳаҷми ночизи сармоягузориҳо ва сатҳи пасти ҷорӣ намудани инноватсияҳо ва дигар омилҳо таъсири манфӣ расониданд» [27].

Маълумоти ҷадвали 2.3. нишон медиҳад, ки дар солҳои 2020-2024 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли устувори афзоиши шумораи умумии корхонаҳо мушоҳида мегардад. Шумораи умумии корхонаҳо аз 47639 адад дар соли 2020 то 57841 адад дар соли 2024 расида, афзоиши 21,4 фоизро ташкил додааст. Ин раванд аз фаъолшавии муҳити соҳибкорӣ ва васеъ гардидани пойгоҳи истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ дар иқтисоди миллӣ шаҳодат медиҳад.

Дар сохтори шаклҳои моликият, корхонаҳои давлатӣ бо вуҷуди афзоиши номиналӣ аз 10150 то 10618 адад, ҳиссаи худро дар шумораи умумӣ аз 21,3 фоиз дар соли 2020 то 18,4 фоиз дар соли 2024 коҳиш додаанд. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки нақши бахши давлатӣ дар сохтори иқтисодӣ тадриҷан коҳиш ёфта, ҷойи онро дигар шаклҳои моликият ишғол менамоянд.

Дар муқоиса, корхонаҳои хусусӣ ва коллективӣ ҳамчун шакли бартаридоштаи моликият бо суръати баланд рушд ёфтаанд. Шумораи онҳо дар давраи таҳлилшаванда аз 36434 то 45708 адад зиёд шуда, афзоиши 25,5 фоизро ташкил медиҳад. Ҳиссаи ин гурӯҳ дар сохтори умумӣ аз 76,5 фоиз ба 79,0 фоиз расидааст, ки аз таҳким ёфтани мавқеи бахши хусусӣ ва афзоиши нақши он дар рушди иқтисоди бозорӣ гувоҳӣ медиҳад.

Ҳамзамон, дигар шаклҳои моликият низ тамоюли мусбати рушдро нишон медиҳанд. Шумораи чунин корхонаҳо аз 1052 адад дар соли 2020 то 1515 адад дар соли 2024 афзоиш ёфта, 44,0 фоиз зиёд шудааст. Бо вуҷуди он

ки ҳиссаи онҳо дар сохтори умумӣ нисбатан кам боқӣ мемонад (аз 2,2 то 2,6 фоиз), ин афзоиш гуногуншаклии сохтори моликият ва тадриҷан инкишоф ёфтани шаклҳои алтернативии соҳибкориро инъикос менамояд.

Натиҷаҳои рақамҳои омории ҷадвал шаҳодат медиҳанд, ки дар солҳои 2020–2024 дар иқтисоди ҷумҳурӣ равандҳои таҳкими бахши хусусӣ, коҳиш ёфтани ҳиссаи бахши давлатӣ ва диверсификатсияи шаклҳои моликият ба таври возеҳ ба назар мерасанд, ки ин омилҳо метавонанд заминаи мусоид барои рушди минбаъдаи соҳибкорӣ ва баланд бардоштани самаранокии иқтисоди миллӣ фароҳам оваранд.

Инчунин, дар ҷумҳурӣ шумораи субъектҳои соҳибкорӣ бо суръати баланд афзоиш меёбад. Дар солҳои 2016–2024 шумораи онҳо 74,3 фоиз зиёд гардидааст (ҷадвали 2.4).

**Ҷадвали 2.4. – Шумораи субъектҳои соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2016-2024 (ба аввали сол)**

| **Нишондиҳандаҳо** | **Солҳо** | | | | | **соли 2024 бо фоиз нисбат ба:** | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2016** | **2021** | **2022** | **2023** | **2024** | **2016** | **2023** |
| Ҳамагӣ, адад | 446695 | 641041 | 676438 | 707813 | 778557 | 174,3 | 110,0 |
| аз он ҷумла: | | | | | | | |
| Ҳамагӣ шахсони ҳуқуқӣ, адад | 42358 | 47639 | 48625 | 52134 | 57841 | 136,6 | 110,9 |
| Бо % нисбати ҳамагӣ | 9,5 | 7,4 | 7,2 | 7,4 | 7,4 | - | - |
| Филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ | 494 | 608 | 640 | 708 | 676 | 136,8 | 95,5 |
| Бо % нисбати ҳамагӣ | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | - | - |
| Соҳибкорони инфиродӣ | 403843 | 592794 | 627173 | 654971 | 720716 | 178,5 | 110,0 |
| Бо % нисбати ҳамагӣ | 90,4 | 92,5 | 92,7 | 92,5 | 92,6 | - | - |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси маҷмуаи омори солона, Душанбе, 2025. – С. 223

Аз таҳлили маълумоти ҷадвали 2.4. метавон ба чунин хулоса омад, ки дар кишвар шумораи шахсони ҳуқуқӣ, инчунин филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ бо суръати паст афзоиш меёбад (мутаносибан 36,6 ва 36,8 фоиз). Ҳиссаи ин сохторҳои соҳибкорӣ дар шумораи умумии субъектҳои хоҷагидор низ паст боқӣ мемонад (мутаносибан 7,4 ва 0,1 фоиз). Афзоиши назарраси шумора ва ҳиссаи онҳо метавонад ба рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ таъсири мусбат расонад.

Мушкили дигаре, ки  дар ҷумҳурӣ дар давраи таҳлилшаванда ба назар мерасад, ин суръати афзоиши субъектҳои хоҷагидори барҳамдодашуда аз суръати афзоиши субъектҳои фаъолияткунанда бештар ба чашм мерасад.

Ба аввали соли 2025 аз шумораи умумии субъектҳои хоҷагидор 371452 адад (47,7 фоиз) фаъолияткунанда ва 407105 адад (52,3 фоиз) барҳамдодашуда буданд (диаграммаи 2), дар ҳоле ки ба аввали соли 2016 ин нишондиҳандаҳо мутаносибан 275995 адад (ё 61,8 фоиз) ва 165020 адад (ё 38,2 фоиз)-ро ташкил медоданд.

**Диаграммаи 2. - Таносуби шумораи субъектҳои хоҷагидори фаъол ва барҳамдодашуда ба ҳолати аввали соли 2025**




**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси Маҷмуаи омори солона, Душанбе, 2025. – С. 223

Дар солҳои охир ҳиссаи субъектҳои соҳибкории фаъол коҳиш ёфта, баръакс, ҳиссаи субъектҳои барҳамдодашуда афзоиш меёбад. Ҳар қадар шумораи субъектҳои барҳамдодашаванда камтар бошад, ҳамон қадар афзоиши онҳо ба рушди иқтисоди ҷумҳурӣ таъсири мусбат мерасонад.

Раванди зикршуда инчунин аз рӯйи намудҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидор мушоҳида мегардад (ҷадвали 2.5.).

**Ҷадвали 2.5. – Шумораи субъектҳои хоҷагидори фаъолияткунанда ва барҳамдодашуда аз рӯйи намудҳои фаъолият дар солҳои 2016-2024 (ба аввали сол)**

| **Нишондиҳандаҳо** | **Солҳо** | | | | | **Соли 2024 бо фоиз нисбат ба:** | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2016** | **2021** | **2022** | **2023** | **2024** | **2016** | **2023** |
| **Ҳамагӣ субъектҳои хоҷагидорӣ, адад** | | | | | | | |
| | 446695 | 641041 | 676438 | 707813 | 778557 | 174,3 | 110,0 |
| **аз он ҷумла:** | | | | | | | |
| Ҳамагӣ шахсони ҳуқуқӣ, адад | 42358 | 47639 | 48625 | 52134 | 57841 | 136,6 | 110,9 |
| Филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ | 494 | 608 | 640 | 708 | 676 | 136,8 | 95,5 |
| Соҳибкорони инфиродӣ | 403843 | 592794 | 627173 | 654971 | 720716 | 178,5 | 110,0 |
| **Субъектҳои хоҷагидории фаъолияткунанда, адад** | | | | | | | |
| Фаъолияткунанда, ҳамагӣ аз он: | 275995 | 339806 | 343314 | 344735 | 371452 | 134,6 | 107,8 |
| Ҳамагӣ шахсони ҳуқуқӣ, адад | 31798 | 35392 | 35088 | 37076 | 40760 | 128,2 | 109,9 |
| Филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ | 391 | 373 | 348 | 397 | 418 | 106,9 | 105,3 |
| Соҳибкорони инфиродӣ | 243806 | 304041 | 307878 | 307262 | 330274 | 135,5 | 107,5 |
| **Субъектҳои хоҷагидории барҳамдодашуда, адад** | | | | | | | |
| Барҳамдодашуда, ҳамагӣ аз он: | 165020 | 301235 | 333124 | 363078 | 407872 | 2,5 мар. | 112,3% |
| Ҳамагӣ шахсони ҳуқуқӣ, адад | 4897 | 12247 | 13537 | 15058 | 17081 | 3,5 мар. | 113,4% |
| Филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ | 86 | 235 | 292 | 311 | 349 | 4,1 мар. | 112,2% |
| Соҳибкорони инфиродӣ | 160037 | 288753 | 319295 | 347709 | 390442 | 2,4 мар. | 112,3% |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси маҷмуаи омори солона, Душанбе, 2025. – С. 223

Набояд нодида гирифт, ки суръати афзоиши барҳамдиҳии ҳамаи намудҳои субъектҳои хоҷагидор ҳамчунон баланд боқӣ мемонад. Дар муқоиса бо субъектҳои барҳамдодашаванда, суръати афзоиши субъектҳои хоҷагидори фаъол паст мебошад. Дар ин замина номувозинати нисбатан баланд мушоҳида гардида, он мушкилоти ҷиддиро ба вуҷуд меорад, ки ба рушди иқтисодиёт таъсири манфӣ мерасонанд. Дар маҷмӯъ, дар ҷумҳурӣ яке аз мушкилоти муҳим таъмин намудани афзоиши ҳиссаи шахсони ҳуқуқии фаъол, ҳам ватанӣ ва ҳам хориҷӣ ба шумор меравад. Вазъияти монанд инчунин дар робита ба тағйирёбии шумораи соҳибкорони инфиродӣ низ ба назар мерасад, аммо дар шакли нисбатан сабуктар.

Мушкили дигар дар рушди сохторҳои соҳибкорӣ аз он иборат аст, ки дар шумораи умумии шахсони ҳуқуқӣ вобаста ба теъдоди кормандон ҳиссаи корхонаҳои калон паст боқӣ мемонад (ҷадвали 2.6.).

**Ҷадвали 2.6. – Шумораи шахсони ҳуқуқии ба қайд гирифташуда (амалкунанада) аз рӯйи андоза дар солҳои 2016-2024 (ба аввали сол)**

| **Нишондиҳанда** | **Солҳо** | | | | | **Соли 2024 бо фоиз нисбат ба:** | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2016** | **2021** | **2022** | **2023** | **2024** | **2016** | **2023** |
| Ҳамагӣ, адад<br>аз он: | 39401 | 28056 | 29967 | 31840 | 34242 | 86,9 | 107,5 |
| то 30 нафар | 33256 | 22508 | 24350 | 26209 | 28429 | 85,5 | 108,5 |
| **% нисбат ба ҳамагӣ** | **84,4** | **80,2** | **81,3** | **82,3** | **83,0** | - | - |
| аз 31 то 200 наф. | 5651 | 5142 | 5205 | 5210 | 5398 | 95,5 | 103,6 |
| **% нисбат ба ҳамагӣ** | **14,3** | **18,3** | **17,4** | **16,4** | **15,8** | - | - |
| аз 201 наф. зиёд | 494 | 406 | 410 | 421 | 415 | 84,0 | 98,6 |
| **% нисбат ба ҳамагӣ** | **1,3** | **1,4** | **1,4** | **1,3** | **1,2** | - | - |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси маҷмуаи омори солона, Душанбе, 2025. – С. 228

Маълумоти ҷадвали 2.6. нишон медиҳад, ки дар давраи 2016-2024 шумораи шахсони ҳуқуқии фаъол нисбатан тағйироти миёна доштааст. Аксари корхонаҳо (83-84 фоиз) хурданд ва то 30 корманд доранд, ки нишон медиҳад, бахши асосии соҳибкорӣ аз корхонаҳои хурд ташкил ёфтааст. Корхонаҳои миёна (31-200 корманд) ҳиссаи 15-16 фоизро ташкил медиҳанд ва шумораи онҳо дар давра каме афзоиш ёфтааст. Корхонаҳои калон (аз 201 корманд зиёд) нисбатан каманд (1-1,3 фоиз) ва суръати афзоиши онҳо хеле паст мебошад. Агар дар умум баҳо диҳем, мушоҳида мешавад, ки «сохтори шахсони ҳуқуқӣ ба таври назаррас ба корхонаҳои хурд асос ёфта, афзоиши шумораи онҳо ба таври нисбатан устувор идома дорад, ки ин ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва иқтисоди миллию маҳаллӣ мусоидат мекунад» [92].

Дар теъдоди умумии шахсони ҳуқуқии ба қайд гирифташуда ҳиссаи корхонаҳои калон ҳамагӣ 1,32% ва корхонаҳои миёна 16,4%-ро ташкил медиҳад. Ин нишон медиҳад, ки танҳо қисми ночизи корхонаҳои хурд ба сатҳи миёна ва баъдан ба корхонаҳои калон табдил меёбанд.

**Ҷадвали 2.7. - Тақсимоти корхонаю ташкилотҳо аз рӯйи шаклҳои фаъолияти иқтисодӣ, адад**

| | Солҳо | | | | | | | Соли 2024 нисбати соли | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2010 | 2015 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2010, мар. | 2023, % |
| **Ҳамагӣ** | 25083 | 42358 | 47639 | 48625 | 52134 | 55636 | 57841 | 2,3 мар. | 104,0 |
| Аз ҷумла: | | | | | | | | | |
| Кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал ва моҳидорӣ | 6183 | 8989 | 10194 | 10252 | 10461 | 11192 | 10707 | 1,7 мар. | 95,7 |
| Саноати истихроҷ | 90 | 335 | 537 | 569 | 608 | 727 | 766 | 8,5 мар. | 105,4 |
| Саноати коркард | 1519 | 2711 | 3586 | 3658 | 4648 | 5058 | 5739 | 3,7 мар. | 113,5 |
| Сохтмон | 1626 | 2781 | 3463 | 3523 | 3833 | 4314 | 4355 | 2,6 мар | 101,0 |
| Савдои яклухт ва чакана | 2710 | 7831 | 9255 | 9345 | 9721 | 10001 | 10777 | 3,9 мар. | 107,8 |
| Фаъалияти нақлиётӣ ва нигоҳдории борҳо | 693 | 1180 | 1012 | 1087 | 1780 | 1778 | 1297 | 1,8 мар. | 72,9 |
| Фаъолияти меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо | 89 | 848 | 1299 | 1377 | 1135 | 1565 | 2273 | 25,5 мар. | 145,2 |
| Миёнаравии молиявӣ ва суғурта | 409 | 283 | 378 | 450 | 692 | 956 | 1162 | 2,8 мар. | 121,5 |
| Амалиёт бо аволи ғайриманқул | 2178 | 3496 | 698 | 727 | 765 | 730 | 852 | 0,3 мар. | 116,7 |
| Идоракунии давлатӣ ва мудофиа | 2041 | 2493 | 2412 | 2415 | 2156 | 2483 | 1855 | 0,9 мар. | 74,7 |
| Маориф | 2551 | 4398 | 5364 | 5424 | 5682 | 5709 | 5954 | 2,3 мар. | 104,3 |
| Тандурустӣ ва хизматрасониҳои иҷтимоии аҳолӣ | 522 | 1120 | 1277 | 1356 | 1554 | 1574 | 1926 | 3,6 мар. | 122,4 |

**Сарчашма:** Ҳисобҳо аз рӯйи маҷмуаи омории Ҷумҳурии Тоҷикистон-Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. – С. 221, 2025. – С. 224-225.

Маълумотҳои ҷадвали 2.7. нишон медиҳанд, ки дар давраи солҳои 2010-2024 шумораи корхонаю ташкилотҳо аз рӯйи шаклҳои фаъолияти иқтисодӣ тамоюли афзоиши устувор дорад. Шумораи умумии субъектҳои хоҷагидор аз 25083 адад дар соли 2010 то 57841 адад дар соли 2024 расида, нисбат ба соли 2010 тақрибан 2,3 маротиба зиёд гардидааст. Нисбат ба соли 2022 афзоиш 4,0 фоизро ташкил медиҳад, ки идомаи раванди густариши фаъолияти соҳибкорӣ ва иқтисодӣ дар кишварро инъикос менамояд.

Таҳлил аз рӯйи бахшҳо нишон медиҳад, ки рушди иқтисодӣ хусусияти номутаносиб дошта, суръати афзоиш дар соҳаҳо гуногун аст. Аз ҳама суръати баланди афзоиш дар бахши фаъолияти меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо ба мушоҳида мерасад, ки шумораи корхонаҳо аз 89 адад дар соли 2010 то 2273 адад дар соли 2024 расида, 25,5 маротиба зиёд шудааст. Ин раванд нишондиҳандаи рушди соҳаи сайёҳӣ ва хизматрасонӣ дар иқтисоди кишвар мебошад.

Бахшҳои саноати истихроҷ (8,5 маротиба), саноати коркард (3,7 маротиба), савдои яклухт ва чакана (3,9 маротиба), инчунин тандурустӣ ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ (3,6 маротиба) низ бо афзоиши назаррас тавсиф мешаванд. Ин ҳолат аз таҳкими заминаҳои саноатӣ, бозорҳои истеъмолӣ ва рушди соҳаи иҷтимоӣ шаҳодат медиҳад.

Ҳамзамон, дар як қатор соҳаҳо тамоюлҳои ноустувор ё коҳиш мушоҳида мегарданд. Аз ҷумла, дар бахши фаъолияти нақлиётӣ ва нигоҳдории борҳо шумораи корхонаҳо нисбат ба соли 2022 то 72,9 фоиз коҳиш ёфтааст.

Бояд иброз намуд, ки сохтори фаъолияти иқтисодӣ тамоюли гузариш ба иқтисоди хизматрасонӣ, саноати коркард ва бахшҳои иҷтимоиро нишон медиҳад, дар ҳоле ки баъзе соҳаҳои анъанавӣ ба дастгирии иловагӣ ниёз доранд. Вобаста ба ин, аз ҷониби мо чунин тавсияҳо пешниҳод карда мешаванд:

- тақвияти бахшҳои босуръат рушдёбанда, аз ҷумла меҳмонхонаҳо, тарабхонаҳо, савдо ва саноати коркард, тавассути ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ва дастгирии соҳибкорӣ;
- дастгирии мақсадноки бахшҳои сустшаванда, бахусус фаъолияти нақлиётӣ ва логистика, бо роҳи такмили инфрасохтор, рақамикунонӣ ва ҷорӣ намудани механизмҳои давлатии ҳавасмандкунӣ;
- рушди саноати коркард ҳамчун бахши калидии диверсификатсияи иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани арзиши иловагӣ;
- таҳкими ҳамгироии соҳаҳои иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ) бо бозори меҳнат ва иқтисоди воқеӣ ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии фаъолияти онҳо;
- такмили сиёсати сохтории давлатӣ, бо дарназардошти тағйирёбии сохтори иқтисодӣ ва афзалият додан ба бахшҳое, ки рушди дарозмуддат ва устуворро таъмин менамоянд.

«Омӯзиш ва таҳлили маълумоти оморӣ нишон медиҳад, ки дар солҳои охир шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар таркиби соҳибкорони инфиродӣ бо суръати баланд афзоиш ёфта истодааст» [76] (ҷадвали 2.8).

**Ҷадвали 2.8. - Шумораи соҳибкорони инфиродӣ, ки дар асоси патент ва шаҳодатнома дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунанд, адад**

| | Ҳама намудҳои соҳибкорони инфиродӣ | | | |
|---|---|---|---|---|
| | **Шаҳодатнома** | **Хоҷагиҳои деҳқонӣ** | **Патент** | **Ҳамагӣ** |
| **Ҳама намудҳои соҳибкорони инфиродӣ** | | | | |
| 2016 | 56206 | 98368 | 189075 | 343649 |
| 2020 | 82388 | 171691 | 338715 | 592794 |
| 2021 | 86994 | 179413 | 360766 | 627173 |
| 2022 | 91045 | 186286 | 377640 | 654971 |
| 2023 | 95177 | 192412 | 328357 | 686046 |
| 2024 | 100161 | 197605 | 341469 | 720716 |
| **2024 / 2016, бо %** | **178,2** | **2,1 мар.** | **180,6%** | **2,1 мар.** |
| **2024 / 2023, бо %** | **105,2** | **102,7** | **104,0%** | **105,1%** |
| **Аз шумораи умумии соҳибкорон-фаъолияткунанда** | | | | |
| 2016 | 31352 | 97122 | 82784 | 211348 |
| 2020 | 37264 | 161370 | 105401 | 304041 |
| 2021 | 36637 | 167000 | 104241 | 307878 |
| 2022 | 35749 | 172108 | 99405 | 307262 |
| 2023 | 35669 | 176524 | 46966 | 316463 |
| 2024 | 37225 | 179858 | 51697 | 330274 |
| **2024 / 2016, бо %** | **118,7** | **185,2** | **62,4** | **156,3** |
| **2024 / 2023, бо %** | **104,4** | **101,9** | **110,1** | **104,4** |
| **Аз шумораи умумии соҳибкорон-барҳам додашуда** | | | | |
| 2016 | 24854 | 1246 | 106201 | 132301 |
| 2020 | 45124 | 10315 | 233314 | 288753 |
| 2021 | 50357 | 12413 | 256525 | 319295 |
| 2022 | 55298 | 14178 | 278233 | 347709 |
| 2023 | 59508 | 15888 | 281190 | 369583 |
| 2024 | 62936 | 17747 | 289772 | 390442 |
| **2024 / 2016, бо мар.** | **2,5 мар.** | **14,2 мар.** | **2,7 мар.** | **2,9 мар.** |
| **2024 / 2023, бо %** | **105,8** | **111,7** | **103,1** | **105,6** |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси: Тоҷикистон: 25 соли истиқлолияти давлатӣ / Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017. – С. 227; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маҷмуаи оморӣ.- Душанбе, 2020 – С. 215; Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ / Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С. 347; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маҷмуаи оморӣ.-Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. – С. 220, 2023. – С. 231, 2024. – С. 231, 2025. – С. 232.

Таҳлили маълумотҳои омории ҷадвали 2.8. нишон медиҳанд, ки дар солҳои 2016-2024 дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи соҳибкорони инфиродӣ, ки дар асоси патент ва шаҳодатнома фаъолият мекунанд, тамоюли афзоиши назаррас дорад. Шумораи умумии соҳибкорони инфиродӣ аз 343649 нафар дар соли 2016 то 720716 нафар дар соли 2024 расида, зиёда аз 2,1 маротиба афзоиш ёфтааст. Ин раванд аз густариши муҳити соҳибкорӣ,

соддагардонии низоми бақайдгирӣ ва ҷалби бештари аҳолӣ ба фаъолияти иқтисодӣ шаҳодат медиҳад.

Аз рӯйи шаклҳои бақайдгирӣ, афзоиши устувор ҳам дар гурӯҳи соҳибкорони дорои шаҳодатнома (178,2 фоиз нисбат ба соли 2016) ва ҳам дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (тақрибан 2,1 маротиба) ба мушоҳида мерасад. Шумораи соҳибкороне, ки дар асоси патент фаъолият мекунанд, низ 180,6 фоиз зиёд шудааст, ки нишондиҳандаи ҷолибияти ин шакли содакардашудаи фаъолият мебошад.

Таҳлили сохтори соҳибкорони фаъолияткунанда нишон медиҳад, ки шумораи онҳо аз 211348 нафар дар соли 2016 то 330274 нафар дар соли 2024 расида, 56,3 фоиз афзоиш ёфтааст. Дар ин замина, афзоиши назаррас дар гурӯҳи хоҷагиҳои деҳқонӣ (185,2 фоиз) мушоҳида мегардад, дар ҳоле ки шумораи соҳибкорони фаъол дар асоси патент нисбат ба соли 2016 то 62,4 фоиз коҳиш ёфтааст. Ин ҳолат метавонад ба сахттар шудани талаботи танзимӣ ё гузариши як қисми соҳибкорон ба шаклҳои дигари бақайдгирӣ вобаста бошад. Ҳамзамон, шумораи соҳибкорони барҳамдодашуда низ бо суръати баланд афзоиш ёфтааст (аз 132301 нафар дар соли 2016 то 390442 нафар дар соли 2024), яъне тақрибан 2,9 маротиба коҳиш ёфтааст. Афзоиши махсусан баланд дар бахши хоҷагиҳои деҳқонӣ (14,2 маротиба) ба қайд гирифта шудааст, ки метавонад ба тағйироти сохторӣ, муттаҳидсозии хоҷагиҳо ё мушкилоти устувории иқтисодӣ ишора намояд.

Барои беҳтар шудани фаъолияти субъектҳои соҳибкории инфиродӣ аз ҷониби мо пешниҳодҳои зерин манзур карда мешавад, ки онҳо метавонанд ба коҳиш додани барҳамхурии субъектҳои соҳибкорӣ мусоидат намоянд:

- баланд бардоштани устувории фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ, махсусан фаъолияткунандагон дар асоси патент, тавассути пешниҳоди дастгирии молиявӣ, машваратӣ ва барномаҳои омӯзишӣ;
- такмили механизмҳои гузариш аз фаъолияти патентӣ ба шаклҳои устувортари соҳибкорӣ (шаҳодатнома ё дигар шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ) бо мақсади коҳиш додани барҳамхӯрии субъектҳо;

- тақвияти дастгирии мақсадноки хоҷагиҳои деҳқонӣ, бо таваҷҷуҳ ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, беҳтар намудани дастрасӣ ба бозор ва таҳкими устувории молиявии онҳо.
- таҳлили сабабҳои афзоиши барҳамдиҳӣ ва таҳияи чораҳои пешгирикунанда дар сатҳи сиёсати давлатӣ;
- такмили муҳити институтсионалӣ ва танзимӣ, ҷиҳати ташвиқи фаъолияти дарозмуддати соҳибкорони инфиродӣ ва баланд бардоштани сифати рушди соҳибкорӣ дар кишвар.

Бо дарназардошти натиҷаҳои таҳлил метавон хулоса кард, ки бахшҳои гуногуни бозори молиявии Тоҷикистон дар соли 2024 ба рушди иқтисоди миллӣ ва муҳити молиявии соҳибкорӣ саҳми назаррас гузоштаанд. Танзим ва идоракунии самараноки онҳо метавонад омили муҳимми таъмини суботи молиявӣ ва рушди устувори фаъолияти соҳибкорӣ гардад.

## 2.2. Рушди низоми молиявӣ ва шарикии давлату бахши хусусӣ ҳамчун омили таъмини устувории соҳибкорӣ

Яке аз омилҳои асосии баланд бардоштани самаранокии ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ таъмини устувории низоми молиявӣ, ҳамчунин фароҳам овардани дастрасии субъектҳои соҳибкорӣ ба захираҳои молиявӣ, аз ҷумла қарзҳои имтиёзнок ба ҳисоб меравад. Маҳз устувории макроиқтисодӣ, тавозуни молиявию буҷетӣ ва сиёсати мақсадноки пулию қарзӣ заминаи институтсионалӣ ва молиявиро барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ фароҳам оварда, шароити мусоидро барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва густариши ҳамкории давлатро бо бахши хусусӣ таъмин менамоянд. Дар ин замина, арзёбии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва рушди низоми молиявӣ ҳамчун омили таъмини устувории соҳибкорӣ аҳаммияти махсус касб мекунад.

Таҳлили нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015–2024 ва рушди низоми молиявии кишвар нишон

медиҳад, ки дар ин давра тамоюли устувори рушди иқтисодӣ ва таҳкими низоми молиявию буҷетӣ ба мушоҳида мерасад. Дар ин давра ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) аз 50,9 млрд. сомонӣ дар соли 2015 то 153,4 млрд. сомонӣ дар соли 2024 афзоиш ёфта, тақрибан се маротиба зиёд шудааст. Танҳо нисбат ба соли 2023 ММД 17,3 фоиз зиёд гардидааст, ки нишондиҳандаи мусбати суръати рушди иқтисодӣ мебошад. Ҳаҷми дороиҳои низоми молиявӣ низ тамоюли афзоиш дошта, дар соли 2024 нисбат ба соли 2015 2,7 маротиба зиёд шудааст. Ҳиссаи дороиҳои низоми молиявӣ дар ММД, сарфи назар аз коҳиш дар баъзе солҳо, дар соли 2024 ба 34,2 фоиз расида, нисбат ба соли 2023-ум 9,3 фоиз афзоиш ёфтааст, ки аз тақвияти нақши бахши молиявӣ дар иқтисод ва рушди соҳибкорӣ дарак медиҳад.Дар самти нишондиҳандаҳои буҷетию фискалӣ, даромади буҷети давлатӣ дар соли 2024 нисбат ба соли 2015-ум 2,8 маротиба афзоиш ёфтааст (ҷадвали 2.9.).

Даромадҳои андозӣ низ бо суръати назаррас рушд карда ба андозаи 2,7 маротиба зиёд шудаанд, ки ин аз беҳтар гардидани маъмурияти андоз ва васеъшавии пойгоҳи андозбандӣ шаҳодат медиҳад. Хароҷоти буҷети давлатӣ ҳамқадам бо даромадҳо афзоиш ёфта, дар маҷмӯъ тавозуни нисбатан устувори фискалиро инъикос менамояд. Нишондиҳандаҳои монетарӣ нишон медиҳанд, ки ҳаҷми пулҳои захиравӣ дар соли 2024 нисбат ба соли 2015-ум 6,5 маротиба афзоиш ёфта, имкониятҳои танзими пулию қарзиро густариш додааст. Меъёри миёнавзнии қарзҳои бонкӣ бо пули миллӣ дар муқоиса бо соли 2015 каме коҳиш ёфта, дар соли 2024 ба 22,12 фоиз баробар шудааст, дар ҳоле ки меъёри қарзҳо бо асъори хориҷӣ нисбатан устувор боқӣ мондааст. Меъёрҳои пасандозҳо, махсусан бо асъори хориҷӣ, дар сатҳи паст қарор доранд.

**Ҷадвали 2.9. – Нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2024**

| **Нишондиҳандаҳо** | | **Солҳо** | | | | | | **Соли 2024 бо фоиз нисбат ба:** | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **2015** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** | **2024** | **2015** | **2023** |
| ММД, млн. сомонӣ | | 50977,8 | 83958,3 | 101076,3 | 118181,7 | 130791,5 | 153402,2 | 3,0 мар. | 117,3 |
| Ҳаҷми дороиҳои низоми молиявӣ, мон. сомонӣ | | 19240,7 | 28452,5 | 24914,6 | 32623,8 | 40981,9 | 52526,2 | 2,7 мар. | 128,2 |
| - ҳиссаи дороиҳо дар ММД, бо % | | 37,7 | 33,9 | 24,6 | 27,6 | 31,3 | 34,2 | 0,9 мар. | 109,3 |
| **Нишондиҳандаҳои омории буҷетӣ-андозӣ (фискалӣ)** | | | | | | | | | |
| Ҳаҷми даромади буҷети давлатӣ, млн. сомонӣ аз он ҷумла: | | 16586,5 | 25065,0 | 30053,8 | 36056,8 | 43903,4 | 46978,3 | 2,8 мар. | 107,0 |
| - даромадҳои андозӣ, млн. сомонӣ | | 10613,4 | 15366,5 | 19669,6 | 21824,2 | 25769,1 | 29124,7 | 2,7 мар. | 113,0 |
| Ҳаҷми хароҷоти буҷети давалтӣ, млн. сомонӣ | | 16277,4 | 24812,5 | 29342,7 | 35338,9 | 43034,8 | 45473,0 | 2,7 мар. | 105,7 |
| **Нишондиҳандаҳои омории монетарӣ** | | | | | | | | | |
| Пулҳои захиравӣ, млн. сомонӣ | | 7040 | 22534 | 25138 | 38447 | 36287 | 46068 | 6,5 мар. | 127,0 |
| Меъёри миёнавзнии қарзҳои бонкӣ, % | бо пули миллӣ | 24,66 | 14,83 | 23,95 | 23,34 | 23,20 | 22,12 | 0,9 мар. | 95,3 |
| | бо асъори хориҷӣ | 21,23 | 13,17 | 12,94 | 11,97 | 11,81 | 11,74 | 0,6 мар. | 99,4 |
| Меъёри миёнавзнии пасандозҳо, % | бо пули миллӣ | 0,48 | 0,50 | 0,54 | 0,44 | 0,35 | 0,36 | 0,8 мар. | 102,9 |
| | бо асъори хориҷӣ | 1,00 | 0,11 | 0,12 | 0,11 | 0,09 | 0,09 | 0,1 мар. | 100,0 |
| Меъёри бозтамвил, % | | 8,00 | 10,75 | 13,25 | 13,00 | 10,00 | 9,00 | 1,1 мар. | 90,0 |
| Меъёри таваррум, % | | 5,1 | 9,4 | 8,0 | 4,2 | 3,8 | 3,6 | 0,7 мар. | 94,7 |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти оморӣ

Ин тағйирот нишон медиҳад, ки дар шароити муосир ҳар як унсури низоми молиявӣ ҳам аз ҷиҳати фарогирӣ ва ҳам аз лиҳози дастрасии молиявӣ рушд ёфтааст. Бояд ҳаминро қайд намоем, ки рушди мусбати нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ба беҳтар гардидани муҳити соҳибкорӣ, таҳкими устувории фаъолияти соҳибкорон ва баланд шудани ҷолибияти сармоягузорӣ мусоидат мекунад. Бо вуҷуди ин, барои истифодаи пурраи ин имкониятҳо, зарур аст, ки ҳамзамон масъалаҳои дастрасии қарз, коҳиши меъёрҳои фоизӣ, содагардонии расмиёти маъмурӣ ва тақвияти ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон пайгирона ҳал карда шаванд.

Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки сатҳи дастрасии аҳолӣ ва соҳибкорон ба хизматрасониҳои молиявӣ дар низоми бонкии Тоҷикистон тадриҷан беҳтар мегардад. Дар соли 2024 шумораи ташкилотҳои қарзии расмӣ ба 65 адад расида, нисбат ба соли 2023 як адад зиёд гардидааст.

Тағйирёбии нишондиҳандаҳои дастрасии молиявӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2024 инъикосгари равандҳои амиқи ислоҳоти сохторӣ, рақамикунонӣ ва густариши фарогирии молиявӣ мебошад.

Дар навбати аввал, коҳиши шумораи ташкилотҳои қарзӣ ва филиалҳои онҳо ба назар мерасад. Агар дар соли 2015 дар кишвар 123 ташкилоти қарзӣ фаъолият мекард, пас дар соли 2024 шумораи онҳо то 65 адад кам шудааст. Ин раванд бештар ба ҳисоби ташкилотҳои молиявии хурд сурат гирифтааст. Коҳиши инфрасохтори анъанавии бонкӣ, аз як тараф, натиҷаи мутамарказшавӣ ва таҳкими устувории молиявӣ мебошад, аз ҷониби дигар, нишон медиҳад, ки низоми бонкӣ тадриҷан аз хизматрасониҳои филиалдор ба шаклҳои рақамӣ мегузарад.

Дар баробари ин, рушди босуръати инфрасохтори пардохтҳои ғайринақдӣ ва хизматрасониҳои рақамӣ ба таври возеҳ мушоҳида мешавад. Шумораи терминалҳо аз 650 адад дар соли 2015 то зиёда аз 8 ҳазор адад дар соли 2024 афзоиш ёфта, теъдоди банкоматҳо низ қариб 4 маротиба зиёд шудааст.

Афзоиши назарраси шумораи суратҳисобҳо ва кортҳои пардохтӣ аз баланд гардидани сатҳи фарогирии молиявии аҳолӣ шаҳодат медиҳад. Дар давраи таҳлилшаванда шумораи суратҳисобҳо беш аз 4,8 маротиба зиёд шуда, аксари онҳо ба шахсони воқеӣ рост меояд. Ҳамзамон, шумораи дорандагони кортҳои пардохтӣ ва ҳаҷми амалиёт бо истифодаи онҳо ба маротиб афзоиш ёфтааст, ки ин аз тағйири рафтори молиявии аҳолӣ ва соҳибкорон ба манфиати ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дарак медиҳад.

Дар самти маблағгузории иқтисодиёт низ тамоюлҳои мусбат мушоҳида мешаванд. Теъдоди қарзҳои додашуда ва ҳаҷми маблағгузориҳои қарзӣ бо пули миллӣ дар соли 2024 нисбат ба соли 2015 якчанд маротиба афзоиш ёфтааст. Ин раванд нишон медиҳад, ки дастрасии субъектҳои иқтисодӣ, аз ҷумла соҳибкории хурд ва миёна, ба захираҳои қарзӣ васеъ гардида, нақши низоми бонкӣ дар ҳавасмандгардонии фаъолияти иқтисодӣ тақвият ёфтааст.

Илова ба ин, афзоиши бақияи амонатҳо дар ташкилотҳои қарзӣ, ҳам аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ ва ҳам шахсони воқеӣ, сатҳи эътимод ба низоми бонкиро инъикос менамояд. Афзоиши пасандозҳо заминаи устувори ташаккули захираҳои қарзиро фароҳам оварда, ба рушди минбаъдаи бозори молиявӣ мусоидат мекунад.

Бояд тазаккур дод, ки маълумотҳои ҷадвали 2.10 гувоҳӣ медиҳанд, ки дар солҳои 2015-2024 дастрасии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарфи назар аз коҳиши шумораи ташкилотҳои қарзӣ, тавассути рақамикунонӣ, густариши хизматрасониҳои пардохтӣ, афзоиши фарогирии аҳолӣ ва фаъолшавии раванди қарздиҳӣ ба таври назаррас беҳтар гардидааст. Ин равандҳо барои ташаккули муҳити мусоиди соҳибкорӣ, расмӣ гардонидани фаъолияти иқтисодӣ ва рушди устувори иқтисоди миллӣ аҳамияти калидӣ доранд.Тағйирёбии нишондиҳандаҳои дастрасии молиявӣ, ки дар ҷадвал инъикос ёфтаанд, ба муҳити соҳибкорӣ таъсири амиқ, бисёрсамтӣ ва асосан мусбат мерасонанд.

**Ҷадвали 2.10. - Тағйирёбии вазъи нишондиҳандаҳои дастрасии молиявӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2015-2024**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | Фарқияти соли 2024 нисбат ба: | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2015 | 2023 |
| Тедоди ташкилотҳои қарзӣ (ТҚ), адад | 123 | 69 | 62 | 64 | 64 | 65 | -58 | 1 |
| - аз ҷумла: Бонкҳои тиҷоратӣ (БТ) | 17 | 18 | 14 | 15 | 15 | 16 | -1 | 1 |
| Ташкилотҳои моливии хурд (ТМХ) | 106 | 50 | 48 | 48 | 47 | 48 | -58 | 1 |
| Филиалҳои БТ ва ТМХ | 433 | 335 | 278 | 207 | 224 | 229 | -204 | 5 |
| Миқдори умумии терминалҳо (адад) | 650 | 3642 | 3030 | 3 872 | 6 939 | 8 138 | 7488 | 1199 |
| Миқдори умумии банкоматҳо (адад) | 762 | 1287 | 1412 | 1 724 | 2 240 | 3 005 | 2243 | 765 |
| Шумораи умумии суратҳисобҳо, адад | 2904511 | 5006082 | 6083412 | 8444573 | 11236588 | 14145819 | 11241308 | 2909231 |
| - аз ҷумла ҳисобҳои шахсони воқеӣ | 2821023 | 4900882 | 5977784 | 8321666 | 11109753 | 14003422 | 11182399 | 2893669 |
| Миқдори умумии кортҳои пардохтӣ дар муомилот (ҳаз. адад) | 1446138 | 3247851 | 4031279 | 5060793 | 6711241 | 8436750 | 6990612 | 1725509 |
| Шумораи дорандаҳои кортҳои пардохтӣ (нафар) | 1427221 | 3016946 | 3371317 | 4662545 | 6524142 | 8093948 | 6666727 | 1569806 |
| Шумораи умумии амалиёт бо истифодаи кортҳои пардохтӣ (ҳаз. адад) | 15695 | 48864 | 59372 | 716396 | 12 764 | 162 785 | 147090 | 150021 |
| Ҳаҷми умумии амалиёт бо истифодаи кортҳои пардохтӣ (млн. сомонӣ) | 6249 | 27758 | 36048 | 4028 | 8 534 | 112 945 | 106696 | 104411 |
| Шумораи пардохтҳо (ҳаз. адад) | 60850 | 170202 | 204612 | 29 753 | 47 788 | 71 288 | 10438 | 23500 |
| Ҳаҷми пардохтҳо (млн. сомонӣ) | 530745 | 1225511,2 | 1229767 | 175680 | 199 326 | 288 095 | -242650 | 88769 |
| Миқдори қарзҳои додашуда (адад) | 480492 | 1603349 | 2330778 | 2465649 | 2 913 632 | 4 083 611 | 3603119 | 1169979 |
| Маблағгузориҳои қарзии низоми бонкӣ бо пули миллӣ – ҳамагӣ, млн. сомонӣ | 4186,2 | 6370,5 | 8089,5 | 9795,7 | 12084,0 | 15696,8 | 11510,6 | 3612,8 |
| Бақияи ҳаҷми умумии амонатҳо (пасандозҳо) дар ташкилотҳои қарзӣ, млн. сомонӣ: | 8172,4 | 11414,3 | 10159,3 | 15 507,8 | 19 462,6 | 25 529,9 | 17357,5 | 6067,3 |
| -аз ҷумла: шахсони ҳуқуқӣ | 3060,8 | 6076,1 | 4792,4 | 7 426,8 | 8 917,1 | 11 142,6 | 8081,8 | 2225,5 |
| -шахсони воқеӣ | 5111,6 | 5338,2 | 5369,9 | 8 081,0 | 10 545,5 | 14 387,3 | 9275,7 | 3841,8 |

Сарчашма: ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти оморӣ

Пеш аз ҳама, рушди дастрасии молиявӣ имкониятҳои оғоз ва рушди фаъолияти соҳибкориро васеъ мекунад. Афзоиши шумораи суратҳисобҳо, кортҳои пардохтӣ ва дорандагони онҳо маънои онро дорад, ки соҳибкорон бештар ба низоми расмии молиявӣ ҷалб мегарданд. Ин раванд ҳисоббаробаркуниҳоро содда намуда, шаффофияти муомилоти молиявиро баланд мебардорад ва барои соҳибкорон шароити мусоидтар барои фаъолият дар иқтисоди расмӣ фароҳам меорад.

Дуюм, густариши пардохтҳои ғайринақдӣ ва рақамикунонии хизматрасониҳои бонкӣ муҳити соҳибкориро муосир ва рақобатпазир мегардонад. Афзоиши шумора ва ҳаҷми амалиёт бо истифодаи кортҳои пардохтӣ нишон медиҳад, ки соҳибкорон метавонанд бо хароҷоти камтар, суръати бештар ва хавфҳои поинтари нақдӣ фаъолият намоянд. Ин омил махсусан барои соҳибкории хурд ва миёна, савдо ва хизматрасониҳо аҳамияти калон дорад.

Сеюм, афзоиши ҳаҷм ва теъдоди қарзҳои додашуда ба беҳтар шудани дастрасии соҳибкорон ба маблағгузорӣ мусоидат мекунад. Васеъ гардидани қарздиҳӣ бо пули миллӣ имконият медиҳад, ки соҳибкорон сармоягузориҳои ҷорӣ ва дарозмуддат анҷом дода, истеҳсолотро рушд диҳанд, ҷойҳои нави корӣ таъсис диҳанд ва рақобатпазирии худро баланд бардоранд. Ҳарчанд сатҳи фоизҳо ҳанӯз мушкил боқӣ мемонад, худи васеъшавии фарогирии қарзӣ муҳити соҳибкориро фаъолтар месозад.

Чорум, афзоиши амонатҳо дар ташкилотҳои қарзӣ сатҳи эътимод ба низоми бонкиро нишон дода, заминаи устувори молиявиро барои рушди соҳибкорӣ фароҳам меорад. Захираҳои пасандозӣ ба бонкҳо имкон медиҳанд, ки ҳаҷми қарздиҳиро афзоиш диҳанд ва пешниҳоди маҳсулоти молиявиро барои соҳибкорон гуногун созанд.

Дар баробари ин, коҳиши шумораи ташкилотҳои қарзӣ ва филиалҳо таъсири дутарафа дорад. Аз як тараф, он ба устувории низоми бонкӣ ва баланд шудани сифати хизматрасонӣ мусоидат мекунад. Аз ҷониби дигар,

дар баъзе минтақаҳо метавонад дастрасии ҷуғрофии соҳибкорон ба хизматрасониҳои бонкӣ маҳдуд гардад.

Қобили қайд аст, ки тағйироти дар ҷадвал нишондодашуда муҳити соҳибкориро шаффофтар, дастрастар ва рақобатпазиртар мегардонанд. Онҳо ба расмӣ шудани фаъолияти соҳибкорӣ, беҳтар шудани дастрасӣ ба маблағгузорӣ, коҳиши хароҷоти муомилот ва болоравии эътимоди соҳибкорон мусоидат намуда, барои рушди устувори соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мусоид фароҳам меоранд.

Чуноне қаблан зикр гардид, ҳаҷми маблағгузориҳои қарзии низоми бонкии кишвар яке аз нишондиҳандаҳои муҳими рушди иқтисоди миллӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад. Қарзҳои бонкӣ ҳамчун манбаи асосии захираҳои молиявӣ барои маблағгузории фаъолияти истеҳсолӣ, рушди иқтидорҳои мавҷуда, ҷорӣ намудани технологияҳои нав ва рушди лоиҳаҳои сармоягузорӣ хизмат менамоянд. Маҳз тавассути ин захираҳо субъектҳои соҳибкорӣ метавонанд фаъолияти худро густариш дода, самаранокӣ ва рақобатпазирии худро дар бозор баланд бардоранд.

Дар баробари ин, дастрасии соҳибкорон ба қарзҳои бонкӣ имконият фароҳам меорад, ки рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ бо сармояи зарурӣ таъмин гардида, шароити мусоид барои афзоиши истеҳсолот, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва рушди бозори дохилӣ муҳайё гардад (ҷадвали 2.11.).

**Ҷадвали 2.11. – Маблағгузориҳои қарзии низоми бонкӣ бо пули миллӣ ба субъектҳои соҳаҳои иқтисоди Тоҷикистон дар солҳои 2015-2024**

| **Нишондиҳандаҳо** | **Солҳо** | | | | | | **Фарқияти соли 2024 нисбат ба:** | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2015** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** | **2024** | **2015** | **2023** |
| **Меъёри фоизи қарзҳои бонкӣ, %** | **24,66** | **14,83** | **23,95** | **23,34** | **23,20** | **22,12** | -2,54 | -1,08 |
| Ҳаҷми умумии қарзҳо, млн. сомонӣ | 4186,2 | 6370,5 | 8089,5 | 9795,7 | 12084,0 | 15696,8 | 11510,6 | 3612,8 |
| **- ҳиссаи қарзҳо нисбати ММД, %** | **8,2** | **7,6** | **8,0** | **8,3** | **9,2** | **10,2** | 2 | 1 |
| **- ҳиссаи қарз, %** | **100,0** | **100,0** | **100,0** | **100,0** | **100,0** | **100,0** | - | - |
| Корхонаҳои хусусии тиҷоратӣ, млн. сомонӣ | 1114,2 | 1700,9 | 1795,8 | 1814,4 | 1737,6 | 2275,7 | 1161,5 | 538,1 |
| **- ҳиссаи қарз, %** | **26,62** | **26,70** | **22,20** | **18,52** | **14,38** | **14,50** | -12,12 | 0,12 |
| Корхонаҳои давлатӣ, млн. сомонӣ | 265,5 | 281,1 | 237,1 | 236,3 | 222,5 | 246,7 | -18,8 | 24,2 |

Идомаи ҷадвали 2.11.

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **- ҳиссаи қарз, %** | **6,34** | **4,41** | **2,93** | **2,41** | **1,84** | **1,57** | -4,77 | -0,27 |
| Шахсони воқеӣ, млн. сомонӣ | 1189,5 | 2393,4 | 3641,9 | 4684,7 | 6551,2 | 9342,0 | 8152,5 | 2790,8 |
| **- ҳиссаи қарз, %** | **28,41** | **37,57** | **45,02** | **47,82** | **54,21** | **59,52** | 31,11 | 5,31 |
| Лизинг, млн. сомонӣ | 2,9 | 6,1 | 5,7 | 3,3 | 1,2 | 6,2 | 3,3 | 5 |
| **- ҳиссаи қарз, %** | **0,07** | **0,10** | **0,07** | **0,03** | **0,01** | **0,04** | -0,03 | 0,03 |
| Дигар субъектон, млн. сомонӣ | 1614,1 | 1989 | 2409 | 3057 | 3571,5 | 3826,2 | 2212,1 | 254,7 |
| **- ҳиссаи қарз, %** | **38,56** | **31,22** | **29,78** | **31,21** | **29,56** | **24,38** | -14,18 | -5,18 |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти оморӣ

Аз ҷадвали мазкур бармеояд, ки дар солҳои 2015-2024 маблағгузориҳои қарзии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пули миллӣ ба субъектҳои иқтисодӣ ба таври назаррас афзоиш ёфта, барои беҳтар гардидани муҳити соҳибкорӣ заминаи воқеии молиявӣ фароҳам овардаанд. Дар давраи таҳлилшаванда ҳаҷми умумии қарзҳо аз 4,2 млрд. сомонӣ дар соли 2015 то 15,7 млрд сомонӣ дар соли 2024 расида, 11,5 млрд сомонӣ ё тақрибан 3,8 маротиба зиёд шудааст. Ҳамзамон, ҳиссаи қарзҳо дар ММД аз 8,2 фоиз то 10,2 фоиз афзоиш ёфта, нишон медиҳад, ки нақши қарздиҳӣ дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва иқтисоди миллӣ тақвият ёфтааст.

Омили муҳим барои муҳити соҳибкорӣ коҳиш ёфтани меъёри фоизи қарзҳои бонкӣ мебошад. Дар соли 2024 меъёри миёнаи фоизӣ то 22,12 фоиз паст рафта, нисбат ба соли 2015-ум 2,54 банди фоизӣ ва нисбат ба соли 2023 1,08 банди фоизӣ кам шудааст. Ин раванд, ҳарчанд сатҳи фоизҳо ҳанӯз баланд боқӣ мемонад, ба тадриҷ паст шудани арзиши сармояи қарзӣ ишора намуда, шароити ҷалби қарзро барои соҳибкорон нисбатан мусоид мегардонад.

Таҳлили сохтори тақсимоти қарзҳо нишон медиҳад, ки афзалият тадриҷан ба маблағгузории фаъолияти шахсони воқеӣ ва соҳибкории инфиродӣ дода мешавад. Ҳаҷми қарзҳо ба шахсони воқеӣ аз 1,2 млрд. сомонӣ дар соли 2015 то 9,3 млрд. сомонӣ дар соли 2024 афзоиш ёфта, ҳиссаи онҳо аз 28,4 фоиз то 59,5 фоиз расидааст. Ин тамоюл аз густариши соҳибкории хурд, фаъолияти инфиродӣ ва афзоиши талабот ба қарзҳои истеъмолӣ ва тиҷоратии хурд дарак медиҳад, ки муҳити соҳибкориро фаъол ва фарогир мегардонад. Дар ҳамин ҳол, ҳаҷми қарзҳо ба корхонаҳои хусусии тиҷоратӣ дар соли 2024

нисбат ба соли 2015-ум 1,16 млрд. сомонӣ зиёд шуда бошад ҳам, ҳиссаи онҳо дар сохтори умумии қарзҳо аз 26,6 фоиз то 14,5 фоиз коҳиш ёфтааст. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки корхонаҳои миёна ва калон ҳанӯз ҳам бо маҳдудиятҳои дастрасӣ ба қарзҳои бонкӣ рӯ ба рӯ мешаванд, ки метавонад рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва сармоягузориҳои дарозмуддатро маҳдуд созад.

Қарздиҳӣ ба корхонаҳои давлатӣ тамоюли коҳишёбанда дошта, ҳиссаи онҳо дар соли 2024 ҳамагӣ 1,6 фоизро ташкил додааст. Ин раванд аз коҳиши дахолати молиявии давлат ва бештар равона шудани захираҳои бонкӣ ба бахши хусусӣ шаҳодат медиҳад, ки барои ташаккули муҳити рақобатпазири соҳибкорӣ омили мусбат ба шумор меравад. Ҳиссаи лизинг ва дигар субъектон дар сохтори қарзҳо нисбатан ночиз ё коҳишёбанда боқӣ мемонад, ки аз нокифоя истифода шудани воситаҳои муосири маблағгузории соҳибкорӣ, махсусан барои навсозии таҷҳизот ва технологияҳо, шаҳодат медиҳад.

Дар шароити муосир, ки иқтисоди миллӣ бо равандҳои ҷаҳонишавӣ, рақамикунонӣ ва рақобати шадид рӯ ба рӯ аст, зарурати ташаккули муҳити воқеан мусоиди соҳибкорӣ аҳамияти хоса касб менамояд. Бо дарназардошти вазъи кунунии рушди соҳибкорӣ, татбиқи маҷмуи чораҳои мақсадноки давлатӣ ва институтсионалӣ метавонад ба фаъолгардонии иқтидори соҳибкорӣ ва ҷалби сармоягузорӣ мусоидат намояд.

Дар навбати аввал, дастгирии давлатӣ ва институтсионалии соҳибкорӣ бояд тақвият дода шавад. Ин раванд аз таҳкими нақши институтҳои давлатии дастгирии соҳибкорӣ оғоз мегардад, ки фаъолияти онҳо бояд бештар ба пешниҳоди хизматрасониҳои машваратӣ, омӯзишӣ ва иттилоотӣ равона карда шавад. Ҷорӣ намудани механизмҳои ҳавасмандгардонӣ дар минтақаҳои камрушд низ метавонад ба бартарафсозии нобаробарии минтақавӣ ва фаъолшавии соҳибкории маҳаллӣ мусоидат кунад.

Дастрасӣ ба қарз ва манбаъҳои маблағгузорӣ яке аз масъалаҳои муҳими рушди соҳибкорӣ боқӣ мемонад. Дар ин самт васеъ намудани барномаҳои қарздиҳии имтиёзнок, махсусан барои соҳибкорони навкор ва соҳибкории

истеҳсолӣ, аҳамияти хоса дорад. Паст намудани меъёрҳои фоизӣ ва дароз намудани муҳлатҳои қарздиҳӣ ба соҳибкорон имкон медиҳад, ки лоиҳаҳои дарозмуддат ва сармоягузориро амалӣ намоянд. Илова бар ин, рушди механизмҳои кафолати давлатӣ барои соҳибкорони хурд, ки таъминоти кофӣ надоранд, метавонад дастрасӣ ба қарзро ба таври назаррас беҳтар намояд.

Самти муҳими дигар такмили сиёсати сармоягузорӣ мебошад. Фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ тавассути кафолатҳои устувори ҳуқуқӣ ва шаффофияти қоидаҳо эътимоди сармоягузоронро боло мебарад. Дар ин замина, рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун васоити татбиқи лоиҳаҳои калони инфрасохторӣ ва истеҳсолӣ аҳамияти махсус дорад.

Такмили низоми андозбандӣ низ яке аз шартҳои асосии ташаккули муҳити мусоиди соҳибкорӣ ба шумор меравад. Коҳиш додани бори андозӣ барои соҳибкорӣ, махсусан дар марҳилаи ибтидоии фаъолият, метавонад ҳавасмандии таъсиси фаъолияти навро дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт зиёд намояд. Содагардонии расмиёти бақайдгирӣ ва танзими маъмурӣ низ аҳамияти калидӣ дорад. Минбаъд рақамикунонии равандҳои бақайдгирии соҳибкорӣ, кам намудани шумора ва давомнокии иҷозатномадиҳӣ ва санҷишҳо, инчунин татбиқи пурраи принсипи «равзанаи ягона» дар ҳамаи марҳилаҳои таъсис ва фаъолияти соҳибкорӣ метавонанд монеаҳои маъмуриро ба таври ҷиддӣ коҳиш диҳанд.

Дар ниҳоят, масъалаи мораторий ва ҳифзи ҳуқуқии соҳибкорон бояд дар маркази таваҷҷуҳ қарор гирад. Ҷорӣ ё тамдиди моратория ба санҷишҳои ғайринақшавӣ, махсусан барои соҳибкорӣ, ба коҳиши фишори маъмурӣ мусоидат менамояд. «Таҳкими механизмҳои ҳифзи ҳуқуқии соҳибкорон ва баррасии баҳсҳои иқтисодӣ, инчунин баланд бардоштани масъулияти мақомоти назоратӣ барои пешгирии дахолати беасос, метавонад фазои эътимод ва суботи институтсионалиро таъмин намояд» [18].

Бояд ҳаминро қайд намуд, ки дар умум, татбиқи пайгирона ва ҳамоҳанги ин пешниҳодҳо имкон медиҳад, ки муҳити соҳибкорӣ дар кишвар

боз ҳам мусоид гардида, фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун муҳаррики асосии рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон тақвият ёбад.

Новобаста за он ки таҳлили амалишуда тамоюли мусбати нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва густариши фарогирии молиявиро нишон медиҳад, имкониятҳои низоми анъанавии қарздиҳӣ барои маблағгузории лоиҳаҳои дарозмуддат, махсусан дар бахшҳои истеҳсолӣ ва инфрасохтор, маҳдуд боқӣ мемонад. Аз як тараф, сатҳи нисбатан баланди меъёри фоизи қарзҳо арзиши сармояи қарзиро гарон намуда, иқтидори сармоягузории корхонаҳоро маҳдуд мекунад. Аз ҷониби дигар, бахши воқеии иқтисод барои ҷалби маблағҳои ҳаҷман калон ва дарозмуддаӣ ҳанӯз ҳам бо мушкилот рӯ ба рӯ мебошад. Дар чунин шароит, танҳо такя ба васеъ намудани қарзҳои бонкӣ наметавонад талаботи сармоягузории иқтисоди миллӣ ва ҳадафҳои рушди устуворро пурра қонеъ созад.

Дар робита ба ин, дар баробари тадбирҳои сиёсати пулию қарзӣ, зарурат пеш меояд, ки механизмҳои мукаммали ҷалби сармоягузорӣ ва тақсимоти хатарҳо фаъолона истифода шаванд. Тавре зикр намудем, яке аз чунин механизмҳои муассир шарикии давлат ва бахши хусусӣ мебошад, ки имконият медиҳад захираҳои молиявӣ, таҷрибаи идоракунӣ ва иқтидори технологию инноватсионии бахши хусусӣ бо ҳадафҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва кафолатҳои институтсионалии давлат ҳамоҳанг карда шаванд.

Ҳамин тавр, зарур аст, ки «вазъи муосир ва сатҳи рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нуқтаи назари шаклҳои амалигардонӣ, манбаъҳои маблағгузорӣ, механизми тақсимоти хавфҳо, сатҳи дастгирии институтсионалӣ ва монеаҳои мавҷуда таҳлил карда шавад» [55]. Ин таҳлил имкон медиҳад, ки камбудиҳо ва имкониятҳои воқеии рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ муайян гардида, дар асоси онҳо тавсияҳои мақсаднок барои такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ пешниҳод карда шаванд.

Дар ҷараёни таҳқиқот муайян карда шуд, ки ташаккули шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун самти мустақили сиёсати

сармоягузорӣ бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» (28 декабри соли 2012, №907) оғоз гардид. Қонуни мазкур бори аввал заминаҳои ҳуқуқӣ ва тартиби амалисозии чунин ҳамкориро муайян намуда, муносибатҳои байни давлат ва сармоягузорони хусусиро дар чорчӯбаи меъёрҳои мушаххаси ҳуқуқӣ ба танзим даровард.

Таҳлили мазмуну мундариҷаи қонун нишон медиҳад, ки он ба ташаккули муҳити нисбатан устувор ва пешгӯишавандаи сармоягузорӣ мусоидат намуда, принсипҳои шаффофият, рақобатнокӣ, баробарии тарафҳо ва тақсимоти баробари хавфҳоро муқаррар намудааст. Маҳз ин меъёрҳо заминаи эътимоди бахши хусусиро ба ҳамкории дарозмуддат бо давлат фароҳам оварданд.

Дар идомаи татбиқи қонун, таъсиси Муассисаи давлатии «Маркази татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ» марҳилаи нави ниҳодии рушдро таъмин намуд. Ин ниҳод вазифаҳои таҳия, арзёбии иқтисодӣ, ҳамоҳангсозӣ, машваратдиҳӣ ва мониторинги иҷрои лоиҳаҳоро ба зимма гирифта, механизми мутамаркази идоракунии равандҳои шарикиро ташкил дод. Аз таҳлил бармеояд, ки низоми амалкунанда ба модели сеҷониба такя мекунад: қабули қарорҳои стратегӣ дар сатҳи давлатӣ, ташаббус ва татбиқи лоиҳаҳо дар сатҳи соҳавӣ ва маҳаллӣ ва ҳамоҳангсозию назорат аз ҷониби Марказ. Ин сохтор имкон дод, ки манфиатҳои давлатӣ ва хусусӣ дар як доираи ҳуқуқӣ ва ташкилӣ мутобиқ карда шаванд.

Марҳилаи амалисозии ибтидоӣ аз соли 2016 оғоз гардида, то имрӯз 9 лоиҳа бо имзои созишномаҳо амалӣ шудаанд ё дар марҳилаи иҷро қарор доранд. Таҳлили соҳавии онҳо нишон медиҳад, ки давраи аввал бештар ба соҳаҳои иҷтимоӣ ва хизматрасониҳои коммуналӣ равона гардидааст. Аз ҷумла, дар соҳаи маориф лоиҳаи таҷдид ва идоракунии кӯдакистони №133 дар шаҳри Душанбе татбиқ шуд. Дар бахши энергетика сохтмони хати интиқоли барқ ба минтақаи озоди иқтисодии «Дангара» амалӣ гардид. Соҳаи тандурустӣ бо таъсиси марказҳои профилактикаи гепатитҳои вирусӣ, маркази скрининг ва маркази ягонаи стерилизатсияи асбобҳои тиббӣ фаро

гирифта шуд. Дар самти рақамикунонӣ ва нақлиёт низоми электронии пардохти роҳкиро ва низоми бақайдгирии IMEI ҷорӣ гардид. Илова бар ин, лоиҳаи таъмини оби нӯшокӣ дар ҷамоати Исфисор ва идоракунии партовҳои сахти маишӣ дар шаҳри Бӯстон низ дар доираи ҳамин механизм татбиқ шуданд (замимаи 1).

Аз таҳлил бармеояд, ки хусусиятҳои умумии ин марҳила ҳаҷми нисбатан миёнаи сармоягузорӣ, муҳлати дарозмуддати иҷро (аз 5 то 35 сол), таваҷҷуҳ ба беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои давлатӣ ва истифодаи эҳтиёткоронаи механизмҳои тақсимоти хавфҳо мебошанд. Ин лоиҳаҳо ҳамчун заминаи таҷрибавӣ барои ташаккули малакаҳои шартномасозӣ, идоракунии хавфҳо ва мониторинги иҷро хизмат карданд.

Дар марҳилаи минбаъда механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба ташкили портфели васеи ташаббусҳо гузашт. Дар феҳрасти расмии Марказ 32 лоиҳа ба қайд гирифта шудаанд, ки соҳаҳои гуногуни инфрасохториро фаро мегиранд. Таҳлил нишон медиҳад, ки ин портфел бештар ба инфрасохтори истеҳсолӣ равона шудааст. Аз ҷумла, лоиҳаҳои сохтмони шохаҳои роҳи оҳани «Спитамен – МОИ «Суғд»« ва «Колхозобод – Дӯстӣ – Панҷи Поён», таъсиси марказҳои логистикӣ дар минтақаҳои марзӣ, рушди инфрасохтори минтақаҳои озоди иқтисодӣ, таҷдиди зеристгоҳҳои энергетикӣ дар як қатор шаҳру ноҳияҳо, сохтмони корхонаҳои коркарди партовҳо дар Душанбе ва Суғд, инчунин барқарорсозии шабакаҳои обтаъминкунӣ ва ирригатсионӣ дар минтақаҳои ҷанубӣ аз ҷумлаи онҳо мебошанд (замимаи 2).

Аз муқоисаи 9 лоиҳаи амалишуда ва 32 лоиҳаи пешниҳодшуда бармеояд, ки сиёсати давлатӣ тадриҷан аз таваҷҷуҳ ба соҳаҳои иҷтимоӣ ба истифодаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун воситаи рушди инфрасохтори истеҳсолӣ ва диверсификатсияи иқтисодӣ мегузарад. Ин раванд нишон медиҳад, ки механизми мазкур воситаи беҳтарсозии хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва омили муҳими рушди саноат, логистика ва инфрасохтори энергетикӣ гардида истодааст.

Бояд қайд кард, ки таҷрибаи амалисозии лоиҳаҳо зарурати баланд бардоштани шаффофият, такмили феҳрасти лоиҳаҳо ва таҳкими назорати иҷрои шартномаҳоро нишон дод. Ҳамзамон, масъалаҳои вобаста ба арзиши баланди сармояи қарзӣ, маҳдудияти захираҳои дарозмуддат ва хавфҳои асъорӣ ҳамчун омилҳои маҳдудкунанда боқӣ мемонанд.

Дар маҷмӯъ, таҳқиқот нишон медиҳад, ки шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи пайдарпайи рушдро тай намудааст: аз ташаккули заминаи ҳуқуқӣ дар соли 2012 то татбиқи лоиҳаҳои иҷтимоӣ ва ташкили портфели инфрасохтории стратегӣ. Ин раванд заминаи илмӣ ва амалӣ барои асоснок намудани самтҳои афзалиятноки такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ фароҳам оварда, шарикии давлат ва бахши хусусиро ҳамчун яке аз унсурҳои муҳими сиёсати давлатии рушди устувори иқтисодӣ муаррифӣ менамояд.

## 2.3. Таҷрибаи ҷаҳонии ҳамкории самараноки давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ

Таҷрибаи ҷаҳонӣ собит месозад, ки ҳамкории байни давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ ба баланд гардидани самаранокии низомҳои иқтисодиву иҷтимоӣ мусоидат карда, як қатор масъалаҳои стратегии иҷтимоӣ ва иқтисодиро ҳал менамояд ва тақсими оқилонаи хавфҳоро байни давлат ва бахши хусусӣ таъмин месозад.

Дар асоси таҳлили тамоюлҳои ҷаҳонӣ бояд қайд намуд, ки беш аз 120 давлати аъзои Созмони Милали Муттаҳид аллакай санадҳои қонунгузории давлатӣ оид ба танзими лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусиро қабул кардаанд. Бештари лоиҳаҳои мазкур ба самтҳои нақлиёт, энергетика ва хоҷагии коммуналии шаҳрӣ рост меоянд. Илова бар ин, «тарҳрезии лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ бо ҳадафҳои рушди устувор алоқамандии мустақим дорад, ки дар доираи онҳо истифодаи ҳамаи намудҳои захираҳо ва ҳифзи муҳити атроф дар маркази таваҷҷуҳ қарор дорад» [94].

Ҳангоми муҳокимаи тамоюлҳои ҷаҳонӣ оид ба густариши лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ маълум мегардад, ки алҳол ба сафи кишварҳои пешсаф дар истифодаи чунин лоиҳаҳо Ҷумҳурии Мардумии Чин ва ИМА маҳсуб мешаванд. Дар ҳарду кишвар маблағҳои калони сармоя барои рушди инфрасохтор ҷалб карда мешаванд. Лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ки ба рушди инфрасохтор равона шудаанд, аз ҳама бештар паҳншуда мебошанд ва ба гурӯҳи гаронтарин лоиҳаҳо дохил мешаванд.

Дар ИМА низоми шабакаи нақлиётии хеле пешрафта мавҷуд аст ва тақрибан 2,6 % ММД-и кишвар ба нигоҳдории инфрасохтори нақлиёт сарф мешавад. Дар натиҷа тақрибан ҳафтод фоизи ҳаракатҳои шаҳрвандон ба гузаришҳо ё сафарҳо дар дохили кишвар рост меояд. Дар Чин бошад, «маблағгузории бузург ба инфрасохтори кишвар тавсеа дода шуда, балки нақшаҳои панҷсоларо татбиқ менамоянд, ки барои иҷрои лоиҳаҳои бузург пешбинӣ шудаанд. Дар ИМА лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ хеле қаблан аз Чин оғоз ёфтанд, аз ин рӯ ИМА аз ҷиҳати миқдори лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ пешсаф мебошад» [7].

Олмон яке аз намунаҳои муваффақи ҳамкории давлатӣ ва бахши хусусӣ маҳсуб мешавад, ки дар он моделҳои гуногуни консессия, шартномаҳои хизматрасонӣ ва шаклҳои омехтаи маблағгузорӣ бо сатҳи баланди институтсионалӣ истифода мешаванд. Ба воситаи барномаҳои давлатӣ, дастгирии молиявии корхонаҳои хурду миёна, таъсиси марказҳои машваратӣ ва платформаҳои рақамии ҳамкорӣ амалӣ мегардад. «Ин механизмҳо имконият медиҳанд, ки субъектҳои соҳибкорӣ дар заминаи инфрасохторӣ, саноати коркард ва хидматрасонии иҷтимоӣ нақши фаъол бозанд» [118].

«Кореяи Ҷанубӣ аз соли 1994 татбиқи пайгиронаи шарикии давлат ва бахши хусусиро ба роҳ монда, бахши хусусиро ба татбиқи лоиҳаҳои иҷтимоӣ ва инфрасохторӣ ҷалб мекунад. Модели шарикӣ ба таври васеъ дар сохтмон ва идоракунии мактабҳо, беморхонаҳо ва нерӯгоҳҳо истифода шуда, баъд аз анҷоми сохтмон идоракунии иншоотҳо ба соҳибкорони хусусӣ вогузор

мегардад. Ин таҷриба имкони баланд бардоштани самаранокии идоракунии объектҳои муҳими иҷтимоиро фароҳам овардааст» [19].

Қазоқистон, ҳамчун яке аз кишварҳои ИДМ, низ дар самти танзими ҳуқуқии шарикии давлат ва бахши хусусӣ пешрафтҳои назаррас дорад. Қонуни махсуси «Оид ба шарикии давлат ва бахши хусусӣ» аз соли 2006 заминаи ҳуқуқӣ ва институтсионалии татбиқи чунин ҳамкориро фароҳам овард. Айни замон, дар ин кишвар «беш аз 900 лоиҳаҳои ШДБХ дар бахшҳои маориф, тандурустӣ, инфрасохтор ва технологияҳои иттилоотӣ амалӣ мегарданд. Ҷорӣ намудани портали ягонаи рақамӣ барои пешниҳоди лоиҳаҳо имкони баланд бардоштани шаффофият ва дастрасии маълумотро таъмин намудааст» [123].

Ҳиндустон ба шарофати механизмҳои ҳадафманд, бахусус барои дастгирии соҳибкории занон ва гурӯҳҳои осебпазир, тавонист фаъолияти ШДБХ-ро бо татбиқи барномаҳои қарздиҳии имтиёзнок тавсеа диҳад. Механизмҳои мазкур ба соҳибкорони нав имкон медиҳанд, ки бе гарав ва бо шартҳои сода маблағгузорӣ шаванд. Ин таҷриба дар кишварҳое чун Тоҷикистон, ки дорои сатҳи баланди нобаробарии минтақавии иқтисодӣ мебошанд, қобили истифода мебошад.

Сингапур, ҳамчун кишвари инноватсионӣ, дар заминаи рушди стартапҳо, технопаркҳо ва инкубаторҳои соҳибкорӣ дар ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ фаъол аст. Барномаҳои рақамикунонии иқтисодиёт ва дастгирии технологияҳои нав тавассути ШДБХ амалӣ мегарданд. Ин таҷриба метавонад барои Тоҷикистон, ки раванди рақамикунонии бахшҳои иқтисодӣ ва идорӣ ҳоло дар марҳилаи ибтидоӣ қарор дорад, намунаи мувофиқ бошад [125].

Рушди самараноки фазои соҳибкорӣ дар Тоҷикистон ба ҳайси яке аз омилҳои муҳимми таҳкими иқтисоди миллӣ баромад мекунад. Ҳарчанд дар солҳои охир як қатор ислоҳот амалӣ шуда, стратегияҳои марбута қабул ва сохторҳое, чун Шурои миллии рушди соҳибкорӣ фаъол гаштаанд, фазои соҳибкорӣ ҳамоно ба як силсила монеаҳо рӯ ба рӯ мебошад. Дар чунин ҳолат,

ҳамкории устувори миёни давлат ва бахши хусусӣ метавонад воситаи муҳими коҳиши хавфҳо ва ҷалби манбаъҳои иловагии сармоя ба ҳисоб равад.

Тибқи маълумоти таҳлилӣ, то соли 2023 бо мусоидати Муассисаи давлатии «Маркази татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ», ҳамагӣ 9 лоиҳа дар бахшҳои маориф, тандурустӣ, энергетика, нақлиёт ва обу партов амалӣ гардидаанд. Ин шумора нисбат ба имкониятҳои иқтисодии кишвар ва зарурати инфрасохтори муосир ниҳоят маҳдуд мебошад.

Аксари ин лоиҳаҳо танҳо ба таъмиру таҷдид ва истифодаи маҳдуд равона шуда, саҳми онҳо дар рушди истеҳсолот, баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва тавсеаи хизматрасониҳо ночиз боқӣ мондааст. Монеаҳои асосӣ – мухлати дарози бозгардони сармоя, хавфнокии сармоягузорӣ, набудани механизмҳои воқеии ҳавасмандсозӣ ва заъфи заминаҳои ниҳодӣ дар сатҳи маҳаллӣ - фаъолияти самараноки ин равандро маҳдуд месозанд.

Дар муқоиса, «таҷрибаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон нишон медиҳад, ки бо роҳандозии ислоҳоти ҳуқуқӣ ва таъсиси Агентии махсус, танҳо дар соли 2022 беш аз 170 созишномаи ШДБХ ба имзо расида, зиёда аз 4,5 миллиард доллари ИМА сармоягузории хусусӣ ҷалб шудааст» [139]. Лоиҳаҳо соҳаҳои муҳими иҷтимоӣ, фарҳанг, тандурустӣ ва идоракунии захираҳои обро фаро гирифтаанд. Таҷрибаи Ӯзбекистон собит месозад, ки ҳангоми таъмини заминаи ҳуқуқии устувор, механизмҳои ҳавасмандсозӣ ва дастгирии институтсионалӣ, шарикии давлат ва бахши хусусӣ метавонад ба омили муҳими рушди инфрасохтор ва коҳиши сарбории буҷет табдил ёбад.

Таҳлили маълумоти оморӣ нишон медиҳад, ки дар кишварҳои Аврупо дар соли 2024 ҳаҷми бозори лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ тақрибан ба 11,47 млрд евро баробар гардидааст. Ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2023 тақрибан 17 фоиз камтар мебошад. Бо вуҷуди коҳиши арзиши умумии бозор, шумораи лоиҳаҳое, ки марҳилаи басташавии молиявиро гузаштаанд, андаке зиёд шудааст: агар дар соли 2023 чунин лоиҳаҳо 38 ададро ташкил медоданд, пас дар соли 2024 шумораи онҳо ба 39 адад расидааст. Дар ҳамин давра ҳаҷми миёнаи як созишномаи шарикии давлат ва

бахши хусусӣ низ коҳиш ёфта, ба 294 млн евро баробар гардид, дар ҳоле ки як сол пеш ин нишондиҳанда 367,7 млн евро буд.

Дар маҷмуъ, «соли 2024 дар 11 кишвари аврупоӣ ҳадди ақал як созишномаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба имзо расидааст, ки нисбат ба соли 2023 (13 кишвар) камтар мебошад. Аз рӯи ҳаҷми умумии сармоягузорӣ Юнон ба бозори калонтарини шарикӣ дар Аврупо табдил ёфта, арзиши умумии лоиҳаҳои имзошуда дар ин кишвар ба 3,3 млрд евро расид. Ин пешсафӣ асосан бо татбиқи лоиҳаи сохтмони роҳи ҳалқавии шаҳри Афина вобаста мебошад. Аз рӯи шумораи созишномаҳо бошад, Белгия мавқеи аввалро ишғол намуд, зеро дар ин кишвар нӯҳ лоиҳаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба имзо расид» [49]. Қобили зикр аст, ки «дар зиёда аз 60 фоизи лоиҳаҳои бporсташуда маблағгузории давлатӣ низ истифода шудааст, ки он одатан дар шакли пардохтҳо барои таъмини омодагии инфрасохтор ба истифода амалӣ мегардад» [122].

Дар соли 2024 аз рӯйи арзиши умумии созишномаҳо бахши нақлиёт мавқеи пешсафро ишғол намуд ва ҳаҷми лоиҳаҳои амалишаванда дар ин соҳа зиёда аз 6,8 млрд евро арзёбӣ гардид.

Аз рӯйи шумораи лоиҳаҳо «соҳаи маориф дар ҷои аввал қарор дошт, яъне 15 созишнома, ки рушди шаҳракҳои донишгоҳӣ, хобгоҳҳои донишҷӯён ва муассисаҳои таҳсилоти мактабиро дар бар мегирифт. Дар бахши тандурустӣ низ ҳаҷми сармоягузорӣ ба 873 млн евро расид. Ҳамзамон, афзоиши лоиҳаҳо дар самтҳои ҳифзи муҳити зист, фарҳанг ва фароғат нишон медиҳад, ки истифодаи модели шарикии давлат ва бахши хусусӣ тадриҷан ба соҳаҳои ғайрианъанавӣ низ густариш меёбад» [122].

Модели аврупоии шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар давраи баррасишаванда таҳти таъсири ҷиддии тағйирот қарор дорад, ки пеш аз ҳама бо сиёсати ҳадафманд ва баландпояи «Созишномаи сабзи Аврупо» (European Green Deal) ва татбиқи барномаи Next Generation EU вобаста мебошад. Тамоюли асосӣ ба такя ба «шарикии сабзи давлат ва бахши хусусӣ» (Green PPPs) равона гардидааст. Мутобиқати лоиҳаҳо ба меъёрҳои Таксономияи

маблағгузории устувори Иттиҳоди Аврупо ба омили калидии арзёбӣ ва интихоб гардидани онҳо табдил ёфтааст [136].

Дар баробари ин, модели шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар Аврупо дар рушди инфрасохтори иҷтимоӣ, бахусус дар соҳаҳои тандурустӣ ва маориф, инчунин дар таъмини манзили иҷтимоӣ нақши муҳим мебозад. Лоиҳаҳо бештар ба бунёд ва таҷдиди муассисаҳои тиббӣ ва таълимӣ бо истифодаи технологияҳои муосир равона гардидаанд. Ҳамзамон, «унсурҳои рақамӣ, аз қабили шабакаҳои алоқаи насли нав, марказҳои нигоҳдорӣ ва коркарди маълумот ва низомҳои зеҳнии идоракунии нақлиёт ба қисми таркибии аксари чунин лоиҳаҳо табдил ёфта, дар онҳо ҳамчун ҷузъи ҳатмии инфрасохтори муосир истифода мешаванд» [5].

«Яке аз хусусиятҳои хоси таҷрибаи аврупоӣ пурзӯр гардидани тадриҷии талабот ба шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ дар доираи принсипҳои ESG (омилҳои экологӣ, иҷтимоӣ ва идоракунӣ) ба ҳисоб меравад» [55]. Ин раванд бо таваҷҷуҳи зиёд ба хавфҳои марбут ба тағйирёбии иқлим ва паёмадҳои иҷтимоии лоиҳаҳо алоқаманд аст. Дар чунин шароит, арзёбии ҳамаҷонибаи давраи пурраи ҳаётии лоиҳа ва таъмини устувории дарозмуддати он ҳамчун самти асосии сиёсати инфрасохторӣ баррасӣ мегардад. Ин раванд бо тақвияти иқтидори институтсионалӣ тавассути рушди марказҳои миллии салоҳият дар соҳаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ҷорӣ намудани моделҳои стандартии шартномавӣ, инчунин «идоракунии муфассалтари хавфҳо дар марҳилаҳои ибтидоӣ, аз ҷумла таҳлили самаранокии иқтисодӣ бо дарназардошти ҳатмии омилҳои устувор, ҳамроҳ мегардад» [115].

Дар соҳаи маблағгузории лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ истифодаи воситаҳои молиявии ба рушди устувор равонашуда торафт густариш меёбад. Аз ҷумла, вомбаргҳои «сабз», қарзҳои вобаста ба нишондиҳандаҳои экологию иҷтимоӣ ва моделҳои маблағгузории омехта васеъ истифода мешаванд. «Дар чунин тарҳҳо ниҳодҳои молиявии байналмилалӣ бо пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ва кафолатҳо хавфҳои

сармоягузорони хусусиро коҳиш дода, ҷалби сармоя ба лоиҳаҳои мураккаби экологӣ ва инфрасохториро осон менамоянд» [124].

Ин чараёнҳо бо «нақшаҳои кишварҳои аврупоӣ оид ба афзоиши сармоягузорӣ ба мубориза бо тағйирёбии иқлим ва рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар солҳои наздик тақвият меёбанд. Пешбинӣ мешавад, ки лоиҳаҳо дар бахшҳои энергетика ва нақлиёт минбаъд низ густариш ёбанд. Ҳамзамон, дар доираи барномаи Horizon Europe таъсиси шарикиҳои нави аврупоӣ дар самтҳои технологияҳои пешрафта, аз ҷумла маводҳои нав, фотоника ва муҳитҳои рақамии пешрафта ба нақша гирифта шудааст» [128].

Ҳамзамон, густариши истифодаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар бахшҳои амнияти миллӣ ва мудофиа низ ба нақша гирифта шудааст. «Таваҷҷуҳи рӯзафзуни кишварҳои аврупоӣ ба масъалаҳои тағйирёбии иқлим ба зиёд гардидани шумораи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ки ба ноил гардидан ба ҳадафҳои рушди устувор мусоидат намуда, иштироки фаъоли бахши хусусиро дар татбиқи онҳо таъмин менамояд» [120].

**Рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар кишварҳои Осиё.** Дар соли 2023 кишварҳои осиёӣ дар доираи 73 лоиҳаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ тақрибан 51,4 млрд доллари ИМА сармоя ҷалб намуданд. Ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2022 тақрибан 28 фоиз зиёд буда, аз барқароршавии устувори иқтисодӣ пас аз бӯҳрони солҳои 2020–2021 шаҳодат медиҳад. Ин ҳаҷм ҳамчунин аз нишондиҳандаи миёнаи солҳои пеш аз пандемия (2018-2022) ба таври назаррас бештар мебошад. «Бо вуҷуди афзоиши маблағгузорӣ, шумораи лоиҳаҳо то сатҳи пасттарини даҳсолаи охир коҳиш ёфт, ки асосан бо татбиқи чанд лоиҳаи хеле калонҳаҷм вобаста аст: чор лоиҳаи дорои арзиши беш аз 4 млрд доллар ҳар яке ба болоравии назарраси ҳаҷми миёнаи як лоиҳа мусоидат намуданд» [129].

Бояд зикр кард, ки «омили калидии барқароршавии иқтисодӣ дар минтақаи Осиё Чин маҳсуб меёбад, ки ба соҳаи инфрасохтор 40,4 млрд доллари ИМА сармоягузориҳои хусусиро ҷалб намудааст. Қисми зиёди ин маблағҳо (95 фоиз) ба 24 лоиҳаи бахши энергетика равона гардидаанд.

Филиппин аз рӯи ҳаҷми ҷалби сармоягузорӣ дар ҷойи дуюм қарор гирифта, бар хилофи Чин, маблағгузориҳо дар ин кишвар миёни соҳаҳои гуногун нисбатан мутавозин тақсим шудаанд. Дар айни замон, бахши технологияҳои иттилоотӣ саҳми бештарини сармояро ба худ ҷалб намудааст» [49].

Ҳамин тариқ, минтақаи Осиё дар рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ тамоюли устувори мусбат нишон дода, ин раванд пеш аз ҳама бо эҳтиёҷоти бузурги инфрасохторӣ ва зарурати суръат бахшидан ба рушди иқтисодӣ алоқаманд мебошад. Хусусияти фарққунандаи он бартарии лоиҳаҳои калонҳаҷм дар бахшҳои нақлиёт ва энергетика ба ҳисоб меравад.

«Дар бахши энергетика низ рушди ҳамзамони манбаъҳои гуногуни истеҳсоли энергия мушоҳида мешавад: аз як тараф, сохтмони неругоҳҳои офтобӣ ва бодӣ бо мақсади гузариш ба иқтисоди камкарбон фаъолона амалӣ мегардад, аз тарафи дигар, истифодаи манбаъҳои анъанавӣ, пеш аз ҳама газ ҳамчун сӯзишвории гузаришӣ, барои таъмини талаботи рӯзафзуни аҳолӣ ва саноат ба энергия идома дорад» [49]. Ин раванд нишон медиҳад, ки кишварҳои Осиё кӯшиш доранд ҳамзамон масъалаи амнияти энергетикӣ ва гузариш ба рушди устуворро ҳал намоянд.

Омили дуюми калидии пешбарандаи лоиҳаҳои осиёии шарикии давлат ва бахши хусусӣ рушди босуръати консепсияи «шаҳрҳои ҳушманд» ва инфрасохтори рақамӣ мебошад. Лоиҳаҳо дар ин самт, ки «дар Ҳиндустон, Чин, Сингапур ва кишварҳои АСЕАН фаъолона пешбурд мешаванд, ҷорӣ намудани қарорҳои ҳамгироёфтаро барои идоракунии нақлиёт, таъмини амният, ҷамъоварӣ ва коркарди партовҳо, инчунин баланд бардоштани самаранокии энергетикӣ дар асоси интернети ашё ва таҳлили маълумоти бузург пешбинӣ менамоянд. Ба ин раванд густариши оммавии инфрасохтори асосии рақамӣ, аз ҷумла марказҳои коркарди маълумот, шабакаҳои нахи оптикӣ ва шабакаҳои насли панҷум (5G) мусоидат мекунад» [111].

Дар посух ба талаботи афзояндаи маблағгузории лоиҳаҳои бузурги инфрасохторӣ, кишварҳои осиёӣ механизмҳои нави молиявиро фаъолона ҷорӣ менамоянд. Аз ҷумла, истифодаи трастҳои сармоягузории

инфрасохторӣ ва амволи ғайриманкул густариш ёфта, онҳо имкон медиҳанд, ки маблағҳои сармоягузорони институтсионалӣ, аз ҷумла фондҳои нафақа ва суғурта, ба татбиқи чунин лоиҳаҳо ҷалб карда шаванд. Таҷрибаи кишварҳое чун Чин, Ҳиндустон ва Сингапур дар ин самт намунаи равшани татбиқи самараноки чунин воситаҳои молиявӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳамзамон бозори вомбаргҳои лоиҳавӣ дар минтақа босуръат рушд намуда, ба яке аз манбаъҳои муҳими ҷалби сармоя барои татбиқи лоиҳаҳои инфрасохторӣ табдил ёфтааст. Илова бар ин, модели шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ки дар он хароҷот тавассути пардохтҳои мустақими истифодабарандагон ҷуброн мегардад, махсусан дар сохтмон ва истифодаи роҳҳо ва пулҳои пулакӣ васеъ татбиқ мешавад. Дар ин раванд нақши калидиро Бонки рушди Осиё иҷро менамояд, ки ҳамчун яке аз сарчашмаҳои асосии маблағгузории лоиҳаҳои инфрасохторӣ дар минтақа баромад мекунад [119].

Бояд тазаккур дод, ки «бисёре аз кишварҳои Осиё, аз ҷумла Ҳиндустон, Индонезия, Филиппин ва Ветнам, ислоҳоти қонунгузорӣ ва танзими шарикии давлат ва бахши хусусиро идома дода, тадбирҳоро барои содагардонии расмиёти маъмурӣ, кӯтоҳ намудани муҳлати омодасозии лоиҳаҳо ва ҷорӣ намудани низоми «равзанаи ягона» барои сармоягузорон амалӣ менамоянд» [49]. Ҳадафи асосии чунин ислоҳот суръат бахшидан ба татбиқи лоиҳаҳо ва ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ мебошад.

Таҳлили муқоисавии тамоюлҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ нишон медиҳад, ки «дар минтақаҳои гуногун ҳам хусусиятҳои умумӣ ва ҳам фарқиятҳои назаррас вуҷуд доранд, ки онҳо ба сатҳи рушди иқтисодӣ, камолоти институтсионалӣ, имкониятҳои молиявӣ ва афзалиятҳои стратегии кишварҳо вобаста мебошанд. Маҳз ҳамин омилҳо муайян месозанд, ки кадом бахшҳо дар меҳвари лоиҳаҳо қарор мегиранд, чӣ гуна механизмҳои маблағгузорӣ интихоб мешаванд ва то кадом андоза меъёрҳои устувории иҷтимоӣ ва экологӣ ба тарҳрезӣ ва иҷрои лоиҳаҳо ҳамгиро мегарданд» [55].

Пеш аз ҳама бояд таъкид намуд, ки «ҳар ду минтақа шарикии давлат ва бахши хусусиро ҳамчун воситаи калидӣ барои рафъи норасоии инфрасохтор, таъмини самаранокии хароҷоти давлатӣ ва беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои ҷамъиятӣ фаъолона истифода мебаранд» [49]. Дар ҳар ду ҳолат, шарикӣ ҳамчун роҳи ҳамгироии захираҳои давлатӣ ва хусусӣ баромад намуда, имконият медиҳад, ки лоиҳаҳои аз лиҳози сармояталабӣ ва мураккабии идоракунӣ калонҳаҷм амалӣ гарданд, дар ҳоле ки давлат кафили устувории институтсионалӣ ва ҳимояи манфиатҳои ҷамъиятӣ мебошад. Дар ин замина, ҳамкории мутақобил барои субъектҳои хоҷагидорӣ низ аҳаммияти амалӣ дорад, зеро он ба беҳтар гардидани шароити хизматрасонӣ, дастрасии инфрасохтор ва коҳиши маҳдудиятҳои логистикӣ мусоидат мекунад.

Ҳамзамон, дар ҳар ду минтақа бахшҳои нақлиёт ва энергетика ба таври анъанавӣ ҳамчун самтҳои афзалиятноки татбиқи лоиҳаҳои шарикӣ боқӣ мемонанд. Ин ҳолат, аз як тараф, бо аҳаммияти системавии инфрасохтори заминавӣ барои рушди бозорҳо, ҳаракати бору мусофир, ҳамгироии минтақавӣ ва таъмини амнияти энергетикӣ шарҳ дода мешавад; аз тарафи дигар, ин бахшҳо имконият медиҳанд, ки дар доираи шартномаҳои дарозмуддат ҷалби сармояи хусусӣ ва бозгашти маблағҳо дар асоси модели пардохтҳо (аз давлат ё истифодабаранда) таъмин гардад.

Илова бар ин, афзоиши таваҷҷуҳ ба инфрасохтори иҷтимоӣ, аз ҷумла маориф ва тандурустӣ, ба таври рӯшан мушоҳида мегардад. Ин тамоюл аз он шаҳодат медиҳад, ки шарикӣ тадриҷан аз доираи лоиҳаҳои сирф иқтисодӣ берун рафта, ба соҳаҳое ворид мешавад, ки мустақиман бо рушди сармояи инсонӣ, баланд бардоштани сифати зиндагӣ ва таҳкими суботи иҷтимоӣ пайванд доранд.

Яке аз тамоюлҳои фарогир, ки лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусиро дар ҳар ду минтақа муттаҳид месозад, ҷорӣ гардидани васеи технологияҳои рақамӣ мебошад, ки ба баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ, шаффофият ва сифати хизматрасониҳо мусоидат мекунад. Дар баробари ин, норасоии мутахассисони баландихтисос барои таҳия ва

идоракунии лоиҳаҳои мураккаби инфрасохторӣ ба мушкилоти умумӣ табдил ёфтааст. Дар чунин шароит, нақши бонкҳои рушд, ки маблағгузории лоиҳаҳои экологӣ ва иҷтимоан муҳимро таъмин менамоянд, ба таври назаррас меафзояд.

Бо вуҷуди мавҷудияти монандиҳои бунёдӣ, дар равишҳои татбиқи шарикии давлат ва бахши хусусӣ байни минтақаҳо фарқиятҳои назаррас низ мушоҳида мешаванд. Дар Аврупо дар соли 2024 коҳиши муайяни ҳаҷми умумии сармоягузориҳо ба қайд гирифта шуд, ҳарчанд шумораи лоиҳаҳо то андозае афзоиш ёфт.

Дар муқоиса, бозори осиёии шарикии давлат ва бахши хусусӣ тамоюли устувори афзоишро нигоҳ дошта, пеш аз ҳама бо талаботи бузург ба рушди инфрасохтор, ки аз урбанизатсияи босуръат ва афзоиши иқтисодӣ бармеояд, муайян мешавад. Дар ин минтақа доираи гуногуни моделҳои маблағгузорӣ истифода мегардад, аз ҷумла лоиҳаҳое, ки хароҷоти онҳо тавассути пардохтҳои мустақими истифодабарандагон ё тавассути механизмҳои ҷубронӣ барқарор карда мешаванд.

Таҳлили омилҳои пешбарандаи рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ нишон медиҳад, ки вазъи иқтисодӣ, суботи сиёсӣ ва ҷолибияти сармоягузорӣ ҳамчун унсурҳои ҳалкунанда баромад мекунанд. Маҳз ҳамин омилҳо имконият ва самаранокии татбиқи лоиҳаҳоро муайян намуда, интихоби соҳаҳои афзалиятнокро шакл медиҳанд.

Дар кишварҳои аврупоӣ динамикаи рушди шарикии давлат ва бахши хусуст бо нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, аз ҷумла сатҳи рушди иқтисод, даромади аҳолӣ ва таваррум, робитаи мустақим дорад. Дар чунин шароит ҷалби бахши хусусӣ ҳамчун воситаи дастгирии рушди дарозмуддат аҳаммияти бештар пайдо мекунад. Сатҳи баланди саноатикунонӣ ва рушди инфрасохтори мавҷуда низ ба интихоби лоиҳаҳо таъсир расонида, таваҷҷуҳро бештар ба навсозӣ, баланд бардоштани самаранокӣ ва ҳалли масъалаҳои мушаххаси идоракунӣ дар иқтисодиёти пешрафта равона месозад.

Дар минтақаи Осиё, баръакс, вобастагии бевоситаи байни рушди иқтисодӣ ва татбиқи лоиҳаҳои инфрасохтории шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба таври равшан мушоҳида мешавад. Андозаи бузурги иқтисод ва афзоиши босуръати аҳолӣ зарурати фаврии густариши инфрасохторро ба миён оварда, онро ба яке аз омилҳои калидии рушди минбаъдаи иқтисодӣ табдил медиҳад. «Аз ин рӯ, кишварҳои осиёӣ ба татбиқи лоиҳаҳои инфрасохторӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дода, барои ҷалби сармояи хусусӣ ва амалисозии лоиҳаҳои калонҳаҷм сиёсати нисбатан фаъолро пеш мебаранд» [106].

Дар кишварҳои аврупоӣ уҳдадории сиёсӣ ба принсипҳои рушди устувор ба интихоби соҳаҳо, тарҳрезӣ ва сохтори лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ таъсири назаррас мерасонад. Дар муқоиса, дар баъзе кишварҳои осиёӣ ноустувории сиёсӣ метавонад ҳамчун омили хавфи иловагӣ баромад намуда, ҷолибияти сармоягузорӣ ва пешгӯишавандагии татбиқи лоиҳаҳоро коҳиш диҳад.

Фазои сармоягузорӣ, ки аз муҳити ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ вобаста аст, ба рушд ва фаъолияти бозори лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ таъсири муайянкунанда мерасонад. Дар ин раванд бонкҳои бисёрҷонибаи рушд ҳам дар Аврупо ва ҳам дар Осиё нақши муҳим дошта, тавассути пешниҳоди кафолатҳо, қарзҳои имтиёзнок ва ҳаммаблағгузорӣ хавфҳои сармоягузориро коҳиш медиҳанд.

Таҳлили муқоисавии тамоюлҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар Аврупо ва кишварҳои Осиё нишон медиҳад, ки ҷудошавии моделҳои минтақавӣ рӯз аз рӯз равшантар мегардад. Равиши аврупоӣ бештар ба истифодаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун воситаи ислоҳоти сохторӣ ва гузариш ба иқтисоди «сабз» ва рақамӣ такя мекунад: дар ин ҷо меъёрҳои танзимӣ сахттар буда, шаффофият, ҳисоботдиҳӣ ва ҳамгироии принсипҳои устуворӣ дар тамоми давраи ҳаётии лоиҳа ба меъёри асосӣ табдил ёфтааст. Дар муқоиса, модели осиёӣ шарикии давлат ва бахши хусусиро пеш аз ҳама ҳамчун механизми суръатбахши рушди иқтисодӣ

истифода бурда мешаванд. Дар маҷмӯъ, ин фарқиятҳо натиҷаи мантиқии тафовут дар афзалиятҳои сиёсӣ, сатҳи рушди иқтисодӣ, ҳаҷм ва хусусияти талаботи инфрасохторӣ, инчунин дараҷаи камолоти институтсионалӣ ва иқтидори идоракунӣ дар ҳар ду минтақа мебошанд.

Ҳамзамон, барои ҳар ду минтақа мушкилоти умумӣ боқӣ мемонанд, аз ҷумла арзиши баланди сармоя, фишори таваррум ба хароҷоти сохтмон, номуайянии геополитикӣ, инчунин норасоии экспертизаи идоракунӣ ва техникӣ. Бартарафсозии муваффақонаи ин мушкилот такмили минбаъдаи моделҳои шарикии давлат ва бахши хусусиро талаб менамояд.

Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти минбаъда метавонанд дар чанд ҷабҳаи асосӣ муайян карда шаванд. Пеш аз ҳама, зарурати арзёбии ҳамаҷонибаи самаранокии воқеии лоиҳаҳои «сабз»-и шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар кишварҳои аврупоӣ, аз ҷумла аз нуқтаи назари мутобиқат ба ҳадафҳои иқлимӣ ва асоснокии иқтисодии онҳо дар дурнамои дарозмуддат ба миён меояд.

Самти дигари муҳим таҳқиқи нақш ва таъсири технологияҳои муосири рақамӣ, аз қабили моделсозии иттилоотии биноҳо ва зеҳни сунъӣ дар баланд бардоштани самаранокии давраи ҳаётии лоиҳаҳо мебошад. Ҳамзамон, арзёбии таъсири воситаҳои нави молиявӣ, аз ҷумла вомбаргҳои «сабз» ва механизмҳои маблағгузории омехта ба дастрасӣ ва арзиши сармоя барои татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ низ аҳаммияти назаррас дорад.

Фаҳмиши амиқи тамоюлҳои мазкур, ки ҳамзамон хусусияти фарққунанда ва вобастаи байниҳамдигарӣ доранд, барои ҳукуматҳо, сармоягузорон ва таҳиягарони лоиҳаҳо аҳаммияти амалӣ дорад. Он имкон медиҳад, ки ҳангоми таҳияи стратегияҳои рушди инфрасохторӣ ҳам ба талаботи ҷаҳонии рушди устувор ва ҳам ба хусусиятҳои миллӣ ва минтақавӣ ба таври мутавозин ҷавоб дода шавад.

## Хулосаи боби 2

Натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодашуда дар доираи боби дуюми диссертатсия имкон медиҳанд, ки вазъи муосири рушди фаъолияти соҳибкорӣ, сатҳи ташаккули муҳити соҳибкорӣ, нақши низоми молиявӣ ва аҳаммияти шарикии давлату бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ карда шаванд. Таҳлил нишон дод, ки дар шароити муосири рушди иқтисоди миллӣ фаъолияти соҳибкорӣ тадриҷан ба яке аз бахшҳои муҳимми иқтисоди миллӣ табдил ёфта, дар таъмини шуғли аҳолӣ, рушди истеҳсолот, густариши бозори дохилӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ саҳми назаррас мегузорад. Ҳамзамон муайян гардид, ки бо вуҷуди тамоюлҳои мусбат, рушди соҳибкорӣ ҳанӯз бо як қатор маҳдудиятҳои молиявӣ ва сохторӣ рӯ ба рӯ мебошад, ки зарурати такмили сиёсати давлатӣ ва механизмҳои ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкориро ба миён меорад.

Муайян карда шуд, ки дар солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи умумии субъектҳои хоҷагидор тамоюли афзоиш дошта, дар солҳои 2020-2024 аз 335306 то 358608 адад расидааст. Ин раванд аз фаъол гардидани муҳити соҳибкорӣ ва зиёд шудани иштироки аҳолӣ дар фаъолияти иқтисодӣ шаҳодат медиҳад. Дар айни замон, таҳлили сохтори субъектҳои соҳибкорӣ нишон дод, ки қисми асосии онҳоро соҳибкорони инфиродӣ ташкил медиҳанд ва ҳиссаи онҳо зиёда аз 90 фоизи шумораи умумии субъектҳоро дар бар мегирад. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ бештар хусусияти хурд дошта, рушди соҳибкории миёна ва калон ҳанӯз ба сатҳи зарурӣ нарасидааст. Ҳамзамон афзоиши шумораи субъектҳои барҳамдодашуда ва коҳиши нисбии ҳиссаи субъектҳои фаъол аз паст будани устувории фаъолияти қисми муайяни соҳибкорон шаҳодат медиҳад.

Таҳлил инчунин нишон дод, ки бахши хусусӣ тадриҷан мавқеи худро дар сохтори иқтисоди миллӣ таҳким мебахшад. Ҳиссаи корхонаҳои хусусӣ ва коллективӣ дар шумораи умумии корхонаҳо афзоиш ёфта, ҳиссаи корхонаҳои давлатӣ коҳиш ёфтааст. Бо вуҷуди ин, сохтори шахсони ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки қисми асосии корхонаҳо ба гурӯҳи корхонаҳои хурд

таалluқ дошта, ҳиссаи корхонаҳои миёна ва калон ҳанӯз маҳдуд боқӣ мондааст. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки имкониятҳои рушди истеҳсолоти нисбатан калонҳаҷм дар иқтисоди миллӣ ҳанӯз пурра истифода намешаванд.

Таҳлили тақсимоти корхонаҳо аз рӯйи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ нишон дод, ки рушди соҳибкорӣ дар бахшҳои иқтисоди миллӣ хусусияти нобаробар дорад. Аз ҷумла, суръати баланди рушд бештар дар бахшҳои хизматрасонӣ, савдои яклухт ва чакана, саноати коркард ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ мушоҳида мегардад. Ин раванд аз тағйирёбии тадриҷии сохтори иқтисод ба нафъи бахшҳои хизматрасонӣ ва коркард шаҳодат медиҳад. Дар айни замон, дар баъзе бахшҳо рушди соҳибкорӣ бо суръати нисбатан паст ба амал омада, зарурати дастгирии мақсадноки соҳавиро ба миён меорад.

Дар доираи таҳқиқот муайян гардид, ки рушди фаъолияти соҳибкорӣ ба сатҳи дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ ва самаранокии фаъолияти низоми молиявӣ вобастагии мустақим дорад. Таҳлили нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ нишон дод, ки дар солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли мусбати рушди иқтисодӣ мушоҳида мегардад. Ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, дороиҳои низоми молиявӣ ва даромадҳои буҷети давлатӣ ба таври назаррас афзоиш ёфтаанд. Ин нишондиҳандаҳо заминаи муайянро барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва густариши сармоягузорӣ фароҳам меоранд.

Ҳамзамон, беҳтар гардидани фарогирии молиявӣ ва рушди хизматрасониҳои бонкӣ аз омилҳои муҳими дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад. Афзоиши шумораи кортҳои пардохтӣ, терминалҳо ва ҳаҷми амалиётҳои ғайринақдӣ аз густариши истифодаи технологияҳои муосири молиявӣ шаҳодат медиҳад. Бо вуҷуди ин, таҳлил нишон дод, ки сатҳи баланди фоизи қарзҳои бонкӣ ва маҳдудияти дастрасӣ ба захираҳои молиявии дарозмуддат ҳанӯз яке аз монеаҳои асосии рушди соҳибкорӣ боқӣ мемонад. Махсусан, соҳибкории хурд ва миёна дар дастрасӣ ба сармояи қарзӣ ба мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ мегардад.

Дар ин боб инчунин аҳаммияти шарикии давлату бахши хусусӣ ҳамчун механизми муҳими ҷалби сармоягузорӣ ва рушди инфрасохтори иқтисодӣ асоснок карда шуд. Ташаккули низоми шарикии давлату бахши хусусӣ дар Тоҷикистон бо қабули қонунгузории дахлдор ва таъсиси ниҳодҳои махсус оғоз гардида, тадриҷан таҷрибаи амалии татбиқи чунин лоиҳаҳо ба вуҷуд омадааст.

Ҳамзамон таҳлили таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон дод, ки дар аксари кишварҳои ҷаҳон шарикии давлату бахши хусусӣ ҳамчун воситаи самараноки татбиқи лоиҳаҳои инфрасохторӣ ва иҷтимоӣ истифода бурда мешавад. Таҷрибаи кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки истифодаи самараноки ин механизм ба мавҷудияти заминаи устувори ҳуқуқӣ, шаффофияти раванди интихоби лоиҳаҳо, тақсимоти оқилонаи хавфҳо ва ҷалби сармоягузории дарозмуддат вобаста мебошад. Ин таҷриба метавонад барои такмили сиёсати рушди шарикии давлату бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти муҳим дошта бошад.

Ҳамин тариқ, таҳқиқот нишон дод, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва беҳтар намудани муҳити соҳибкорӣ заминаҳои муайяни мусбат ташаккул ёфтаанд. Афзоиши шумораи субъектҳои соҳибкорӣ, таҳкими мавқеи бахши хусусӣ дар иқтисод, беҳтар гардидани баъзе нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва рушди хизматрасониҳои молиявӣ аз ҷумлаи омилҳои мусбати рушди соҳибкорӣ ба ҳисоб мераванд. Барои такмили минбаъдаи ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ зарур аст, ки сиёсати давлатӣ ба тақвияти дастгирии институтсионалӣ ва тавсеаи механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ равона карда шавад.

# БОБИ 3. САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ҲАМКОРИИ ДАВЛАТ БО СУБЪЕКТҲОИ СОҲИБКОРӢ ДАР ШАРОИТИ РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДӢ

## 3.1. Рушди ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ва татбиқи технологияҳои сабз

Дар шароити муосири рушди устувори иқтисодӣ ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ ба яке аз механизмҳои калидии татбиқи сиёсати иқтисодӣ табдил меёбад. Афзоиши мушкилоти глобалӣ, ки бо тағйирёбии иқлим, гузариши рақамии иқтисодиёт ва зарурати таъмини истифодаи устувори захираҳои табиӣ алоқаманд мебошанд, ташаккули моделҳои нави ҳамкории давлат ва субъектҳои соҳибкориро талаб менамояд.

Шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи рушди устувор дар даҳсолаҳои охир ба яке аз воситаҳои муҳими ҳамкории давлат ва бахши соҳибкорӣ дар сатҳҳои гуногуни идоракунӣ табдил ёфтааст. Аҳамияти хоса густариши иштироки субъектҳои соҳибкорӣ дар татбиқи барномаҳо ва лоиҳаҳои давлатии иҷтимоию иқтисодӣ касб менамояд.

Ба андешаи мо, яке аз самтҳои афзалиятноки такмили механизми ҳамкории давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули моделҳои чандири шарикӣ мебошад, ки бар принсипҳои манфиати мутақобила, тақсими масъулият ва идоракунии самараноки хавфҳо асос меёбанд.

Бояд қайд намуд, ки қабули Рӯзномаи рушди устувор барои давраи то соли 2030 ва Ҳадафҳои рушди устувор аҳаммияти шарикии давлат ва бахши хусусиро дар татбиқи сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ ба таври назаррас тақвият бахшид. Дар татбиқи Ҳадафҳои рушди устувор дар қатори сохторҳои давлатӣ, намояндагони бахши хусусӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигар ҷонибҳои манфиатдор низ бояд нақши фаъол дошта бошанд. Чунин равиш тамоюли муосири идоракуниро инъикос менамояд, ки тибқи он ноил гардидан ба

ҳадафҳои стратегии рушд танҳо дар ҳолати муттаҳид намудани кӯшишҳои давлат ва бахши хусусӣ имконпазир мегардад.

Бахши хусусӣ метавонад барои ноил шудан ба Ҳадафҳои рушди устувор саҳми назаррас гузорад, зеро дорои захираҳои сармоягузорӣ, қарорҳои технологӣ, таҷрибаи идоракунӣ ва иқтидори инноватсионӣ мебошад. Бар замми ин, сохторҳои соҳибкорӣ имконият доранд, ки лоиҳаҳоро бо суръати бештар амалӣ намоянд, технологияҳои навро ҷорӣ кунанд ва самаранокии истифодаи захираҳоро баланд бардоранд. Дар ин замина ҷомеаи байналмилалӣ ва Созмони Милали Муттаҳид таъкид менамоянд, ки ноил шудан ба Ҳадафҳои рушди устувор бидуни иштироки фаъоли субъектҳои соҳибкорӣ ва истифодаи васеи механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ ғайриимкон мебошад.

Дар айни замон дар доираи татбиқи Ҳадафҳои рушди устувор дар ҷаҳон ҳазорҳо ташаббусҳои шарикӣ амал менамоянд, ки ба ҳалли масъалаҳои гуногуни иҷтимоию иқтисодӣ ва экологӣ равона гардидаанд. Самаранокии чунин шарикиҳо дар бисёр маврид аз сифати сохтори институтсионалии онҳо вобаста мебошад, ки қоидаҳои ҳамкории байни мақомоти давлатӣ ва бахши хусусиро муайян менамояд.

Бо дарназардошти таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули модели самараноки ҳамкории институтсионалии давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ аҳамияти махсус дорад. Дар шароити татбиқи стратегияи рушди устувори иқтисоди миллӣ зарур аст, ки чунин механизмҳои ҳамкорӣ рушд дода шаванд, ки ҳамоҳангсозии манфиатҳои давлат ва соҳибкорӣ, тақсими самараноки хавфҳо ва баланд бардоштани натиҷабахшии лоиҳаҳои муштаракро таъмин намоянд.

Якум, дараҷаи ҳамгироии принсипҳои устуворӣ ба стратегия ва амалияи татбиқи ташаббусҳои шарикӣ аҳамияти муҳим дорад. Дуюм, таркиби иштирокчиёни шарикӣ, хусусияти ҳамкории онҳо ва механизмҳои институтсионалии идоракунии лоиҳаҳои муштарак нақши назаррас мебозанд. Сеюм, самаранокии шарикиҳо аз хусусияти ҳамкории онҳо бо доираи васеи

ҷонибҳои манфиатдор вобаста мебошад, ки ҳамчун қабулкунандагони натиҷаҳои ташаббусҳои амалишаванда баромад мекунанд. Чорум, шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар низоми мураккаби робитаҳои байнисозмонӣ фаъолият менамояд ва натиҷабахшии онҳо дар бисёр маврид аз қобилияти ҳамкории самаранок бо иштирокчиёни гуногуни равандҳои иқтисодӣ вобаста мебошад.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар шароити татбиқи стратегияи рушди устувори иқтисодӣ ва навсозии иқтисоди миллӣ аҳамияти махсус пайдо менамояд. Маҳдудияти захираҳои молиявии давлатӣ ва зарурати рушди босуръати инфрасохтор ҷалби фаъолтари сармоягузориҳои хусусӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосирро тақозо менамояд. Дар ин замина шарикии давлат ва бахши хусусӣ метавонад ба воситаи муҳими татбиқи лоиҳаҳои бузурги инфрасохторӣ, рушди соҳаҳои энергетика, нақлиёт, иқтисоди рақамӣ ва бахшҳои дорои самти экологӣ табдил ёбад.

Муҳаққиқони ватанӣ Муқаддасзода Ф.М. ва Ҳаёхоҷаев Ш.Ф. дуруст қайд менамоянд, ки дар шароити муосир «бо вуҷуди ҳалли масъалаҳои институтсионаливу инфрасохтории ШДБХ дар мамлакат, ҳоло ҳам, натиҷаҳо ба имкониятҳои мавҷуда мутобиқ намебошанд. Аз ҷумла, масъалаҳои ҷамъоварӣ ва коркарду безараргардонии партовҳои маишӣ, азнавсозии пойгоҳҳои обкашӣ ва муҷҷаҳазгардоии таҷҳизоту инфрасохтори обёрии заминҳои кишоварзӣ, ҷорисозии иқтисоди рақамӣ дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва бисёр лоиҳаҳои бахшҳои дигари аҳамияти стратегидошта бояд тавассути механизми ШДБХ роҳандозӣ карда шаванд» [56].

Илова бар ин, «Тоҷикистон мавқеи худро дар самти содироти «сабз», бо истифода аз технологияи муосир ва маҳсулоти кишоварзии ватании аз ҷиҳати экологӣ тоза устувор гардонида метавонад ва бояд дар ин самт чораҷӯӣ карда шавад. Дар навбати худ татбиқи рукнҳои асосии иқтисодиёти «сабз» барои рушди сайёҳии аграрӣ ва экологӣ ва дигар намудҳои сайёҳӣ дар кишвар мусоидат менамояд» [88].

Ба андешаи мо, дар рушди ҳамкории давлат ва соҳибкорӣ рақамикунонии иқтисодиёт нақши махсус дорад. Маҳз рушди технологияҳои рақамӣ имкониятҳои навро барои баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ, дастрасии соҳибкорон ба хизматрасониҳои давлатӣ ва ташаккули моделҳои инноватсионии соҳибкорӣ фароҳам меорад. Ҷорӣ намудани хизматрасониҳои электронии давлатӣ, платформаҳои рақамии ҳамкории давлат ва соҳибкорӣ, инчунин рушди инфрасохтори технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои густариши ташаббусҳои шарикӣ шароити мусоид фароҳам месозад. Гузариши рақамии идоракунии давлатӣ имкон медиҳад, ки шаффофияти равандҳои иқтисодӣ баланд бардошта шавад, монеаҳои маъмурӣ барои соҳибкорӣ коҳиш ёбанд ва ҳамкории самараноки ниҳодҳои давлатӣ ва бахши соҳибкорӣ таъмин карда шавад.

Дар шароити кишвари мо рушди иқтисоди рақамӣ метавонад ба яке аз самтҳои калидии татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ табдил ёбад. Аз ҷумла, самтҳои ояндадор таъсиси платформаҳои рақамии хизматрасониҳои давлатӣ, рушди низомҳои электронии маъмурияти андоз, ҷорӣ намудани низомҳои савдои электронӣ ва хариди давлатии электронӣ, рушди инфрасохтори марказҳои додаҳо, инчунин таъсиси платформаҳои рақамии дастгирии соҳибкорӣ ба ҳисоб меравper. Татбиқи чунин лоиҳаҳо дар шакли шарикии давлат ва бахши хусусӣ имкон медиҳад, ки ҷараёни сармоягузориҳои хусусӣ ба рушди инфрасохтори рақамӣ таъмин гардида, раванди гузариши рақамии иқтисодиёт суръат бахшида шавад.

Ҳамзамон самти муҳими ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ рушди технологияҳои сабз ва соҳаҳои иқтисоди дорои самти экологӣ мебошад. Дар шароити тағйирёбии глобалии иқлим гузариш ба моделҳои аз ҷиҳати экологӣ устувори рушди иқтисодӣ, ки ба истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, рушди манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва ҷорӣ намудани технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза асос ёфтаанд, аҳамияти махсус доранд. Бахши хусусӣ метавонад дар татбиқи чунин лоиҳаҳо нақши калидӣ бозида,

сармоягузориҳо, қарорҳои технологӣ ва равишҳои инноватсионии идоракунии равандҳои истеҳсолиро таъмин намояд.

Мутобиқи Стратегияи рушди иқтисоди сабзи Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2037 яке аз самтҳои афзалиятнок рушди манбаъҳои барқароршавандаи энергия, баланд бардоштани самаранокии энергетикии иқтисодиёт, идоракунии устувори захираҳои табиӣ, инчунин ҷорӣ намудани технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза дар саноат ва кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин замина шарикии давлат ва бахши хусусӣ метавонад дар чунин самтҳо, аз ҷумла сохтмони неругоҳҳои барқи обии хурд ва миёна, рушди энергетикаи офтобӣ ва бодӣ дар минтақаҳои дурдасти кишвар, ҷорӣ намудани технологияҳои каммасрафи энергия дар соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ, рушди низомҳои аз ҷиҳати экологӣ устувори таъминоти об ва тозакунии обҳои партов, инчунин навсозии низоми идоракунии партовҳофаъолона истифода гардад.

Такмили механизмҳои ҳамкории давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ва рушди технологияҳои сабз ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии кишвар табдил меёбад. Татбиқи моделҳои самараноки шарикии давлат ва бахши хусусӣ имкон медиҳад, ки сармоягузориҳои иловагӣ ба иқтисоди миллӣ ҷалб гардида, ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ суръат бахшида шавад ва самаранокии татбиқи барномаҳои давлатии рушди устувор баланд бардошта шавад.

Ҳамзамон таҳлили таҷрибаи байналмилалӣ ва хусусиятҳои рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки рушди минбаъдаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ такмили системавии механизмҳои институтсионалӣ ва ташкилӣ-иқтисодии ҳамкории давлат ва бахши соҳибкориро талаб менамояд. Дар ин замина зарурати татбиқи як қатор самтҳои афзалиятноки такмили ин механизм асоснок карда мешавад.

Якум, ба мақсад мувофиқ аст, ки воситаҳои рақамии ҳамкории давлат ва сохторҳои соҳибкорӣ дар доираи татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ рушд дода шаванд. Таъсиси платформаҳои махсуси рақамии

ҳамкории давлат ва бахши соҳибкорӣ имкон медиҳад, ки шаффофияти тартиби интихоби лоиҳаҳо баланд бардошта шавад, дастрасии соҳибкорон ба иттилоот оид ба барномаҳои давлатӣ ва ташаббусҳои сармоягузорӣ таъмин гардад, инчунин ҳамоҳангсозии иштирокчиёни лоиҳаҳои шарикӣ содда карда шавад. Истифодаи низомҳои рақамии идоракунӣ ҳамчунин имкон медиҳад, ки самаранокии мониторинги татбиқи лоиҳаҳо баланд бардошта шуда, қабули қарорҳои идоракунӣ суръат ёбанд.

Дуюм, самти муҳими такмили ҳамкории давлат ва бахши соҳибкорӣ ташаккули низоми ҳавасмандиҳои иқтисодӣ мебошад, ки ба рушди технологияҳои сабз ва равандҳои истеҳсолии аз ҷиҳати экологӣ устувор равона гардидаанд. Аз ҷумла, истифодаи имтиёзҳои андозӣ, кафолатҳои давлатӣ ва механизмҳои маблағгузории имтиёзнок барои лоиҳаҳо дар соҳаи энергетикаи барқароршаванда, технологияҳои каммасрафи энергия, коркарди партовҳо, нақлиёти аз ҷиҳати экологӣ тоза ва навсозии саноат дар асоси технологияҳои сарфакунандаи захираҳо густариш дода шавад.

Сеюм, зарур аст, ки механизмҳои тақсими хавфҳо байни давлат ва бахши хусусӣ ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ такмил дода шаванд. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки самаранокии шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар бисёр маврид аз тақсими дақиқи масъулияти ҷонибҳо, шаффофияти тартиботи молиявӣ ва тақсими мутавозуни хавфҳо вобаста мебошад. Ташаккули чунин шароит манфиатмандии бахши хусусиро зиёд намуда, ба татбиқи устувори лоиҳаҳои шарикӣ мусоидат менамояд.

Чорум, яке аз самтҳои калидии рушди ҳамкории давлат ва сохторҳои соҳибкорӣ ташаккули механизмҳои институтсионалии банақшагирии стратегии лоиҳаҳои шарикӣ мебошад. Ворид намудани лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба низоми рушди дарозмуддати иҷтимоию иқтисодӣ мутобиқати онҳоро ба афзалиятҳои миллӣ таъмин менамояд, аз ҷумла рақамикунонии иқтисодиёт ва гузариш ба модели рушди дорои самти экологӣ, инчунин ба истифодаи самаранoктари захираҳои буҷетӣ мусоидат мекунад.

Панҷум, имкониятҳои назарраси рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ бо рушди иштироки субъектҳои соҳибкории хурд ва миёна дар татбиқи лоиҳаҳои муштарак алоқаманд мебошанд. Ҷалби соҳибкории хурд ва миёна ба ташаббусҳои инфрасохторӣ, инноватсионӣ ва экологӣ ба баланд гардидани фаъолнокии соҳибкорӣ, рушди иқтисоди минтақавӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат менамояд.

Шашум, самти муҳими такмили ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ рушди низоми тайёркунӣ ва такмили ихтисоси мутахассисон дар соҳаи идоракунии лоиҳаҳои шарикӣ мебошад. Баланд бардоштани салоҳиятҳои касбии хизматчиёни давлатӣ ва намояндагони соҳибкорӣ ба беҳтар гардидани сифати идоракунии чунин лоиҳаҳо ва коҳиш ёфтани хавфҳои институтсионалӣ мусоидат менамояд.

Ҳафтум, мувофиқ аст, ки нақши муассисаҳои илмӣ ва таълимӣ дар ташаккули муҳити инноватсионии ҳамкории давлат ва бахши соҳибкорӣ тақвият дода шавад. Ҷалби муассисаҳои илмӣ ва донишгоҳҳо ба таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ имкон медиҳад, ки иқтидори илмӣ-технологӣ самараноктар истифода гардида, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир дар иқтисодиёт суръат бахшида шавад.

Татбиқи самтҳои зикршудаи такмили механизми ҳамкории давлат ва бахши соҳибкорӣ имкон медиҳад, ки модели самараноки ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ ташаккул ёбад, ки ба барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувори иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидааст.

Ба андешаи мо, рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба татбиқи лоиҳаҳои мушаххас равона карда шавад, ки тавонанд рушди устувори иқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолӣ ва беҳтар гардидани вазъи экологиро таъмин намоянд. Дар ин замина мувофиқ аст, ки як қатор самтҳои афзалиятноки татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ муайян карда шаванд, ки метавонанд барои иқтисоди миллӣ аҳамияти стратегӣ дошта бошанд.

Аз ҷумла, самтҳои ояндадори татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ва гузариш ба модели рушди аз ҷиҳати экологӣ устувор метавонанд соҳаҳои зерин бошанд.

**1. Рушди энергетикаи барқароршаванда.** Яке аз самтҳои ояндадор рушди манбаъҳои барқароршавандаи энергия, аз ҷумла сохтмони неругоҳҳои барқи обии хурд, неругоҳҳои барқи офтобӣ ва неругоҳҳои гибридии энергетикӣ барои маҳаллаҳои аҳолинишини дурдаст ва душвордастрас дар минтақаҳои кӯҳӣ мебошад. Татбиқи чунин лоиҳаҳо дар шакли шарикии давлат ва бахши хусусӣ имкон медиҳад, ки сатҳи таъминоти энергетикии минтақаҳо баланд бардошта шавад, сохтори тавозуни миллии энергетикӣ васеъ гардад ва устувории низоми энергетикии кишвар тақвият ёбад.

**2. Навсозии низоми идоракунии захираҳои об ва инфрасохтори ирригатсионӣ.** Бо дарназардошти нақши назарраси бахши аграрӣ дар иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон, навсозии инфрасохтори хоҷагии об ба яке аз самтҳои муҳими татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ табдил меёбад. Дар доираи ин самт рушди низомҳои муосири таъминоти об, ҷорӣ намудани мониторинги рақамии захираҳои об, навсозии истгоҳҳои насосӣ бо истифода аз таҷҳизоти каммасрафи энергия ва ҷорӣ намудани низомҳои автоматикунонидашудаи тақсимоти об имконпазир мебошад. Истифодаи технологияҳои муосири идоракунии захираҳои об имкон медиҳад, ки самаранокии низомҳои обёрикунӣ баланд бардошта шуда, талафоти он коҳиш дода шавад.

**3. Рушди инфрасохтори нақлиётии аз ҷиҳати экологӣ устувор.** Самти муҳими ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ метавонад навсозии низоми нақлиёт бо дарназардошти принсипҳои устувории экологӣ гардад. Лоиҳаҳои ҷорӣ намудани нақлиёти ҷамъиятии барқӣ дар шаҳрҳои калон, таъсиси инфрасохтори истгоҳҳои пуркунии барқ барои автомобилҳои барқӣ, инчунин рушди низомҳои зеҳнии идоракунии ҷараёнҳои нақлиётӣ дорои дурнамои мусбат мебошанд. Илова бар ин, навсозии марказҳои логистикӣ ва долонҳои нақлиётӣ бо истифода аз технологияҳои рақамӣ имкон медиҳад, ки

самаранокии ҳамлу нақли бор баланд бардошта шуда, сатҳи ифлосшавии муҳити зист коҳиш дода шавад.

**4. Ташкили низомҳои муосири идоракунии партовҳои сахти маишӣ.** Рушди низоми коркарди партовҳои сахти маишӣ унсури муҳими сиёсати экологӣ ва рушди устувор мебошад. Дар доираи шарикии давлат ва бахши хусусӣ таъсиси маҷмааҳои муосири ҷудокунӣ, коркард ва безараргардонии партовҳо, ҷорӣ намудани технологияҳои коркарди такрорӣ ва истеҳсоли намудҳои алтернативии сӯзишворӣ аз партовҳо имконпазир мебошад. Татбиқи чунин лоиҳаҳо имкон медиҳад, ки фишори экологӣ ба муҳити зист коҳиш ёфта, ҳамзамон иқтидорҳои нави истеҳсолӣ таъсис дода шаванд.

**5. Рушди инфрасохтори рақамӣ ва таъсиси марказҳои коркарди додаҳо.** Дар шароити суръат гирифтани рақамикунонии иқтисодиёт самти ояндадори шарикии давлат ва бахши хусусӣ рушди инфрасохтори муосири рақамӣ мебошад. «Таъсиси марказҳои миллии коркарди додаҳо, рушди шабакаҳои телекоммуникатсионии баландсуръат ва платформаҳои рақамӣ имкон медиҳад, ки фаъолияти ҳукумати электронӣ таъмин гардида, хизматрасониҳои молиявии рақамӣ рушд ёбанд ва имкониятҳои тиҷорати электронӣ густариш дода шаванд» [36].

**6. Таъсиси паркҳои агротехнологӣ ва кластерҳои инноватсионӣ дар бахши аграрӣ.** Самти муҳими татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ ташаккули паркҳои агротехнологӣ ва кластерҳои инноватсионӣ мебошад, ки ба ҷорӣ намудани технологияҳои муосир дар соҳаи кишоварзӣ равона шудаанд. Истифодаи технологияҳои кишоварзии дақиқ, мониторинги рақамии истеҳсолоти кишоварзӣ, биотехнологияҳо ва усулҳои сарфакунандаи захираҳо имкон медиҳад, ки ҳосилнокии бахши аграрӣ баланд бардошта шуда, амнияти озуқавории кишвар таҳким ёбад.

**7. Рушди сохтмони сабз ва инфрасохтори шаҳрии каммасрафи энергия.** Самти ояндадори шарикии давлат ва бахши хусусӣ рушди лоиҳаҳои сохтмони сабз ва навсозии инфрасохтори шаҳрӣ дар асоси принсипҳои

самаранокии энергетикӣ мебошад. Дар доираи чунин лоиҳаҳо сохтмони биноҳои истиқоматӣ ва ҷамъиятии каммасрафи энергия, ҷорӣ намудани низомҳои зеҳнии идоракунии истеъмоли энергия, истифодаи масолеҳи сохтмонии аз ҷиҳати экологӣ бехатар ва навсозии иншооти мавҷуда бо мақсади коҳиш додани истеъмоли энергия ва партовҳои газҳои гулхонаӣ имконпазир мебошад.

**8. Рушди сайёҳии экологӣ ва инфрасохтори устувори сайёҳӣ.** Бо дарназардошти иқтидори назарраси табиии Ҷумҳурии Тоҷикистон самти ояндадори шарикии давлат ва бахши хусусӣ метавонад рушди сайёҳии экологӣ ва кӯҳнавардӣ бошад. Татбиқи лоиҳаҳои шарикӣ оид ба таъсиси маҷмааҳои сайёҳии аз ҷиҳати экологӣ устувор, хатсайрҳои сайёҳӣ, иншооти инфрасохтори хизматрасонӣ ва марказҳои маърифати экологӣ имкон медиҳад, ки захираҳои табиии кишвар самаранок истифода гардида, рушди иқтисоди минтақавӣ ҳавасманд карда шавад ва ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шаванд.

Ба низом даровардани самтҳои зикршуда имкон медиҳад, ки соҳаҳои афзалиятноки татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар шароити иқтисоди сабзи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шаванд (ҷадвали 3.1).

Татбиқи лоиҳаҳои зикршудаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ метавонад ба ноил гардидан ба як қатор Ҳадафҳои рушди устувори Созмони Милали Муттаҳид, аз ҷумла таъмини дастрасӣ ба энергияҳои дастрас ва тоза (ҲРУ 7), рушди устувори иқтисодӣ ва шуғли аҳолӣ (ҲРУ 8), рушди инфрасохтори устувор ва инноватсияҳо (ҲРУ 9), ташаккули шаҳрҳо ва маҳалҳои аҳолинишини устувор (ҲРУ 11), инчунин истеъмол ва истеҳсоли масъулона (ҲРУ 12) мусоидат намояд.

**Ҷадвали 3.1. Самтҳои афзалиятноки рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар шароити иқтисоди сабзи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Самт | Лоиҳаҳои имконпазири ШДБХ | Натиҷаҳои интизоршаванда |
|---|---|---|
| Энергетикаи барқароршаванда | Сохтмони неругоҳҳои барқи обии хурд, неругоҳҳои барқи офтобӣ, низомҳои гибридии энергетикӣ барои минтақаҳои кӯҳӣ | Коҳиши вобастагии энергетикии минтақаҳо, афзоиши истеҳсоли энергияи тоза, диверсификатсияи тавозуни энергетикии кишвар |
| Захираҳои об ва ирригатсия | Навсозии низомҳои ирригатсионӣ, ҷорӣ намудани мониторинги рақамии захираҳои об, истгоҳҳои насосии каммасрафи энергия | Баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои об, афзоиши ҳосилнокии кишоварзӣ |
| Идоракунии партовҳо | Таъсиси корхонаҳои коркарди партовҳо, маҷмааҳои ҷудокунии партовҳо, технологияҳои коркарди такрорӣ | Коҳиши фишори экологӣ, ташаккули унсурҳои иқтисоди даврагӣ |
| Нақлиёти аз ҷиҳати экологӣ устувор | Нақлиёти ҷамъиятии барқӣ, инфрасохтори истгоҳҳои пуркунии барқ барои автомобилҳои барқӣ, низомҳои зеҳнии нақлиётӣ | Коҳиши партовҳои $CO_2$, баланд бардоштани амнияти экологӣ дар шаҳрҳо |
| Инфрасохтори рақамӣ | Марказҳои коркарди додаҳо, платформаҳои рақамии хизматрасониҳои давлатӣ, низомҳои ҳукумати электронӣ | Рушди иқтисоди рақамӣ, баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ |
| Агроинноватсияҳо | Агротехнопаркҳо, низомҳои кишоварзии дақиқ, мониторинги рақамии кишоварзӣ | Баланд бардоштани маҳсулнокии бахши аграрӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои сарфакунандаи захираҳо |
| Сохтмони сабз | Биноҳои истиқоматӣ ва ҷамъиятии каммасрафи энергия, навсозии инфрасохтори шаҳрӣ, низомҳои зеҳнии идоракунии истеъмоли энергия | Коҳиши истеъмоли энергия дар биноҳо, кам шудани партовҳои газҳои гулхонаӣ |
| Сайёҳии экологӣ | Таъсиси маҷмааҳои сайёҳии экологӣ, масирҳои сайёҳии кӯҳӣ, инфрасохтори сайёҳии устувор | Рушди иқтисоди минтақавӣ, афзоиши шуғли аҳолӣ ва баланд гардидани ҷолибияти сайёҳии кишвар |

Дар ин раванд таъсиси ба истилоҳ «ҷойҳои кори сабз», ки дар натиҷаи татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории дорои самти экологӣ ташаккул меёбанд, аҳамияти махсус пайдо менамояд. «Рушди энергетикаи барқароршаванда, коркарди партовҳо, сохтмони каммасрафи энергия ва кишоварзии устувор ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани тахассуси захираҳои меҳнатӣ ва ташаккули сохтори муосири шуғл мусоидат менамояд» [49].




**Расми 8. – Модели ҳамгироишудаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ (таҳияи муаллиф)**

Бо дарназардошти таҳлили анҷомдодашудаи таҷрибаи хориҷӣ ва хусусиятҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, модели ҳамгироишудаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ пешниҳод мегардад, ки ба таъмини рушди устувори иқтисодӣ, инфрасохтори рақамӣ ва густариши истифодаи технологияҳои сабз равона гардидааст. Модели пешниҳодшуда низоми ҳамкории иштирокчиёни асосии лоиҳаҳои шарикӣ ва самтҳои асосии татбиқи ташаббусҳои сармоягузориро дар шароити гузариши рақамӣ ва экологии иқтисодиёт инъикос менамояд (расми 8).

Модели пешниҳодшудаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ зарурати ҳамгироии механизмҳои идоракунии стратегии давлатӣ, иқтидори сармоягузории бахши хусусӣ ва захираҳои инноватсионии муассисаҳои илмӣ-таълимиро инъикос мекунад. Дар ин модел мавқеи марказиро платформаи институтсионалии шарикии давлат ва бахши хусусӣ ишғол менамояд, ки танзими меъёрӣ-ҳуқуқӣ, тақсими хавфҳо ва ҳамоҳангсозии иштирокчиёни лоиҳаҳои сармоягузориро таъмин менамояд. Истифодаи ин модел имкон медиҳад, ки татбиқи самараноки лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ки ба рушди иқтисоди сабз, инфрасохтори рақамӣ ва соҳаҳои инноватсионии иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидаанд, таъмин гардида, барои ташаккули ҷойҳои кори сабз ва ноил гардидан ба ҳадафҳои рушди устувор шароити иловагӣ фароҳам оварда шавад.

Ҳамзамон татбиқи самараноки модели пешниҳодшудаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар бисёр ҷиҳат аз сатҳи рушди муҳити институтсионалӣ ва инфрасохтори дастгирии соҳибкорӣ вобаста мебошад. Дар ин замина такмили минбаъдаи механизмҳои ҳамкории давлат ва субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ таҳлили ниҳодҳои мавҷудаи дастгирии соҳибкорӣ ва шароити ташаккули муҳити мусоиди соҳибкориро талаб менамояд, ки он дар зербоби навбатии тадқиқоти диссертатсионӣ баррасӣ мегардад.

## 3.2. Беҳтарсозии муҳити институтсионалӣ ва инфрасохтори дастгирии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Рушди соҳибкорӣ дар шароити муосир ҳамчун яке аз омилҳои калидии таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ баррасӣ мегардад. Самаранокии фаъолияти бахши соҳибкорӣ дар бисёр ҷиҳат аз сифати муҳити институтсионалӣ вобаста мебошад, ки низоми қоидаҳо, меъёрҳо ва механизмҳои ҳамкории давлат ва соҳибкориро ташаккул медиҳад. Чунонки Д. Норт қайд менамояд, «муҳити институтсионалӣ маҷмӯи институтҳои расмӣ ва ғайрирасмиро ифода менамояд, ки рафтори иқтисодии субъектҳоро муайян намуда, барои фаъолияти иқтисоди бозорӣ шароит фароҳам меоранд» [126].

Тавре Муқаддасзода Ф.М. дар мақолаи илмии худ қайд менамояд «масъалаҳои боз ҳам беҳтарсозии шароити фаъолияти соҳибкорӣ ва таъмини рушди устувори бахши хусусӣ, рақобатпазир намудани онҳо ва фаъолнокии сармоягузорӣ дар иқтисоди миллӣ аз ҷумлаи самтҳои муҳимми расидан ба ҳадафҳои стратегии иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад» [57] ва вазифаи муҳим дар ин самт «амалисозии ислоҳоти ниҳодӣ (институтсионалӣ) барои беҳсозии фазои соҳибкорӣ, аз ҷумла такмили қонунгузорӣ ва низоми ҳимояи давлатии ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонунии соҳибкорӣ, бартараф кардани монеаҳои маъмурии зиёдатӣ дар рушди фаъолияти бахши хусусӣ, рушди низоми иҷрои қарордод ва ҳуқуқҳои молумулкӣ» [57] мебошад.

Ба назари мо, муҳити институтсионалии соҳибкорӣ бояд ҳамчун омили муҳимтарини ташаккули фазои мусоиди соҳибкорӣ баррасӣ гардад. Ба унсурҳои асосии он заминаи меъёрии ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ, ниҳодҳои давлатии танзими иқтисодиёт, ташкилотҳои молиявию қарзӣ, инфрасохтори инноватсионӣ, инчунин механизмҳои дастгирии давлатии соҳибкорӣ мансуб мебошанд.

Тавре ки муҳаққиқон таъкид менамоянд, «муҳити институтсионалӣ ба рушди соҳибкорӣ таъсири мустақим расонида, фаъолнокии инноватсиониро

ҳавасманд месозад ва ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат менамояд» [109].

Дар шароити навсозии иқтисоди миллии Тоҷикистон ва татбиқи вазифаҳои стратегии рушди устувор ташаккули муҳити мусоиди институтсионалӣ, ки рушди ташаббуси соҳибкорӣ ва рушди фаъолияти сармоягузориро таъмин менамояд, нақши муҳим мебозад. «Дар солҳои охир дар кишвар тадбирҳо оид ба такмили заминаи меъёрии ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ, рушди механизмҳои дастгирии давлатии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани шароити пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ амалӣ карда мешаванд» [61].

Ҳамзамон таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки рушди минбаъдаи соҳибкорӣ дар кишвар дар бисёр ҷиҳат аз сифати муҳити институтсионалӣ ва самаранокии фаъолияти инфрасохтори дастгирии соҳибкорӣ вобаста мебошад.

Дар шароити гузариши рақамии иқтисодиёт нақши инфрасохтори институтсионалии соҳибкорӣ боз ҳам муҳимтар мегардад. Мувофиқи таҳқиқоти Бонки Ҷаҳонӣ, «рушди хизматрасониҳои электронии давлатӣ, платформаҳои рақамии ҳамкории давлат ва соҳибкорӣ ва низомҳои муосири иттилоотии идоракунии равандҳои иқтисодӣ ба коҳиш ёфтани монеаҳои маъмурӣ, баланд бардоштани шаффофияти фаъолияти соҳибкорӣ ва беҳтар гардидани иқлими сармоягузорӣ мусоидат менамояд» [134].

Ҳамин тавр, рушди соҳибкорӣ аз шароити меъёрии ҳуқуқии фаъолияти он ва аз сатҳи рушди инфрасохтори институтсионалӣ вобаста мебошад, ки субъектҳои соҳибкориро бо захираҳои молиявӣ, иттилоотӣ, таълимӣ ва инноватсионӣ таъмин менамояд.

Тавре ки таҳқиқоти байналмилалӣ нишон медиҳанд, «мавҷудияти инфрасохтори рушдёфтаи дастгирии соҳибкорӣ ба коҳиш ёфтани монеаҳои институтсионалии фаъолияти соҳибкорӣ, густариши дастрасии соҳибкорон ба захираҳои молиявӣ ва баланд гардидани сатҳи фаъолнокии инноватсионии соҳибкорӣ мусоидат менамояд» [133]. Дар шароити иқтисодиёти давраи

гузариш рушди чунин институтҳо аҳамияти махсус касб менамояд, зеро онҳо мутобиқшавии бахши соҳибкориро ба шароити нави иқтисодӣ таъмин намуда, ба ташаккули муҳити устувори соҳибкорӣ мусоидат мекунанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули инфрасохтори институтсионалии дастгирии соҳибкорӣ дар доираи сиёсати давлатии рушди бахши хусусӣ амалӣ карда мешавад. Ниҳодҳои асосие, ки танзим ва дастгирии фаъолияти соҳибкориро таъмин менамоянд, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин як қатор дигар мақомоти давлатӣ мебошанд, ки дар татбиқи барномаҳои дастгирии соҳибкорӣ иштирок менамоянд [66].

Нақши назаррасро дар рушди муҳити соҳибкорӣ ниҳодҳои молиявӣ мебозанд, ки дастрасии субъектҳои соҳибкориро ба захираҳои қарзӣ ва сармоягузорӣ таъмин менамоянд. Ҳамзамон таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки дастрасии соҳибкорон ба захираҳои молиявӣ то ҳол маҳдуд боқӣ мемонад, махсусан барои субъектҳои соҳибкории хурд ва миёна.

Унсури муҳими инфрасохтори институтсионалии соҳибкорӣ инчунин ташкилотҳое мебошанд, ки дастгирии машваратӣ ва иттилоотии соҳибкориро таъмин менамоянд. Ба чунин сохторҳо «марказҳои дастгирии соҳибкорӣ, ассотсиатсияҳои соҳибкорӣ, муассисаҳои таълимӣ ва ташкилотҳои илмию тадқиқотӣ дохил мешаванд, ки дар тайёр намудани кадрҳо ва рушди фаъолияти инноватсионӣ иштирок мекунанд. Фаъолияти онҳо ба баланд бардоштани сатҳи салоҳиятҳои соҳибкорӣ, паҳн намудани усулҳои муосири идоракунии соҳибкорӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолнокии инноватсионии соҳибкорон равона гардидааст» [61].

Бо дарназардошти гуногунии ниҳодҳои дастгирии соҳибкорӣ зарур аст, ки унсурҳои асосии инфрасохтори институтсионалии муҳити соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низом даровarда шаванд.

Таҳлили унсурҳои пешниҳодшудаи инфрасохтор нишон медиҳад, ки дар кишвар низоми асосии ниҳодҳои дастгирии соҳибкорӣ ташаккул ёфтааст.

**Ҷадвали 3.2. Унсурҳои асосии инфрасохтори институтсионалии дастгирии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Унсури инфрасохтор | Институтҳои асосӣ | Вазифаҳои асосӣ |
|---|---|---|
Ҳамзамон асоснок карда шуд, ки дар шароити афзоиши аҳаммияти рӯзномаи экологӣ ва татбиқи Стратегияи рушди иқтисоди сабзи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2037 самти муҳими такмили ҳамкории давлат ва соҳибкорӣ рушди технологияҳои сабз мебошад. Муайян карда шуд, ки ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ метавонад дар рушди энергетикаи барқароршаванда, навсозии низомҳои таъминоти об ва ирригатсия, идоракунии партовҳо, рушди нақлиёти аз ҷиҳати экологӣ устувор, сохтмони сабз, агроинноватсияҳо ва сайёҳии экологӣ нақши махсус бозад. Маҳз дар ҳамин бахшҳо татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ метавонад ба рушди иқтисодӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва коҳиш додани фишори экологӣ мусоидат намояд.

Таҳқиқот нишон дод, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои афзалиятноки татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ бояд пеш аз ҳама ба соҳаҳое равона карда шаванд, ки дорои аҳамияти стратегӣ мебошанд. Ба чунин соҳаҳо рушди энергетикаи барқароршаванда, навсозии инфрасохтори обёрӣ, ташкили корхонаҳои коркарди партовҳо, рушди инфрасохтори рақамӣ, таъсиси паркҳои агротехнологӣ, ҷорӣ намудани нақлиёти ҷамъиятии барқӣ ва рушди инфрасохтори сайёҳии экологӣ мансуб дониста шуданд. Асоснок карда шуд, ки татбиқи чунин лоиҳаҳо ба беҳтар гардидани муҳити соҳибкорӣ ва ноил шудан ба Ҳадафҳои рушди устувор, аз ҷумла дар бахшҳои энергетика, инфрасохтор, шуғл, шаҳрҳои устувор ва истеҳсолу истеъмоли масъулона мусоидат менамояд.

Яке аз натиҷаҳои муҳимми таҳқиқот дар он ифода ёфт, ки рушди ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар бисёр маврид аз сифати муҳити институтсионалӣ ва инфрасохтори дастгирии соҳибкорӣ вобаста мебошад. Дар боб нишон дода шуд, ки муҳити институтсионалӣ бояд ҳамчун маҷмӯи низоми қоидаҳо, меъёрҳо, институтҳои давлатӣ, ташкилотҳои молиявӣ, марказҳои машваратӣ, сохторҳои инноватсионӣ ва воситаҳои рақамӣ баррасӣ гардад, ки фаъолияти соҳибкориро танзим ва дастгирӣ менамоянд. Муайян гардид, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми муайяни институтҳои

дастгирии соҳибкорӣ ташаккул ёфтааст, аммо самаранокии фаъолияти онҳо ҳанӯз бо маҳдудиятҳои ҳамоҳангсозӣ, дастрасии молиявӣ, сатҳи рушди инфрасохтори рақамӣ ва ҳамгироии нокифояи илм бо истеҳсолот маҳдуд мегардад.

Дар асоси таҳлил модели инфрасохтори институтсионалии дастгирии соҳибкорӣ пешниҳод карда шуд, ки ҳамкории давлат, бахши соҳибкорӣ, ташкилотҳои илмию таълимӣ ва институтҳои молиявиро дар доираи як низоми ҳамгиро пешбинӣ менамояд. Ин модел нишон медиҳад, ки барои рушди соҳибкории муосир танҳо мавҷудияти меъёрҳои ҳуқуқӣ кофӣ нест, балки зарур аст, ки инфрасохтори молиявӣ, машваратӣ, рақамӣ ва инноватсионӣ ба таври муназзам рушд дода шавад. Татбиқи чунин модел метавонад ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ, таҳкими иқтидори инноватсионӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди соҳибкории дорои самти экологӣ ва технологӣ мусоидат намояд.

Дар тадқиқот ҳамчунин нишон дода шуд, ки яке аз самтҳои муҳимми такмили ҳамкории давлат ва соҳибкорӣ ташаккули низоми муосири ҳавасмандгардонии иқтисодӣ ва молиявӣ мебошад. Асоснок карда шуд, ки рушди соҳибкорӣ дар шароити иқтисоди устувор истифодаи маҷмӯи васеи воситаҳои андозӣ, тарифӣ, молиявӣ ва сармоягузориро тақозо менамояд. Аз ҷумла, пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ барои корхонаҳои инноватсионӣ ва сабз, истифодаи субсидияҳои давлатӣ барои навсозии истеҳсолот, ҷорӣ намудани тарифҳои имтиёзнок барои корхонаҳои каммасрафи энергия, инчунин дастгирии минтақавии соҳибкорӣ ҳамчун воситаҳои муҳими ҳавасмандгардонии ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ арзёбӣ гардиданд.

Таҳқиқот нишон дод, ки механизмҳои молиявии дастгирии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд такмил дода шаванд, то ки дастрасии соҳибкорон ба захираҳои дарозмуддати молиявӣ васеъ гардад. Дар ин замина аҳаммияти рушди қарздиҳии имтиёзнок, таъсиси фондҳои сармоягузории дастгирии соҳибкорӣ, фондҳои кафолатӣ, васеъ намудани маблағгузории

лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва истифодаи воситаҳои нави молиявӣ таъкид карда шуд.

Самти махсуси таҳқиқот ба рушди молияи сабз бахшида шуд. Асоснок карда шудааст, ки дар шароити гузариш ба модели рушди устувори иқтисодӣ рушди воситаҳои молиявии сабз, аз ҷумла вомбаргҳои сабз, фондҳои экологӣ ва барномаҳои махсуси қарздиҳӣ барои лоиҳаҳои дорои самти экологӣ, аҳамияти махсус пайдо менамояд. Истифодаи чунин воситаҳо имкон медиҳад, ки сармоягузорӣ ба соҳаҳои энергетикаи барқароршаванда, коркарди партовҳо ва кишоварзии устувор фаъол гардонида шавад. Ҳамзамон нишон дода шуд, ки рушди молияи сабз метавонад ба таъсиси ҷойҳои кори сабз ва ташаккули самтҳои нави соҳибкорӣ мусоидат намояд.

Дар асоси таҳқиқоти анҷомдодашуда модели мукаммали механизми иқтисодию молиявии ҳамкории давлат ва бахши соҳибкорӣ таҳия карда шуд. «Модели мазкур ҳамгироии сиёсати давлатии танзим, воситаҳои иқтисодии ҳавасмандгардонӣ, механизмҳои молиявии дастгирӣ, шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва воситаҳои молияи сабзро дар доираи як низоми ягона пешбинӣ менамояд» [5]. Афзалияти асосии ин модел дар он ифода меёбад, ки он ба рушди соҳибкории инноватсионӣ, истифодаи самараноки захираҳо ва гузариши иқтисоди миллӣ ба модели рушди устувор равона шудааст.

Ҳамин тавр, натиҷаҳои боби сеюм нишон медиҳанд, ки такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ бояд дар заминаи муносибати ҳамгиро, ки рушди рақамикунонӣ, иқтисоди сабз, муҳити институтсионалӣ, инфрасохтори дастгирии соҳибкорӣ ва воситаҳои иқтисодию молиявии ҳавасмандгардониро муттаҳид мекунад, амалӣ гардад. Маҳз чунин равиш имкон медиҳад, ки ҳамкории давлат ва бахши соҳибкорӣ ба сатҳи сифатан нав бароварда шуда, нақши он дар рушди устувори иқтисоди миллӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёт, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва беҳтар гардидани вазъи иҷтимоию экологӣ тақвият ёбад.

# ХУЛОСА

## А) Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

1. Дар диссертатсия асоснок карда шудааст, ки ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ бояд ҳамчун низоми ҳамгирои муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва институтсионалӣ баррасӣ карда шавад, ки дар доираи он манфиатҳои давлат, бахши соҳибкорӣ ва ҷомеа бо ҳам мутобиқ мегарданд. Муайян гардидаст, ки консепсияи рушди устувор ҳамчун асоси методологии таҳқиқот зарурати таъмини тавозуни се унсури асосии рушди иқтисодӣ, яъне рушди иқтисодӣ, суботи иҷтимоӣ ва мувозинати экологиро ба миён меорад [2-М; 8-М].

2. Моҳият ва сохтори механизми ҳамкории давлат ва соҳибкорӣ дақиқ карда шудааст. Нишон дода шудааст, ки он маҷмӯи воситаҳои институтсионалӣ, иқтисодӣ ва молиявӣ мебошад, ки муносибатҳои байни давлат ва бахши хусусиро танзим менамоянд. Дар ташаккули чунин ҳамкорӣ нақши калидиро танзими давлатӣ ва дастгирии соҳибкорӣ мебозад. Бар замми ин, ки дастгирии давлатӣ бояд хусусияти маҷмӯӣ дошта, тадбирҳои ҳуқуқӣ, молиявӣ, институтсионалӣ, инфрасохторӣ ва машваратиро дар бар гирад. Ҳамчунин андешае исбот гардидааст, ки дар доираи он бидуни фароҳам овардани муҳити мусоиди соҳибкорӣ, такмили низоми дастгирии давлатӣ ва таъмини дастрасии соҳибкорон ба захираҳо таъмин намудани рушди устувори соҳибкорӣ ва ҳамкории самараноки давлат бо бахши хусусӣ ғайриимкон мебошад [3-М; 8-М].

3. Дар диссертатсия, дар асоси таҳлили назариявӣ ва омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ, аҳамияти шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун воситаи муассири расидан ба ҳадафҳои рушди устувор ошкор карда шудааст. Он ҳамчун механизми ҷалби сармоягузориҳои хусусӣ ва ҳамоҳангсозии манфиатҳои давлат ва бизнес баррасӣ мегардад.

Ба андешаи муаллиф, самаранокии татбиқи механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ аз сатҳи баланди идоракунии равандҳо, тақсимоти

одилонаи хавфҳо ва истифодаи оқилонаи захираҳо ва маблағҳо вобаста мебошад.

Дар шароити муосир, ба баланд бардоштани сифати чунин ҳамкорӣ ва расидан ба ҳадафҳои рушди устувор татбиқи равишҳои ба муҳити зист нигаронидашуда, ҷорӣ намудани принсипҳои иқтисоди сабз, инчунин истифодаи имкониятҳои технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ таъсири назаррас мерасонанд [1-М; 7-М]. .

4. Дар таҳқиқоти ки аз ҷониби муаллиф анҷомдодашуда, рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардида, нишон дода шудааст, ки ин бахш дар рушди иқтисоди миллӣ мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Афзоиши шумораи субъектҳои соҳибкорӣ ва густариши бахши хусусӣ аз болоравии фаъолиятҳои соҳибкорӣ ва иқтидори иқтисодии кишвар шаҳодат медиҳад. Бо вуҷуди ин, сохтори рушди он то ҳол бо бартарии соҳибкории хурд тавсиф мешавад, дар ҳоле ки соҳибкории миёна ва калон бо суръати нокифоя рушд меёбанд. Ин ҳолат гувоҳи он аст, ки дар кишвар имкониятҳои ташкили истеҳсолот бо арзиши иловашудаи баланд ва ҷалби сармоягузориҳои калон ба таври пурра истифода бурда намешаванд [4-М; 5-М; 10-М].

5. Муайян карда шудааст, ки рушди соҳибкорӣ бо дастрасии маҳдуди субъектҳои соҳибкорӣ ба захираҳои молиявӣ маҳдуд мегардад. Таҳлили гузаронидашуда нишон медиҳад, ки меъёрҳои баланди фоизии қарзҳои бонкӣ, маҳдуд будани манбаъҳои дарозмуддати маблағгузорӣ ва сатҳи нокифояи рушди инфрасохтори молиявӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ таъсири боздоранда мерасонанд.

Дар чунин шароит зарурати такмил ва бознигарии сиёсати иқтисодӣ ба миён меояд, яъне афзалиятҳои он бояд на танҳо ба зиёд намудани шумораи сохторҳои соҳибкорӣ равона гарданд, балки ба баланд бардоштани устувории фаъолияти онҳо, рушди соҳибкории миёна ва калон, инчунин таҳкими рақобатпазирии истеҳсолоти ватанӣ нигаронида шаванд [1-М; 5-М].

6. Натиҷаҳои таҳлили гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки дар шароити маҳдуд будани захираҳои давлатӣ механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун воситаи муҳими ҷалби сармоя ба рушди инфрасохтор аҳамияти хос пайдо менамоянд. Беҳтар гардидани муҳити макроиқтисодӣ, васеъ намудани доираи хизматрасониҳои молиявӣ ва баланд бардоштани дастрасии маблағгузорӣ заминаҳои асосиро барои фаъол гардидани фаъолияти соҳибкорӣ фароҳам меоранд. Дар ин замина, шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун механизме баррасӣ мегардад, ки ҷалби сармояи хусусиро ба соҳаҳои афзалиятнок, аз ҷумла ба энергетика, нақлиёт, инфрасохтори рақамӣ, хоҷагии об ва бахши иҷтимоӣ таъмин менамояд [1-М; 10-М].

**Б) Тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**

1. Баланд бардоштани самаранокии ҳамкории давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ ҷорӣ намудани модели ҳамгирои идоракуниро талаб менамояд, ки бар фаъолияти ҳамоҳангшудаи мақомоти давлатӣ, институтҳои молиявӣ ва инфрасохтори дастгирии бизнес асос меёбад. Дар доираи ин модел, аҳамияти калидӣ ба тақвияти ҳамоҳангсозӣ ва баланд бардоштани сифати қарорҳои идоракунӣ дода мешавад, ки ин ба афзоиши самаранокии сиёсати давлатӣ ва абзорҳои татбиқшавандаи дастгирии соҳибкорӣ мусоидат менамояд.

2. Иқтидори назарраси такмили ҳамкорӣ бо ташаккули платформаи ягонаи рақамӣ вобаста аст, ки ҳамгироии хизматрасониҳои давлатиро барои бахши соҳибкорӣ таъмин менамояд. Фаъолияти он ба соддасозии тартиби гирифтани хизматрасонӣ, коҳиш додани монеаҳои маъмурӣ ва баланд бардоштани шаффофияти қарорҳои идоракунӣ равона гардидааст. Дар натиҷа, хароҷоти соҳибкорон коҳиш ёфта, эътимод ба институтҳои давлатӣ тақвият меёбад, ки ин ба рушди муҳити соҳибкорӣ таъсири мусбат мерасонад.

3. Самтиояндадор ташаккули портфели лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ бо таваҷҷуҳ ба соҳаҳои афзалиятноки рушд мебошад. Татбиқи чунин равиш ҷалби сармояи хусусӣ, муносибгардонии гаронии буҷетӣ ва

истифодаи самараноки захираҳоро таъмин менамояд. Ҳамзамон, вазифаи такмили механизмҳои дастгирии молиявии соҳибкорӣ, махсусан дар самти васеъ намудани дастрасӣ ба захираҳои қарзӣ ва сармоягузорӣ, аҳамияти муҳим пайдо мекунад.

4. Дар шароити гузариш ба рушди устувор аҳамияти ҷорӣ намудани механизмҳои иқтисоди «сабз» ва таҳкими инфрасохтори дастгирии соҳибкорӣ меафзояд. Истифодаи воситаҳои иқтисодӣ, ки ба рушди лоиҳаҳои каммасрафи энергия ва ба муҳити зист нигаронидашуда равона шудаанд, ба коҳиш додани фишори экологӣ мусоидат менамояд. Ҳамзамон, тақвияти ҳамкории илм, бахши соҳибкорӣ ва давлат заминаи фаъолсозии равандҳои инноватсионӣ ва таъмини рушди дарозмуддати иқтисоди миллӣ мегардад.

# РӮИХАТИ АДАБИЁТ

1. Азимов П.Х. Государственно-частное партнерство в механизме формирования транспортно-логистической системы Республики Таджикистан: проблемы и перспективы // Экономика и управление. – 2017. – № 3. – С. 67-75.
2. Алиджанова С.А. Нақши иқтисодиёти сабз дар консепсияи рушди устувор / С.А. Алиджанова // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2023. – № 3. – С. 153-162.
3. Аминов И., Аминов Ф.И. Ташаккули «иқтисоди сабз» ва зарурияти такмили нишондиҳандаҳои молиявию хоҷагидории субъектҳои иқтисодӣ / И. Аминов, Ф.И. Аминов // Фурӯғи илм. – 2025. – № 2. – С. 249-258.
4. Аминов И., Окилова М.А. Роль государственно-частного партнерства в развитии экономики Республики Таджикистан / И. Аминов, М.А. Окилова // Таджикистан и современный мир. – 2018. – № 3(62). – С. 167-177.
5. Анфимова М.И. Совершенствование финансового механизма государственно-частного партнерства : диссертация ... кандидата экономических наук : 08.00.10 Москва 2016. - 158 с.
6. Бабкин И.А. Концептуальный подход для формирования проектов государственно-частного партнерства в промышленности // Научно-технические ведомости СПбГПУ. Экономические науки. – 2017. – Т. 10. – № 4. – С. 82-90.
7. Бедняков А.С. Государственно-частное партнерство как модель развития публичной инфраструктуры. Вестник МГИМО-Университета. 2022; 15(1): 143-176).
8. Беляева О.И., Моторина В.А. Взаимодействие бизнеса и государства как основа устойчивого развития региона // Современная экономика: проблемы и решения, 2022. - № 4. - С. 45-58.
9. Берендеева А.Б. Институциональная среда устойчивого развития и ESG-трансформации российской экономики // Вестник МГИМО-Университета. 2024. Т. 17. № 1. С. 89-104.

10. Борохов Д.А., Иванова Н.Е. Современные принципы и факторы развития инновационно промышленного предпринимательства. В сборнике: Региональная экономика: проблемы и перспективы развития в современных условиях. 2024. - С. 200-208.
11. Бобылев С.Н. Экономика устойчивого развития : учебник / С.Н. Бобылев. – Москва : КНОРУС, 2021. – С. 22.
12. Бойназарова М.М. Совершенствование системы государственной поддержки развития производственного предпринимательства в аграрном секторе экономики (на материалах Республики Таджикистан): автореф. дис. ... канд. экон. наук. – Душанбе, 2023. – 55 с.
13. Бровчак, С. В. Государственно-частное партнерство в финансовой модели социальной экономики // Экономика и управление. – 2022. – № 4. – С. 47-55.
14. Бруссер П., Рожкова С. Государственно-частное партнерство – новый механизм привлечения инвестиций // Рынок ценных бумаг. – 2007. – № 2. – С.79. – С. 30.
15. Валиев Н.Ш. Таҷрибаи хориҷии рушд ва низоми дастгирии давлатии соҳибкории хурд / Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (Маҷаллаи илмӣ). Душанбе, 2021, № 4/1 (38) – С. 60-71.
16. Валиев Н.Ш., Амонов С.С., Асрорзода А.С. Нақши фаъолияти соҳибкорӣ дар рушди устувори саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2024. – № 1 (51). – С. 155-165.
17. Варнавский В. Г. Государственно-частное партнёрство: теория и практика // Мировая экономика и международные отношения. – 2008. – № 7. – С. 28-37.
18. Голубев А.П. Политика валютного курса и устойчивое развитие национальной экономики : опыт России и Китая : автореферат дис. ... кандидата экономических наук : 5.2.5. Москва, 2023. – 25 с.
19. Государственно-частное партнерство в инфраструктуре: практическое руководство для органов государственной власти. – АО «Казахстанский

центр государственно-частного партнерства» при финансовой поддержке Консультативного офиса по участию частного сектора в инфраструктуре (PPIAF), 2010. – С. 250

20. Дадоматов Д. Н. Ташаккул ва рушди фаъолияти соҳибкории саноатӣ: назария, методология ва амалия (дар асоси маводҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон): дис. ... д-ра экон. наук. – Душанбе, 2020. – 283 с.
21. Делмон Дж. Государственно-частное партнерство в инфраструктуре: практическое руководство для органов государственной власти. – АО «Казахстанский центр государственно-частного партнерства» при финансовой поддержке Консультативного офиса по участию частного сектора в инфраструктуре (PPIAF), 2010. – С. 250.
22. Джайлоев З.М. Танзими давлатии соҳибкории истеҳсолии хурд дар шароити иқтисодиёти бозорӣ (дар асоси маводи вилояти Хатлон), дисс. номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05. Бохтар -2019. – С. 27.
23. Дмитриева Т.А. Методическое обоснование оценки качества государственного управления устойчивым развитием территорий : диссертация ... кандидата экономических наук : 5.2.7. Санкт-Петербург 2024. – 166 с.
24. Доклад Международной комиссии по окружающей среде и развитию (МКОСР) (Перевод с английского С.А. Евтеева, Р.А. Перелета) // официальный портал устойчивое развитие РФ – URL: http:// устойчивоеразвитие.рф/files/monographs/OurCommonFuture-introduction.pdf
25. Дынин Е.А. Риски бизнеса в частно-государственном партнерстве // Общество и экономика. – 2007. – № 5-6. – С. 108-115.
26. Жукова Е.В. Управление ESG-рисками организации в процессе устойчивого развития : дис. … канд. экон. наук. М., 2023. – 184 с.
27. Зубайдов С. Организационно-экономические аспекты совершенствования потребительского рынка в условиях инновационной экономики: теория,

физико-экономическое моделирование, практика (на материалах Республики Таджикистан) : автореферат дис. ... доктора экономических наук : 08.00.05. – Душанбе, 2022. - 35 с.

28. Ильин А.Ю. Государственно-частное партнерство как форма взаимодействия государства и бизнеса в модели экономики устойчивого развития // Экономические науки, 2024. - № 2. – С. 73-82.
29. Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ. Китоби дарсӣ –Душанбе: Ирфон, 2018. – 648 с.
30. Карлина, Е. П. Государственно-частное партнерство: модели, формы и механизмы реализации // Экономика и предпринимательство. – 2018. – № 8. – С. 120-126.
31. Каюмов Н.К. Экономика Таджикистана: современное состояние и перспективы развития. – Душанбе: Дониш, 2010. – 256 с.
32. Кейнс Дж.М. Общая теория занятости, процента и денег. – М., Прогресс, 1978. – С. 256.
33. Клаус Шваб. Технологии четвёртой промышленной революции = Shaping The Fourth Industrial Revolution. - Эксмо, 2018. – С. 114.
34. Клейнер Г.Б. Государство, общество, бизнес: взаимодействие в целях модернизации // Россия в глобализирующемся мире: модернизация российской экономики / под ред. Д. С. Львова, Г. Б. Клейнера. – М., 2007. – С. 165-166.
35. Козлов, А. А. Государственно-частное партнерство: сущность и классификация // Экономика и бизнес. – 2012. – С. 45-52.
36. Кочеткова С.А., Государственно-частное и муниципально-частное партнерство : учебник / С. А. Кочеткова. — Москва : КноРус, 2019. – 174 с.
37. Кудратов Р.Р., Шодиев, К.К. Формы финансового воздействия на развитие малого и среднего предпринимательства в сельском хозяйстве: региональный аспект // Вестник ТАУ: Кишоварз. – Душанбе, 2019. – № 3 (83). – С. 137-141.

38. Кузнецова Ю.А. Этапы формирования и развития концепции устойчивого развития // Молодой ученый. – 2013. - № 5. – С. 337-339.
39. Кузьмина С.Н., Бабкин И.А. Принципы и модели государственно-частного партнерства в промышленности и научно-инновационной сфере // Вестник Забайкальского государственного университета. – 2015. – № 12 (127). – С. 110-120.
40. Курбонова Ф.Х., Султонов З.С. Формирование инфраструктурного обеспечения и развитие государственно-частного партнёрства в Республике Таджикистан // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических наук. – 2017. – № 2. – С. 45-52.
41. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ” аз 2.01.2020 № 1684.
42. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ” аз 28.12.2012, № 907 - https://mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-шарикии-давлат-ва-бахши-хусусӣ
43. Қурбонов А.Р., Сафаров Ҷ.А. Асосҳои илмӣ-иқтисодии фаъолияти соҳибкорӣ ва нақши он дар рушди иқтисоди миллӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2025. – № 4/1 (59). – С. 171-178.
44. Қурбонов А.Р., Сафаров Ҷ.А. Фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ва нақши он дар рушди устувори иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. – 2023. – № 3 (54). – С. 150-157.
45. Лоуренс Саммерс. Реформа в Восточной Европе» (Reform in Eastern Europe, 1991, в соавторстве с О. Бланшаром, П. Кругманом и Р. Лэйардом).
46. Матвеева, Ю. С. Государственно-частное партнерство и его влияние на развитие экономики // Вестник науки. – 2018. – № 6. – С. 85-90.
47. Маҳмадалӣ Б.Н. Эволютсияи назарияи рушди устувор дар низомҳои иқтисодию иҷтимоӣ / Б.Н. Маҳмадалӣ // Истифодабарии захираҳои табиӣ, экология ва рушди устувор. – 2022. – № 1. – С. 140-147.

48. Мерзлов И.Ю. Государственно-частное партнерство в Европейском союзе: опыт и будущие тренды : монография. М.: Инфра-М, 2021. – 312 с.
49. Мерзлов И.Ю. Сравнительный анализ тенденций государственно-частного партнерства в европейских и азиатских странах в 2023-2025 годах // Интеллект. Инновации. Инвестиции. – 2025. – № 5. – С. 40-50.
50. Мирсаидов А.Б. Ташаккули механизмҳои индустрии «сабз» ҳамчун омили рушди устувори иқтисоди миллӣ / А.Б. Мирсаидов, О. Муртазозода // Международные отношения и безопасность. – 2025. – № 2(14). – С. 172-185.
51. Мирсаидов А.Б., Файзов Н.Б. Моҳияти рушди устувор ва механизмҳои татбиқи он / А.Б. Мирсаидов, Н.Б. Файзов // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2022. – № 2(78). – С. 122-133.
52. Мирсаидов М.Н., Сафаров А. Тахаввулоти назарияҳо ва ташаккули консепсияи рушди устувор / М.Н. Мирсаидов, А. Сафаров // Кишоварз. – 2020. – № 1. – С. 157-164.
53. Мукаддасзода Ф.М. Государственно-частное партнерство как ресурс достижения прогнозных показателей роста экономики / Ф.М. Мукаддасзода // Таджикистан и современный мир. – 2018. – № 3(62). – С. 199-204.
54. Мукаддасзода Ф.М. Государственно-частное партнерство как фактор развития рыночных услуг/ Ф.М.Мукаддасзода // Журнал «Таджикистан и современный мир». -Душанбе: КВД «Таджикдипсервис», 2016. - №4 (54). - С.147-157.
55. Мукаддасзода Ф.М. Развитие государственно-частного партнерства в сфере рыночных услуг / Ф.М. Мукаддасзода ; Под редакцией Л.Х. Саидмуродова. – Душанбе : Ирфон, 2018. – 285 с.
56. Муқаддасзода Ф.М., Ҳаёхоҷаев Ш.Ф. Масъалаҳои назариявию амалии шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи хизматрасонӣ / Ф.М. Муқаддасзода, Ш.Ф. Ҳаёхоҷаев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. – № 2-1(46). – С. 226-234.

57. Муқаддасзода Ф.М. Ҷанбаҳои назариявӣ ва ҷараёни рушди фазои соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ф.М. Муқаддасзода // Международные отношения и безопасность. – 2024. – № 4 (12). – С. 142-155.
58. Муқаддасзода Ф.М., Давлатов Н.С. Баъзе ҷанбаҳои назариявию методологии ташаккули фазои мусоиди соҳибкорӣ // Паёми ДДБ ба номи Н. Хусрав. – 2022. – № 1/4 (104). – С. 131-136.
59. Набиев Д.М. Государственно-частное партнёрство в развитии транспортной инфраструктуры Республики Таджикистан // Вестник экономической науки Таджикистана. – 2018. – № 3. – С. 78-86.
60. Низомова Т.Д., Каджкулоев А.Ф. Эффективность развития предпринимательства в АПК региона: монография. – Душанбе, 2018. – 174 с.
61. Нозимов Б.Р. Современное состояние развития институциональной среды малого предпринимательства в Республике Таджикистан // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. Душанбе, 2018. – С. 45-48.
62. Одинаев Х.А. Эколого-экономическое регулирование природопользования в сельском хозяйстве. - М.: МАКС Пресс, 2004.- 240 с.
63. Одинаев Ҳ.А. Тоҷикистон дар масири рушди устувор / Ҳ.А. Одинаев // Международные отношения и безопасность. – 2022. – № 2(2). – С. 111-128.
64. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маҷмуаи оморӣ.- Душанбе, 2020 – С. 215;
65. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маҷмуаи оморӣ.-Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. – С. 220, 2023. – С. 231, 2024. – С. 231, 2025. – С. 232.

66. Отчет о социально-экономическом развитии страны. Министерство экономического развития и торговли Республики Таджикистан. Душанбе, 2023. – С. 42-45.
67. Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. шаҳри Душанбе - соли 2012 Ниг. www: President.tj
68. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 16.12.2025, ш. Душанбе.
69. Практическое руководство по вопросам эффективного управления в сфере государственно-частного партнерства / Европейская экономическая комиссия. Организация Объединенных Наций. – 2008. – С. 114.
70. Раҳматзода Р.Қ., Одинаев А.И. Арзёбии тамоюлҳои рушди соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – Душанбе, 2023. – С. 124-133.
71. Роль государственно-частного партнерства в системе инструментария государственной политики управления экономическим развитием / Е. В. Дробот [и др.] // Экономика, предпринимательство и право. – 2024. – Т. 14, № 6. – С. 2633-2648.
72. Роль ГЧП в вопросах ESG-трансформации РФ // Росинфа: официальный портал национального центра государственно-частного партнерства – URL: https://rosinfra.ru/news/rol-gcp-v-voprosah-esg-transformacii-rf
73. Романова О.А., Макарова И.В., Петров А.П. Государственно-частное партнерство в системе механизмов реализации промышленной политики // Бизнес, менеджмент и право. – 2009. – № 1 (18). – С. 25-29.
74. Садриддинов М.И. Гидроэнергетический потенциал Республики Таджикистан: современное состояние и перспективы развития // Научная дискуссия: вопросы экономики и управления. – Москва, 2012. – № 5. – С. 104-112.

75. Садриддинов, М. И. Оценка значимости водных ресурсов в формировании пространственной структуры хозяйства Республики Таджикистан // Региональная экономика: теория и практика. – 2013. – № 28. – С. 45-52.
76. Саидзода К.С., Қурбонов А.К. Арзёбии вазъи рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрии иқтисодиёт // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2024. - № 7. - С. 68-77.
77. Саидова М.Х. Государственно-частное партнёрство в сфере физической культуры и спорта Республики Таджикистан // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических наук. – 2014. – № 3. – С. 120-126.
78. Самый новейший толковый словарь русского языка XXI века / Авт.-сост. Е.В. Диниц, Д.А. Ермаков, О.В. Иванникова. - М.: АСТ, 2004. - 286 с.
79. Сафаров Ҷ.А. Рақамикунонии ҷараёни фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ва роҳҳои такмили он // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – № 2/2 (47). – С. 170-177.
80. Сафаров Ҷ.А. Такмили низоми андозбандии соҳибкории инфиродӣ дар шароити муосир // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – № 4 (48). – С. 160-172.
81. Сафаров Ҷ.А., Ҷафархони Ш., Турахонзода С. Самтҳои афзалиятноки стратегияи рушди фаъолияти соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2024. – № 4/1 (54). – С. 265-274.
82. Сафарова Л.Д. Развитие государственно-частного партнёрства в сфере услуг Республики Таджикистан // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2016. – № 1. – С. 85-93.
83. Сафоев, А. К. Раванди идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва роҳҳои баланд бардоштани он дар самти саноатикунонии босуръати иқтисодиёт //

Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2024. – № 4/2 (50). – С. 358-366.

84. Сафоев, А. К., Зарипова, Г. А. Асосҳои назариявии идоракунии хавфҳои иқтисодӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2024. – № 4/2 (50). – С. 158-164.
85. Сафоев Ҳ.С. Ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ дар рушди иқтисодиёти муосир / Ҳ.С. Сафоев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2019. – № 4(29). – С. 235-239.
86. Сибурина Т.А. Механизмы государственно-частного партнерства: российский и зарубежный опыт, особенности применения в социальной сфере // Менеджмент и бизнес-администрирование. – 2010. – № 1. – С. 46-52.
87. Смит А. Исследование о природе и причинах богатства народов. Перев. с англ: М.: Наука. - 1993. – С. 36.
88. Солеҳзода А.А. Ҷумҳурии Тоҷикистон: роҳ ба сӯи рушди устувор дар заминаи принсипи иқтисоди "сабз" / А. А. Солеҳзода // Тоҷикистон: иқтисод ва идора. – 2020. – № 2. – С. 60-69.
89. Старикова Е.А. Устойчивое развитие в меняющемся мире. Роль государства и бизнеса : монография. М.: КНОРУС, 2022. – 256 с.
90. Стратегия развития зеленой экономики Республики Таджикистан на период до 2037 года. Правительство Республики Таджикистан. Душанбе, 2022. – С. 38-41.
91. Стратегия цифровой экономики Республики Таджикистан. Агентство инноваций и цифровых технологий при Президенте Республики Таджикистан. Душанбе, 2022. – С. 28-31.
92. Таджибаева М.Н., Азимова З.А. Миграционное поведение населения Таджикистана и его эволюционная динамика // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук, 2017. - № 3. – с. 85-94.

93. Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ / Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С. 347;
94. Фадюшин И.С. Международный опыт развития ГЧП / И.С. Фадюшин. Международный научно-исследовательский журнал. 2019. № 4 (82).
95. Фозилов Р.Ш. Заминаҳои пайдоиш ва асосҳои назарявии рушди устувор / Р.Ш. Фозилов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – № 3. – С. 99-105.
96. Фридман М. Капитализм и свобода. М.: Новое издателӣство, 2005. – С. 63.
97. Хабибов С. Х., Эшов Д.К. Малое предпринимательство: монография. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 130 с.
98. Ходжаев П.Д., Сафарова Л.Д. Государственно-частное партнерство как фактор инновационного развития экономики Республики Таджикистан / П.Д. Ходжаев, Л.Д. Сафарова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2025. – № 7. – С. 32-41.
99. Холбобоев Ф.С. Шарикии давлатӣ-хусусӣ – уфуқи нави рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми 1. Шарикии давлатӣ-хусусӣ ҳамчун воситаи муҳими ҷалби сармоягузорӣ / Ф.С. Холбобоев, М.А. Анварзода, А.Ю. Наҷмиддинзода // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2024. – № 4. – С. 84-94.
100. Хачиров, Эльмар Мухамметович Развитие институциональной среды как фактор экономического роста в современной России : диссертация ... кандидата экономических наук : 5.2.1. Ессентуки, 2025.
101. Цзыхао Л. Взаимодействие бизнес-структур и государства в современных социально-экономических условиях // Экономика и управление. 2022. № 9. С. 112-121.
102. Цифровая трансформация и государственное управление: научно-практическое пособие (Емельянов А.С., Ефремов А.А., Калмыкова А.В. и

другие; ред. кол.: д.ю.н., доц., Л.К. Терещенко, д.ю.н., доц. А.С. Емельянов, д.ю.н., проф. Н.А. Поветкина). - "Инфотропик Медиа", 2022 г.

103. Ҷумаев А.Қ. Консепсияи рушди устувор: мафҳум ва мундариҷаи он / А. Қ. Ҷумаев // Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Серия: Естественные и экономические науки. – 2021. – № 1 (56). – С. 69-73.

104. Шаропов Ф.Р. Соҳибкории тиҷоратӣ ва стратегияи рушди он дар Тоҷикистон. – Душанбе: Ирфон, 2007. – 115 с.

105. Шаропов Ф.Р., Досиев М.Н. Нақш ва моҳияти соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули «иқтисоди сабз»: назария ва амалия / Ф.Р. Шаропов, М.Н. Досиев // Идоракунии давлатӣ. – 2023. – № 4-1(63). – С. 27-33.

106. Юдин Д.С. Региональная экономическая политика использования государственно-частного партнерства для повышения конкурентоспособности региона : автореферат дис. ... доктора экономических наук : 5.2.3. Санкт-Петербург, 2025. - 37 с.

107. Шумпетер Й. А. Теория экономического развития. Капитализм, социализм и демократия / Й. А. Шумпетер; [предисл. В. С. Автономова; пер. с нем. В. С. Автономова, М. С. Любского, А. Ю. Чепуренко; пер. с англ. В. С. Автономова, Ю. В. Автономова, Л. А. Громовой, К. Б. Козловой, Е. И. Николаенко, И. М. Осадчей, И. С. Семененко, Э. Г. Соловьева]. — М.: Эксмо, 2008. – С. 142.

108. Asia PPP Practitioners’ Network Conference 2024: Advancing Sustainable and Resilient PPPs in a Dynamic Landscape. Asian Development Bank, 2024. – URL: https://www.adb.org/news/events/2024-asia-ppp-practitioners-network-conference-advancing-sustainable-and-resilient-pp-ps-in-a-dynamic-landscape

109. Baumol W., Litan R., Schramm C. Good Capitalism, Bad Capitalism and the Economics of Growth and Prosperity. New Haven: Yale University Press, 2007. – P. 56-65.

110. Cangiano M., et al. (2006) Chapter 1. Public-Private Partnerships. In book: Public-Private Partnerships, Government Guarantees, and Fiscal Risk. Publisher: International Monetary Fund, P. 100. – https://doi. org/10.5089/9781589064935.058.ch001. (In Eng.).
111. Deal Update: Quarterly Report. InfraPPP, 2024. – p.18. – URL: https://wappp.net/wp-content/uploads/2024/09/ Quarterly-PPP-Report-Q2-2024.pdf
112. Digital Government for Development. World Bank. Washington: World Bank, 2021. – P. 45-47.
113. Entrepreneurship Policies through a Gender Lens. OECD.Paris: OECD Publishing, 2021. – P. 74-76
114. ESG-Library МГИМО. Показатели и стандарты устойчивого развития территорий : аналитический доклад. М., 2025.
115. European Commission proposes new PPP labelling requirements. Chambers and Partners, 2025. – URL: https:// chambers.com/articles/european-commission-proposes-new-ppp-labelling-requirements
116. Green Paper on Public-Private Partnerships and Com- munity Law on Public Contracts and Concessions. – Brussels. – 30.04.2004. – P. 327.
117. Hodge, G. A., Greve, C., Boardman, A. E. (2010) International Handbook on Public–Private Partnerships. Publisher: Edward Elgar Publishing, pp. 139. – https://doi.org/10.4337/9781849804691. (In Eng.).
118. Hurst C., Reeves E. An Economic Analysis of Ireland’s First Public-Private Partnership // The International Journal of Public Sector Management. – 2004. – Vol. 17. – № 5. – P. 463.
119. Infrastructure Monitor: Global trends in private investment in infrastructure. World Bank Group, 2025. – P. 164. - URL: https://cdn.gihub.org/umbraco/media/5555/infrastructure-monitor-2024-report.pdf

120. Infrastructure's Role in Europe's Transformation. DWS Group, 2025. –URL: https://hedgenordic.com/2025/04/ infrastructures-role-in-europes-transformation

121. Lisovsky, A. L. Sustainable development and business process management / A. L. Lisovsky // Стратегические решения и риск-менеджмент. – 2019. – Vol. 10. – № 3. – C. 228-237.

122. Market Update: Review of the European public-private partnership market in 2024. European PPP Expertise Centre, 2025. – P. 20. – URL: https://www.eib.org/attachments/lucalli/20250010 _epec_market_update_2024_en.pdf

123. Mouraviev N., Kakabadse N.K. Risk allocation in a public–private partnership: a case study of construction and operation of kindergartens in Kazakhstan. – Journal of Risk Research, 17(5), 2014. – P. 621-640.

124. Muhn J. Key Regulatory Changes in Europe for 2025: What You Need to Know. Finovate, 2025. – URL: https://finovate.com/key-regulatory-changes-in-europe-for-2025-what-you-need-to-know

125. National University of Singapore study. Public-Private Partnerships in Singapore: Efficiency and Speed. – 2025.

126. North D. Institutions, Institutional Change and Economic Performance. Cambridge: Cambridge University Press, 1990. – P. 3-10

127. Osei-Kyei, R., Chan, A. P. C. (2017) A best practice framework for public-private partnership implementation for public construction projects in developing countries: a case of Ghana. Benchmarking An International Journal. Vol. 25. No. 3, pp. 2806–2827. – https://doi.org/10.1108/BIJ-05-2017-0105. (In Eng.).

128. Policy Updates. Donor Tracker, 2024. – URL: https://donortracker.org/policy_updates?policy=eu-publishes- 2025-global-gateway-flagship-project-list-2024

129. Private Participation in Infrastructure (PPI): Annual Report. World Bank Group, 2023. – URL: https://ppi.

worldbank.org/content/dam/PPI/documents/PPI-2023-Annual-Report-Final.pdf

130. Private Participation in Infrastructure Projects Data- base / The World Bank Group – The Public-Private Infrastruc- ture Advisory Facility. – July 2008.

131. Public-Private Partnership (PPP) Handbook. Asian Development Bank, 2008. – P. 101. – URL: https://www. adb.org/sites/default/files/institutional-document/31484/public-private-partnership.pdf

132. Report of the United Nations Conference on Environment and Development. Rio de Janeiro, 3-14 June 1992. Resolutions Adopted by the Conference. – United Nations. – New York, 1993, 486 p.

133. SME Policy Index: Eastern Partner Countries. OECD. Paris: OECD Publishing, 2017. – P. 115-118.

134. Tajikistan Country Economic Memorandum: Boosting Private Sector Growth. World Bank. Washington, 2020. – P. 64-70

135. Temulin B., Mengzhong Z. (2022) Review on the Public-Private Partnership. Management Studies. Vol. 10. No. 1, pp. 1-2.

136. The 2024 Annual Single Market and Competitiveness Report. European Commission, 2024. – URL: https:// single-market-economy.ec.europa.eu/ publications/2024-annual-single-market-and-competitiveness-report_en

137. The Club of Rome. The Limits to Growth, [Захираи электронӣ]. URL: https://clubofrome.org/ publication/the-limits-to-growth (санаи муроҷиат 22.04.2025).

138. The Digital Transformation of SMEs. OECD. Paris: OECD Publishing, 2021. – P. 96-99.

139. World Bank. Uzbekistan Infrastructure Governance Review. Washington, DC: World Bank, 2023. - 52 p.

140. Yakunin V.I. Partnership mechanism of governance // Social Research. 2007. no. 2. pp. 154. – С. 59.

# ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

**(бо забони асл):**

**А) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд:**

[1-М] Асрорзода А.С. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун механизми самараноки таъмини рушди устувори иқтисодӣ / Ф.Р. Шарофзода, А.С. Асрорзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. – № 3 (58). – С. 490-495. – ISSN 2308-054X.

[2-М] Асрорзода А.С. Ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ / А.С. Асрорзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. – № 2. – С. 68-73. – ISSN 2308-054X.

[3-М] Асрорзода А.С. Дастгирии давлатии соҳибкорӣ: моҳият, зарурат ва роҳҳои такмили он дар шароити муосир / А.С. Асрорзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – № 3 (53). – С. 15-25. – ISSN 2308-054X.

[4-М] Асрорзода А.С. Нақши фаъолияти соҳибкорӣ дар рушди устувори саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон / Н.Ш. Валиев, С.С. Амонов, А.С. Асрорзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – № 1 (51). – С. 63-75. – ISSN 2308-054X.

[5-М] Асрорзода А.С. Роҳҳои беҳбудии амнияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ш.Қ. Хайрзода, А.С. Асрорзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – Бохтар, 2020. – № 1–2 (74). – С. 170-176.

[6-М] Асрорзода А.С. Назарияҳои амнияти молиявӣ дар раванди таҳияи буҷа / А.С. Асрорзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – Бохтар, 2020. – № 1-2 (74). – С. 197-203.

**В) Мақолаҳо дар дигар маҷаллаҳо ва маҷмуи маводҳои конференсия**

[7-М] Асрорзода А.С. Практика применения Ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ / Ф.Р. Шарофзода, А.С. Асрорзода // Иқтисоди сабз дар шароити тағйирёбии иқлим: гузариш бо мақсади рушди устувор : маводи конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ, бахшида ба Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо (Душанбе, 15 майи соли 2025). – Душанбе : Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабзи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, 2025. – С. 32-38.

[8-М] Асрорзода А.С. Ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ / Ф.Р. Шарофзода, А.С. Асрорзода // Иқтисоди сабз дар шароити тағйирёбии иқлим: гузариш бо мақсади рушди устувор : маводи конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ, бахшида ба Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо (Душанбе, 15 майи соли 2025). – Душанбе : Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабзи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, 2025. – С. 32-38.

[9-М] Асрорзода А.С. Бахши хусусии соҳибкорӣ ва нақши он дар таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ / Н.Ш. Валиев, А.С. Асрорзода // Иқтисод ва сайёҳӣ: тамоюл ва дурнамо. – Душанбе: ДБССТ, 2024. – № 1. – С. 23–31. – ISSN 2307-2512.

[10-М] Асрорзода А.С. Муҳити соҳибкорӣ ҳамчун таъмини шароити мусоид ва омилҳои ташаккули он / Н.Ш. Валиев, А.С. Асрорзода // Маърифати ҳуқуқӣ – омилҳои муҳими таҳкими давлатдории миллӣ: маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ (25-26 апрели 2024) . – Душанбе: ДБССТ, 2024. – С. 235-245.